ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №9 (291) 20-уми майи соли 2019, душанбе (оғози нашр: соли 1994)

## ТАБРИКОТИ

### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН



Ҳамватанони азиз!

Фардо барои мусулмонони ҷаҳон моҳи шарифи Рамазон фаро мерасад. Ба ин муносибат мардуми шарифи Тоҷикистонро самимона табрик мегӯям.

Рамазон дар ҳаёти мусулмонон айёми озмоиши ирода, сабру таҳаммул ва ба камол расонидани дигар хислатҳои неки инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз ҳикматҳои аслии моҳи шарифи Рамазон дар он ифода меёбад, ки инсон бо эҳсоси гуруснагиву ташнагӣ аз ҳолати ятимону маъюбон, беморону эҳтиёҷмандон ва шахсони камбизоат бештар огоҳ мегардад ва барои осон намудани мушкилоти онҳо мувофиқи имконияту тавони худ дасти кумак дароз мекунад.

Яъне рӯзадорӣ дар табиати одамон, пеш аз ҳама, пок нигоҳ доштани дилу забон, зоҳиру ботин, бо муомилаи неку меҳрубонӣ ба ҷо овардани иззати инсон ва раҳму шафқатро бедор месозад.

Мардуми мусулмони мо дар ин моҳи муборак ба аёдати падару модарон ва беморону камбизоатҳо мераванд, ба ятимону маъюбон ва шахсони эҳтиёҷманд кумак мерасонанд, то ки бо чунин аъмоли хайрхоҳона соҳиби савоби бештар гарданд.

Парҳезкорӣ ва лутфу эҳсон ба аҳли хонадон, хешу табор ва ҳамсояҳову ёру дӯстон, худдорӣ кардан аз амалҳои ношоиста, иҷрои корҳои хайру савоб ва арзишҳои дигаре ҳастанд, ки риояи онҳо дар ин моҳи муборак ба мусулмонон воҷиб дониста шудааст.

Фазилати дигари моҳи рамазон дар ботини ҳар як мусулмон ташаккул додани хислати ҷавонмардӣ ва саховатмандӣ мебошад.

Тибқи сарчашмаҳои муътамад саховатмандиву ҷавонмардӣ ва ғамхориву

*Идомааш дар саҳ. 2*

## НОМОВАРОНИ ДОНИШГОҲ




## АКАДЕМИК КАРИМОВ АЗ ТАРАФИ МД ММПИ БО "НИШОНИ ФАХРӢ" ҚАДРДОНӢ ГАРДИД!




## ПУШТИ ҲАР БУЗУРГЕ НОБИҒАЕ ҲАСТ




## ФАЗЛИДДИН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ҶОЙИ 2-ЮМРО ИШҒОЛ КАРД!




## МИНБАРИ ДОНИШҶӮ




## ҶОПОНИҲО АЗ МО ЧӢ ФАРҚ ДОРАНД?




## МО ОДАМ НАМЕШАВЕМ!



*Имрӯз қадри нуктаи мавзун намондааст,*
*Инсоф дар қаламрави гардун намондааст.* Соиб



# ТАБРИКОТИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН

дилсӯзии Расули акрам дар моҳи шарифи рамазон дучанд мешудааст.

Дар баробари ин, додани садақаи фитр ва умуман, ҳама гуна хайроту садақа дар моҳи шарифи Рамазон ҳамчун яке аз воқеиботи дини мубини ислом ба шумор меравад.

Дар ояти 60 сураи "Тавба" ба таври равшану возеҳ ба кадом табақаи одамон додани садақа баён шудааст.

Садақаи фитр ва хайрот, пеш аз ҳама, ба наздикон, хешу табори камбизоату муҳтоҷ, табақаҳои ниёзманди ҷомеа, яъне ятимону маъюбон, шахсони бесаробон ва оилаҳои камбизоат аз ҳисоби заҳмати ҳалол ва бо дасту қалби пок дода мешавад.

Дар ин раванд, бояд донист, ки ҳама гуна рафтори хусусияти зоҳирпарастӣ, худнамоӣ ва исрофкоридошта ҳеҷ маънӣ надорад.

Ҳамчунин, ҳар як фарди муъмин бояд дар хотир дошта бошад, ки дар моҳи шарифи Рамазон амалҳои неку писандида, аз ҷумла хайроту садақа на ба хотири зоҳирпарастӣ, намоишкорӣ, исрофкорӣ ва худро аз дигарон болову беҳтар нишон додан, балки барои ба даст овардани хушнудии Худованд анҷом дода мешаванд.

Тибқи оятҳои қуръонӣ "беҳтарини бандагон дар назди Худо парҳезгоҳтарини онҳоянд".

Мардуми шарифи мо хуб медонанд, ки ба рӯҳу арвоҳи гузаштаҳо танҳо савоби дуо ва қироати каломи раббонӣ мерасад.

Яъне худдорӣ кардан аз зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва оростани дастархони серхарҷ аз аъмоли воқеии дини мубини ислом шуморида мешавад.

Дар ин бобат дар сураи "Исро"- и каломи осмонӣ омадааст: -"Ва ҳеҷ гоҳ исроф макун! Ба дурустӣ, ки исрофкорон бародарони шайтонҳоянд ва шайтон нисбат ба Парвардигори худ носипос аст".

Вале то ҳанӯз ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ин фармудаҳои Худованд ва ҳамчунин, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" дар ҷомеаи мо аз ҷониби баъзе ашхос иҷро намегарданд ва чунин шахсон бо оростани дастархони пурдабдабаву намоишкорона меъёрҳои зикршударо дағалона поймол мекунанд.

Вобаста ба моҳи мубораки рамазон таъкиди як масъалаи дигарро зарур мешуморам, ки дар фиқҳи ҳанафӣ барои мусулмонон, аз ҷумла ба занони ҳомила ва кӯдаки ширхӯрдошта, мусофирон, беморон ва барҷомондагон сабукиҳо муқаррар шудаанд.

Дар ояти 195 сураи "Бақара" омадааст, ки "… Хештанро бо дастҳои худ ба вартаи ҳалокат наафканед".

Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки моҳи рамазон имсол низ ба фасли гармо баробар меояд.

Шахсоне, ки бо корҳои саҳроӣ ва дигар навъҳои меҳнати вазнин машғуланд, дар сурати доштани рӯза ба машаққати сахт гирифтор мешаванд ё ҳатто саломатии онҳо зарар мебинад.

Агар ризқу рӯзии бо заҳмат парваришкардаи марди деҳқон дар вақташ ҷамъоварӣ нашавад, чунин амал боиси ба мушкилоту сахтӣ рӯ ба рӯ шудани рӯзгори мардум, яъне қимат шудани маҳсулот ва ҳатто гуруснагӣ мегардад. Чунонки дар осори донишмандони фиқҳи ҳанафӣ зикр шудааст, шахсоне, ки ба корҳои вазнин машғуланд, аз ҷумла кишоварзон ва коргарони коргоҳу корхонаҳо рӯза нагирифтанашон мумкин аст.

Гурӯҳҳои зикршудаи мусулмонон метавонанд дар дигар вақти барояшон мусоид рӯза гиранд.

Дар сураи "Нисо"-и Қуръони маҷид ба ин маънӣ таъкид шудааст: -"Ва хештанро макушед. Ба дурустӣ, ки Худо ба шумо меҳрубон аст".

Вазъи ҷаҳони муосир, махсусан, баъзе кишварҳои мусулмонӣ сол ба сол ноором гардида, низоъҳои байнимазҳабӣ торафт тезутунд шуда истодаанд, ки маъқи онҳо метавонад сарҳади давлатҳои ороиму осударо убур карда, вазъи дохилии онҳоро низ бесубот гардонад.

Ҳамзамон бо ин, хусусан, солҳои охир раванди сиёсӣ сохтани ислом вусъати хатарнок гирифта, ҳар рӯз боиси қатлу куштори ҳазорон нафар аҳолии осоишта ва бе хонаву ҷой мондани миллионҳо нафари дигар шуда истодааст.

Аксари гурӯҳҳои ифротӣ аъмоли нангини худро таҳти никоби ислом содир мекунанд, ҳол он ки дини ислом аслан ва моҳиятан зидди ифротгароиву хушунат ва қатлу куштор буда, баръакс, одамонро ба инсондӯстӣ ва корҳои нек ҳидоят менамояд.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки ҳадафи асосии равияҳои ифротиро ба мардум, хусусан, ба наврасону ҷавонон фаҳмонем ва нагузорем, ки дар ҷомеа андешаҳои ба мафкураи мо бегона нуфуз пайдо кунанд.

Дар раванди таълиму тарбияи ҷавонон, бахусус, ба масъалаҳои дӯст доштани Ватан, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва таъриху фарҳанги пурғановати халқамон, инчунин, пос доштани иззату ҳурмати падару модар ва калонсолон бояд эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Мо бояд шукрона кунем, ки давлати озоду Ватани обод дорем ва аз баракати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ дар фазои осуда зиндагӣ мекунем.

Тавре, ки борҳо иброз дошта будам, дар зиндагии ҳаррӯза имконияти савобгирӣ хеле зиёд аст.

Вале тибқи мушоҳидаҳо баъзе тоҷирон дар арафаи моҳи рамазон ва идҳо нархи маҳсулоти озуқаро ба хотири даромади муфт ва беасос баланд мебардоранд ва бо чунин кирдори худ, аз як тараф, боиси озурдахотирии ҳамватанони мусулмони хеш мегарданд ва аз тарафи дигар, худашон ва аҳли хонаводаашонро аз савоби ин моҳи шариф маҳрум месозанд.

Дар ҳадисҳои пайғамбари ислом оқибати чунин рафтор таъкид шудааст: -"Ҳар кӣ нархро арзон карда, мардумро ба худ ҷалб менамояд, ризқаш афзун мешавад. Ва ҳар ки нархро боло мебарад, ӯ шармсор мегардад".

Ё дар ҳадиси дигар чунин омадааст: "Тоҷири қиматфурӯш ва шахси худкушикарда дар як дараҷа қарор мегиранд. Зеро ҳар ки дар коре аз нархгузории рӯзгори мусулмонон, яъне боло бурдани нархи молҳо бар онҳо дахолат кунад, пас дониста бошад, ки Худованд ӯро рӯзи қиёмат дар оташи сӯзон қарор медиҳад".

Вақтҳои охир як қисми ҳамватанони мо маблағҳои ба нияти ҳаҷ ҷамъовардаашонро барои корҳои хайр, аз ҷумла бунёди мактабу марказҳои саломатӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, таъмири роҳу пулҳо, кашидани хатти оби нӯшокӣ ба маҳалли зисти худ, тармиму обод кардани манзили зисти хеш ё шахсони камбизоат сарф карда истодаанд, ки ин амал, албатта, боиси дастгириву таҳсин мебошад.

Тибқи таълимоти ислом чунин корҳо савоби ҳория мебошад, ки аз баракати он худи шахсони хайрхоҳу ҳимматбаланд ва аҳли хонадони онҳо ба таври доимӣ баҳравар мегарданд.

Бовар дорам, ки чунин раванди неку созанда дар доираи омодагӣ ба сисолагии истиқлолияти Тоҷикистони азизамон вусъати бештар пайдо мекунад ва мо ин ҷашни бузурги миллиамонро дар шароити ороми осудаи Ватанамон ва ба зиндагии аз имрӯза хеле беҳтари халқамон истиқбол мегирем.

Бори дигар фаро расидани моҳи шарифи Рамазонро ба мардуми шарафманди кишварамон табрик гуфта, барои ҳар як сокини мамлакат хонаи обод, ризқу рӯзии фаровон, тандурустӣ, фароҳдастиву имони комил ва саодати рӯзгорро орзу менамоям.

Фарорасии моҳи шарифи Рамазон муборак бошад, ҳамватанони азиз!

## ИБОРАҲОИ МАМНУЪ ДАР ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Табиъист, ки аз ҷониби фарзанд хатое, ё гуноҳе содир мешавад, (ҳамчуноне ки дар ҳамин синну сол аз мо содир мешуд) ва падару модар аз он сахт нохушнуд ва хашмгин мешаванд. Дар ин ҳангом падару модар ибораҳое ба забон меронанд, ки ба фарзанд садамаи рӯҳӣ мезананд ва шуъури фарзандро захмгин мекунанд.

Шояд, падару модар ҳангоми хашм пайомади суханонашонро ҳис накунанд ва он суханони дуруштро маҳз барои паст кардани шиддати хашми худ ва қабеҳ будани гуноҳи фарзанд гуфта бошанд.

Бо вуҷуди ин, чунин суханони заҳрогин метавонанд, дар зеҳни фарзанд як умр укдаи нафсӣ эҷод кунанд, азияташ диҳанд, ба сӯи инҳирофаш баранд, муътоди сигор, шароб, ё бангаш кунанд, эътимодашро ба хештан коста созанд, сабабгори силсилаҳои нокомӣ дар ҳаёташ шаванд ва ҳатто ӯро ба бемориҳои нафсӣ мубтало намоянд.

Аксари ин ибораҳои мамнуъ иборатанд аз: таҳқири фарзанд ва паст заданаш, нисбат додан ба лақабҳои нописанд, ба ҳайвонот ташбеҳ доданаш, таҳдидҳо ва дуъои бади хунчакон ва ғайра...

Шаммае аз феҳристи нотамоми ибораҳои мамнуъ:

Худо ҷонатро бигирад!
Бефарзандам кунад!
Худо гумат кунад!
Нестат кунад!
Решаат хушк!
Риштаат қоқ!
Тухмат пок!
Рӯят сиёҳ!
Ҷавонмаргат бикушад!
Сарат дар хок (қабр)!
Саратро бихӯрӣ!
Зори сарат монад!

Барои чи Худо ту бесаводро (бадбахтро, шӯрапуштро ....) ба мо дод?

Ту барои мо мусибатӣ (дарди сарӣ, ангалӣ, сабаби шармандагиӣ ва ғ.).

Ту ҳеҷ ба ман монанд нестӣ!
Ту ба фалон кас монандӣ!
Ту ба тағоят монанд астӣ.
Ту аз паи тағоҳоят рафтаӣ.

Агар нахобӣ, гург (чин, шайтон, ҳайвон, саг) меояду туро мехурад.

Агар сухани ман намешунавӣ, табиброн мехонам, то биояду туро сӯзандармон занад.

Агар ором нанишинӣ, аз хона меравам дигар барнамегардам ва ту бе падар (модар) мемонӣ.

Агар ин коратро бас накунӣ, ба ятимхона месупорамат.

Агар ин коратро бори дигар такрор кунӣ, аз хона бадарат мекунам.

Агар ин корро накунӣ, фарзанди ман нестӣ, ё дигар маро падар (модар) магӯ.

Агар фалон корро накунӣ, оқат мекунам!

Туро дигар дӯст намедорам (туро шум мебинам, худатро дар назарам шум кардӣ ва ғ.).

Бо ин хонданҳоят ба саводат ҳаргиз ба донишгоҳ дохил намешавӣ.

Чаро мисли бачаи ҳамсоя (бародарат, ҳамсинфат) намешавӣ?

Аз дасти ту хок (ҳеҷ кор, фоида) намеояд.

Ба ғайр аз зиён аз ту чизи дигар намерасад.

Мо дигар таҳаммули туро надорем.

Аз рангу рӯи чунин писар безорам.

Баъди ин корат, туро дигар чашми дидан надорам.

Бо ҳамин ақлат Худо говат халқ накард!

Мағзи хар хурдаӣ?!

Беақлтар ва бесаводтар аз ту касе нест!

Ҷои ту оғил аст, ҳамроҳи говон.

Кори аз ҳама муносиб барои ту мусоркашӣ(боркашӣ, чӯпонӣ, хизматгорӣ)-ст.

Кошки фалонӣ фарзанди мо мебуд!

Фалонӣ аз ту беҳтар аст.

Ту одами нокомӣ!

Ҳеҷ либос туро намезебад.

Давраи ҷавоният аст, писарам, бихӯру бигарду духтарбозӣ (зино) кун, ки ҷавонӣ дуйумбора барнамегардад!

Кордзан (одамхур, одамкуш, берахм, бандит, хулиган) аст, писарам!

Ту фақат суханони маро иҷро кун, на ончи ки ман (аз корҳои хато) мекунам (мисли сигоркашӣ, шаробхорӣ, бенамозӣ, фиреб, дурӯғгӯӣ, дашномкунӣ ва ғайра..).

**Сифатҳои мамнуъ:**

Паъат (мухаффафи падарлаънат), оқипадар, аҳмақ, аблаҳ, беақл, девона, бесавод, бехунар, кӯрсавод, пурхӯр, бузургшикам (катаишканб, Қорӣ-Исмат), танбал, фарбеҳ, ғафс, хароб (лоғар), кӯтаҳқад (пакана), безеб, бадшакл, каҷдаҳан, уребчашм, гунг, кундзеҳн, кавдан, номард, буздил, ҳайвон, харбача, хар, гӯсола, гов, сагбача, саг, рӯсияҳ, шарманда, дузд, дурӯғгӯ ва...

*Фирдавсии Нуралиён,*
*рӯзноманигор*

## ДУРДОНАҲОИ БУЗУРГОН




Виҷдон - қонуни қонунҳост.

**А. Ламартин**

ХХХХ

Муаллим инсонро ташаккул медиҳад.

**М. М. Калинин**

ХХХХ

Муаллимӣ ҳунарест оливу наҷиб.

**Л. Н. Толстой**

ХХХХ

Мояи ифтихори муаллим талабагон - донаҳои кишташ мебошад.

**Д. И. Менделеев**

ХХХХ

Инсон бе санъату маърифат инсон нест. Агар аз санъат маҳрум бошад, гӯё, ки дил надорад, агар маърифаташ набошад, гӯё, ки мағз надорад.

**Бобоҷон Ғафуров**

ХХХХ

Пайдоиши рушди илм, санъат ва ҳунар ба эҳтиёҷот ва талаботи одамон вобаста аст.

**Демокрит**

ХХХХ

Агар Худо набошад, анҷоми ҳар коре раво хоҳад буд.

**Достоевский**

ХХХХ

Ба ҳамаи оламон имконияти бузург даст медиҳад, вале аксари одамон фаҳмида наметавонанд, ки бо он рӯ ба рӯ шудаанд.

**У. Даннинг**

ХХХХ

Тақдиратонро ба дасти худ гиред, дар акси ҳол онро нафари дигар ба даст мегирад.

**Ноел Тичи**

ХХХХ

Агар чизеро тасаввур кардан тавонӣ, онро ба ҷо оварда ҳам метавонӣ.

**Эйнштейн**

ХХХХ

Инсон қобилияташро замоне мефаҳмад, ки барои истифода бурдани он азм намояд.

**Сенекаи хурдӣ**

ХХХХ

Зиндадилӣ на танҳо нишонаи солимист, он инчунин воситаи аз ҳама муассири пешгирӣ намудани ҳамаи бемориҳост.

**С. Смайлс**

ХХХХ

Шогирдон пайрави он устоде мегарданд, ки ӯ ба онҳо роҳ нишон медиҳад, вале пайрави он устоде намешаванд, ки ӯ танҳо хатоҳояшонро нишон медиҳад.

**Квинтилиан**

ХХХХ

Пул ченаки муваффақияти иҷтимоӣ мебошад.

**Д. Клейсон**

ХХХХ

Агар хоҳед, ки ақлатон дурусттар кор кунад, аз ҳоли тани худ бохабар бошед.

**Р. Декарт**

ХХХХ

Гуфтан мумкин аст, ки ҳар як одам бо вуҷуди хориҷкунанда будан, дар тӯли ҳаёташ аз миллиард ҳатто як ҳиссаи имконияти мағзашро пурра истифода намебарад.

**Н. Дурбинин**

*Қадри шеъри тар чи медонанд ноқистинатон,*
*Оби ҳайвон бар замини шӯра пошидан чаро? Соиб*



# НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҒАЛАБАИ БУЗУРГ

*Расидан ба қадри ҷоннисориву заҳмати насли калонсол ва кӯмаку ғамхорӣ дар ҳаққи иштирокчиёну собиқадорони ҷангу меҳнат қарзи инсонии ҳар як шаҳрванди баору номус аст. Роҳбарони идораву муассисаҳо, корхонаву ширкатҳо, тоҷирону соҳибкорон ва умуман, онҳое, ки имконияти молии мусоид доранд, метавонанд дар ин кори хайр ба қадри тавони худ саҳм гиранд.*

*Эмомалӣ РАҲМОН*



*Исмон ШОИМАРДОНОВ,*
*ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ*

Бо гузашти солҳо шукӯҳ ва азамати Ғалабаи Бузург барои халқи Шӯравӣ ва мардуми олам аёнтар мегардад, зеро ин ғалаба мақсадҳои ботили ҳукмрони кулли олам шудани фашистони Олмонро барбод дод.

Мо батакрор рӯзҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватаниро ёдовар шуда, мекӯшем амиқтар дар бораи омилҳои барангезандаи эҳсоси қаҳрамониву ҷонфидоии онҳое, ки барои ҳифзи кишвари Шӯравӣ сина сипар намуданд, барои бо хӯроку пӯшок ва силоҳ таъмин кардани сарбозон дар ақибгоҳ ҷонфидоёна заҳмат кашиданд, андеша ронем, хубтар дарк кунем ва тарғиб намоем. Муборизае, ки халқи Шӯравӣ бар зидди фашистони ғосиб мебурд, набарди одилона, озодибахш, набарди муқаддас буд. Омили муҳими ғалаба ваҳдат ва якмаром будани ҷабҳаву ақибгоҳ гардид. Корномаи синфи коргару деҳқон, зиёиёни Шӯравӣ якҷоя бо қаҳрамониҳои сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ рӯзи Ғалабаро наздик кард.

Талафоти Тоҷикистон дар ҷанг зиёд буд, бештар аз 300 ҳазор фиристодагони ҷумҳурии мо дар майдонҳои набард ҷонбозиҳову қаҳрамониҳо карданд. Аз ҷумла, падари ман - Шоимардонов Ҷамшед дар сафи ин фиристодагон буда, дар қисми 22 гвардияи артиллеристчиён таҳти фармондеҳи дивизия полковник Еременко адои хизмати Ватан намуда, аз муҳорибаҳои назди Сталинград сар карда, то озод намудани шаҳри Берлин иштирок кардааст. Бештар аз 90 ҳазор ҷанговарон шаҳид шуданд. Барои корнамоиву мардонагӣ дар набарди зидди фашизм 58 нафар унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гирифтанд ва 21 нафар дорандагони ордени "Шараф" гардиданд. Меҳнаткашони Тоҷикистон дар ҳаққи захминшудагону маъюбони давраиҷангӣ ғамхории калон зоҳир намуданд. Дар солҳои аввали ҷанг ба ҷумҳурӣ бисёр госпиталҳо кӯчонида, дар биноҳои ободу зеботарин ҷой дода шуданд. Фарзандони Тоҷикистон дар тамоми ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар назди деворҳои қалъаи Брест, дар камонаки Курск, дар назди Москва ва Ленинград, ҳангоми муҳофизати Одесса, Севастопол ва Сталинград, дар соҳилҳои дарёҳои Волга ва Днепр шуҷоату мардонагӣ нишон дода, шаҳру деҳоти Украина, Белорусия, Молдавия ва Назди Балтика, мамлакатҳои аз тарафи гитлерчиён забтгардидаи Аврупоро озод намуданд.

Моҳи ноябри соли 1941 дар муҳорибаҳои шимолу ғарбии назди Москва дивизияи савораи 20-ум, ки онро Тоҷикистон сарпарастӣ мекард, дар ҳайати корпуси гвардиягии генерал Доватор ба ҷанг оғоз карда буд. Дивизия дар давоми ин муҳорибаҳо қаҳрамонона ҷангида, супоришҳои ба зиммааш гузошташударо сарбаландона иҷро намуд. Ҷанговарони дивизия ҳар як ваҷаб хоки муқаддаси Ватанро ба ивази ҷони худ ҳифз карданд. Тоҷикписар Муҳаммад Иброҳимов дар дастаи тӯп нишонгир буд. Вақте ки дар задухӯрд бо танкҳо ва аскарони пиёдагарди душман рафиқонаш ҳалок шуданд, худаш танҳо бо гитлерчиён ба муҳориба даромад. Ин корнамои М. Иброҳимов бо ордени Ленин қадрдонӣ карда шуда буд.

Дар рафти муҳорибаи Сталинград "Хонаи Павлов" ҳамчун рамзи пойдорию истодагарии ҷанговарони Шӯравӣ шуҳрат ёфта буд. Гурӯҳе аз сарбозони диловар таҳти фармондеҳии Павлов дар маркази Сталинград (ҳозира шаҳри Волгоград) як биноро зиёда аз 50 рӯз мудофиа карданд. Байни мудофиачиёни ин бино фарзандони бисёр халқҳо, аз ҷумла, тоҷикписар А. Турдиев низ буд. Фарзанди Тоҷикистон Мирзо Бобоҷонов бо пулемёти худ даҳҳо нафар сарбозони немисро қир кардааст ва ҳоло ин пулемёт чун нишоне аз корнамоиҳои ҷангии аскарони Шӯравӣ дар Осорхонаи маркази Артиши Россия дар Москва нигоҳ дошта мешавад. Дар рафти муҳорибаи Курск фарзанди дигари Тоҷикистон Исмоил Ҳамзаалиев низ диловарӣ нишон додааст. Баъди иваз намудани тирандозӣ ҳалок шуда, ӯ чандин танки душманро бо тӯп аз кор баровард. Душман мавқеи тӯпро ду рӯз аз тайёраҳо бомбаборон карданд. Рафиқони ҷангии И. Ҳамзаалиев ҳалок шуданд, тӯп оташ гирифт. Артиллеристи ҷасур тӯпи ҳамсояашро ба ҷои васеъ баровардa, боз як танки душманро оташ зад. Вай 16-ми августи соли 1943 дар ҷанг ҳалок гардид. Пас аз марг ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидааст. Дар ҷангҳои тобистони соли 1943 тоҷикзанон низ иштирок доштанд. Лётчикдухтар Ойгул Муҳаммадҷонова ҳангоми ҳамла ба мавқеи душман захмин гардид, нишонгири экипажаш ҳалок шуд. Вай муъҷизавор тайёраашро аз оташи душман наҷот дода, ба мавқеи қушунҳои мо фуруд омад. Ҳайати фармондеҳии ҷабҳа О. Муҳаммадҷоновaро, ки ба мавқеи душман 93 парвози ҷангӣ кардааст, ба гирифтани ордени Ленин пешбарӣ намуд.



Дар муҳорибаҳои соҳили Днепр низ фарзандони Тоҷикистон кам набуданд. Собиқ ҷонишини комиссари халқии зироати Тоҷикистон Саидқул Турдиев ихтиёрӣ ба ҷанг рафта буд. Охири моҳи сентябри соли 1943 ротаи пулемётие, ки ӯ фармондеҳӣ мекард, аз дарёи Днепр гузашта, мавқеъ гирифт. Онҳо бо душман ба задухӯрд даромаданд. Командири баталён дар рафти муҳориба ҳалок шуд ва ӯро Саидқул Турдиев иваз намуд. Онҳо мавқеи ишғолкардаашонро нигоҳ доштанд. Командирашон то дами охирин қаҳрамонона ҷангид. Пас аз марг ба ӯ номи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дода шуд.

Умуман, Ҷанги Бузурги Ватаниро ба чор даври асосӣ ҷудо менамоянд. Давраи аввал муҳорибаи назди Москва аз 30-юми сентябри 1941 то 20-уми апрели соли 1942 мебошад, ки дар ин муҳориба Артиши Сурх бори аввал ғалаба ба даст овард.

Давраи дувум - муҳорибаи Сталинград аз 17-уми июли соли 1942 то 2-юми феврали соли 1943 буд, ки дар ин муҳориба Артиши Сурх ғолиб омад ва тақдири ояндаи ҷанг маълум гардид.

Давраи севум - муҳорибаи Курск буд, ки аз 5-уми июл то 23-юми августи соли 1943 идома ёфт. Дар ин муҳориба дар назди деҳаи Прохоровка задухӯрди азими танкии Ҷанги Дуюми Ҷаҳон баргузор гардид ва Артиши Сурх зафар ёфт.

Давраи чорум - амалиёти Берлин буд, ки дар ин муҳориба Олмони фашистӣ мағлуб гардид.

Наслҳои нав ва ояндасозӣ кишварамон дар мисоли собиқадорони ҷанг сабақи ватандорӣ, садоқат ба қасами ҳарбӣ, далерию мардонагӣ ва иродатмандӣ мегиранд.

Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ фоҷеаи бузургтарини башарият дар чанд садсолаи охир ба шумор меравад. Новобаста аз он ки вақтҳои охир доир ба мақсадҳои гӯё "наҷиб"-и Гитлер дар матбуоти расмиву гайрирасмӣ матолиби бисёр ба табъ мерасад, як чиз аниқ аст, ки гитлерчиён мехостанд кишвареро бо номи СССР ба хоку хун кашида, мардуми онро ба ғулом табдил диҳанд ва ин ҳақиқати бебаҳс аст. Ин ҳам ҳақиқати бебаҳс аст, ки мардуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла тоҷикон бо амри дил ба муборизаи зидди фашистон бархестанд ва дар ин роҳ ба онҳо муҳаббати ёру диёр қувват мебахшид. Тоҷикбачаи ғарқи хун дар бешаҳои дурдасти Аврупо пеш аз калимаи шаҳодати худ шояд ин рубоиро замзама мекард:

***Дар дашт будам,***
***гул-гулаи ҷанг омад,***
***Мардбача будам,***
***гурехтанам нанг омад.***
***Шамшери қазо ба***
***гарданам танг омад,***
***Хуни ҷигарам зи ҳар***
***сари санг омад.***

Мо, ворисон, ки Иди Ғалабаро ҷашн мегирем, пеши корнамоиҳои бемисли сарбозони Ватан сари таъзим фуруд меорем. Сари таъзим фуруд меорем пеши онҳое, ки тамоми сахтию маҳрумиятҳои солҳои ҷангро бар дӯш гирифта, ҳама ранҷу дарду азобҳоро пушти сар гузоштанд. Мо, ворисон, сари таъзим фуруд меорем ва аҳсан мегӯем ба онҳое, ки Ватани харобазорро обод карданд ва бо ҳаёту зиндагии хеш нишон доданд, ки зиндагии насли музаффар чӣ гуна бояд бошад. Мо ҳеч гоҳ хизмату ҷонбозиҳои диловарони майдони набардро фаромӯш намекунем ва таҳти ғамхории доимӣ қарор додани онҳоро вазифаи аввалиндараҷаи худ меҳисобем. Мо ба қаҳрамонони Ватан ҳамду сано хонда, ба корномаиҳои онҳое, ки имрӯз дар байни мо нестанд, сари таъзим фуруд меорем.

Бигузор, сулҳу амонӣ ва осоишу оромӣ дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистони азизи мо ҳукмфармо бошад!

## • Шеъри рӯз



*Ҷалолиддини БАЛХӢ*

### НА ҲАР ЧАШМЕ НАЗАР ДОРАД...

***Дило, назди касе биншин, ки ӯ аз дил хабар дорад,***
***Ба зери он дарахте рав, ки ӯ гулҳои тар дорад.***
***Дар ин бозори атторон марав ҳар сӯ чу бекорон,***
***Ба дуккони касе биншин, ки дар дуккон шакар дорад.***
***Тарозу гар надорӣ, пас туро з-ӯ раҳ занад ҳар кас,***
***Яке қалбе биёрояд, ту пиндорӣ, ки зар дорад.***
***Туро бар дар нишонад ӯ ба таррорӣ, ки меояд,***
***Ту маншин мунтазир бар дар, ки он хона ду дар дорад.***
***Ба ҳар деге, ки меҷӯшад, маёвар косаву маншин.***
***Ки ҳар деге, ки меҷӯшад, дарун чизи дигар дорад.***
***На ҳар килке шакар дорад, на ҳар зере забар дорад,***
***На ҳар чашме назар дорад, на ҳар баҳре гуҳар дорад.***

# ПАНҶ ҲИКМАТ

### ҲИКМАТИ ПУЛ

Аз дарвеш Хоҷа Зулфиқор пурсиданд:

- Пул чист?

Дарвеш табассум кард:

- Аллоҳ пул надорад, ҳатто як танга... Ҳама пулҳо аз шайтон аст... Бинобар ин, касе шефтаи пул аст, шефтаи шайтон аст... Агар ҳар чӣ бештар ба рӯйи пул нигоҳ кунӣ, ҳатман дар рӯйи он чеҳраи хандони шайтонро мебинӣ, зеро паёмбарон ҳеҷ гоҳ намехандиданд, танҳо шайтон механдад...

Воқеан, ман хело хурсандам, ки ҳеҷ гоҳ пул надоштам ва ҳеҷ гоҳ хандаи шайтонро надидаам... Аллоҳ пул надорад, ҳатто як танга... Бинобар ин, камбағалон нисбат ба сарватмандон ба Худо наздиктаранд... Ба истиснои сарватмандоне, ки ҳама дорой ба камбағалон мебахшанд ва худ камбағал мешаванд.

... Чунинҳоро Аллоҳ ду баробар зиёд дӯст медорад...

***Темур Зулфиқоров, Иқтибос аз китоби "Чойхонаи лаби ҷар" (повест ва новеллаҳо). - Душанбе, "Адиб", 2018, 308 саҳ.***

### МАСХАРАБОЗӢ ДАР ИЛМ

Аспирант дар мавзӯи ҷолиб ва муҳимме пас аз мутолиаи китобҳои зиёд ва масъалагузориву баррасӣ мақолае менависад. Устоди роҳнамояш пас аз мутолиа бо шогирдаш мувофиқа карда, дар баробари шогирдаш муаллиф мешавад.

Мудири кафедра аз беҳтариву дурустии мақола хабар ёфта, аз роҳбари аспиранти мазкур, ки дӯсташ буд, хоҳиш мекунад, ки номи ӯро низ ба рӯйхати муаллифон ҷой диҳанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Бо гардиши чархи айём мақола ба дасти роҳбари муассиса афтид. Роҳбари муассиса ба мудири кафедра гуфт:

- Ман профессор, шумо низ профессор, устоди роҳнамо бошад, дотсент, ин аспирантро чиву дар қатори мо муаллифиаш чӣ! Ӯро аз муаллифӣ хат зада, мақоларо ба номи сеямон ба чоп супоред!

**Мантиқ:** Шахси бедониш ҳамеша шарманда ва камбағал аст. Илм бузургтарин сармояи инсон аст.

### ЭҲТИРОМ ДАР ОИЛА

Шабе зане ба шавҳараш гуфт, ки барояш як шона бихарад. Мард, ки фақир буд, гуфт:

- Пуле надорам, агар пул медоштам, дастаи соатамро таъмир мекардам.

Ва ҳар ду хомӯш шуданд. Чун рӯз шуд, мард соати худро гирифта, ба бозор рафт, то онро фурӯхта, барои ҳамсараш шона бихарад. Бо нархи ночизе онро фурӯхт ва шона харид. Чун бегоҳ ба хона баргашт, дид, ки ҳамсараш мӯйҳои худро тарошидаасту фурӯхтааст ва барои шавҳараш дастаи соат харидааст...

**Мантиқ:** Эҳтиром ба ҳамдигар беҳтарин неъмат аст. Бигзор, занону шавҳарони имрӯз барои якдигар чунин меҳрубону ҷоннисор бошанд...

### ИЛОҲО НАВБАТӢ НАШАВӢ...

Рӯзе ҷавоне дар нақлиёти мусофиркаш ҷойи нишасти худро ба пирамарде тақдим намуд.

Пирамард нишаст ва гуфт:

- Илоҳо пир шавӣ, аммо навбатӣ нашавӣ.

Ҷавон пурсид:

- Навбатӣ, яъне чӣ бобо?

Пирамард гуфт:

- Одам вақте пир мешавад, дигар аз ӯҳдаи корҳои худ намебарояд ва бояд касе ҳамеша ӯро нигоҳубин кунад. Баъзан фарзандон миёни худ даъво мекунанд, ки имрӯз навбати ман нест, навбати туст. Барои ин, умедворам пир шавӣ, аммо навбатӣ нашавӣ.

**Мантиқ:** Бисёре аз мушоҳидаҳои мо нанговаранд. Дар муносибат бо волидайн эҳтиёткор бояд буд.

### ДОСТОНИ ҶОЛИНУС ВА ДЕВОНА

Ҳакими машҳури Юнон Ҷолинус рӯзе ба шогирдони худ фармуд, ки барои ӯ аз дорухона доруе биёваранд. Шогирдон чун номи он доруро шуниданд, дар шигифт шуданд, зеро он дору барои дармони девонагон ба кор мерафт. Пас, аз устод пурсиданд:

- Онро барои чӣ мехоҳед?

Устод гуфт:

- Ман бо девонагон намемонам, вале имрӯз дар роҳ, ки меомадам, девонаеро дидам, ки ба ман нигарист ва лабханд зад:

***Соате дар рӯйи ман хуш бингаред,***
***Чашмакам зад, остини ман дард.***
***Гар надидӣ ҷинси худ кай омадӣ.***
***Кай ба ғайри ҷинси худро барзадӣ,***
***Чун ду кас бо ҳам зананд, бе ҳеҷ шак,***
***Дар миёншон ҳаст қадри муштарак!***

Агар он девона дар ман нишони девонагӣ намедид, бо ман чунин муомилаи хуш намекард ва маро чун худ намепиндошт. Магар шунидаед, ки ҳакиме гуфт:

- Аз дур дидам, зоғе бо лаклаке дӯстона меравад. Дар шигифт шудам, ки онҳо ҳамҷинс нестанд, чӣ гуна дӯст шудаанд. Чун ба онҳо наздик шудам, дидам пойи ҳар ду ланг аст ва ҳамин лангӣ дарди муштараки онҳост, ки онҳоро ба ҳам наздик кардааст.

***Аз китоби "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ***

***Таҳияи Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

*Дунё ба аҳли хеш тараҳҳум намекунад,*
*Оташ амон намедиҳад оташпарастро.* Соиб



# БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ КИТОБИ "ХӮШАЕ ЧАНД АЗ ХИРМАНИ СУХАН"



*Қаюм САНГОВ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он*

Дар бораи бузургии илм ва мақоми шоистаи он чи дар замони гузашта ва чи дар замони ҳозира бузургон, донишмандон, ходимони сиёсию давлатӣ, арбобони соҳаҳои мухталифи ҷамъияти инсонӣ суханони нек ва ибратомӯз гуфтаанд, ки ба доираи васеи хонандагон, хусусан, аҳли илм, мактабу маориф маълум аст.

Исботи гуфтаҳои боло шоҳбайти зерини Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) мисол шуда метавонад:

"Тоҷи сари ҷумла ҳунархост илм,
Қуфлкушои ҳама дарҳост илм".

Дар ҳақиқат, пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқро бе илм, омӯзиш ва таҳқиқи пурра, дуруст ва ҳамаҷонибаи шохаҳои илм, хусусан дар замони муосир, ки он хеле пурпечутоб ва пуртазод гардидааст, тасаввур кардан аз имкон берун аст. Барои дуруст, амиқ ва манфиатовар тадқиқу таҳқиқ намудани ин ё он шохаи илм аз ҳар як муҳаққиқ меҳнати зиёд, тобоварӣ, машаққат, агар лозим шавад, ҷонро нисор кардан дар ин роҳ ногузир аст. Дар забони халқи бузургворамон чунин гуфтори пурҳикмат дер боз вориди забонҳост:

"Ҳар кӣ сухан бар сухане зам кунад,
Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад".

Ҳаминро бояд махсус қайд намуд, ки аз давраи истиқлолияти комил ба даст даровардани Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1991) дар тараққиёт ва пешрафти соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла илми забоншиносӣ, ҳиссаи устодони донишгоҳу донишкадаҳои олии омӯзгорӣ бағоят калон аст…

Ба наздикӣ дуюмин асари калонҳаҷми монографии номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамкори мо Ғоиб Мирзоев таҳти унвони "Хӯшае чанд аз хирмани сухан" (Душанбе: Промэкспо, 2018, 244 саҳ.) бо теъдоди хеле кам-200 нусха рӯи чопро дид, ки муҳаррири он устоди ДМТ, профессор Шаҳбоз Кабиров мебошад. Нашри ин асари нодир ва аҳамиятнок дар шароити имрӯза барои доираи васеи хонандагон, хусусан, устодон ва донишҷӯёни факултаҳои филологияи тоҷики мактабҳои олии омӯзгорӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин муаллимони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои миёнаи кишвари азизамон дорои аҳамияти калони назариявию амалӣ мебошад.

Дар шарҳи мухтасари китоб, ки он 8 сатрро дар бар мегирад, аҳамият, вазифа ва таъйиноти китоби мазкур хеле хуб ва воқеъбинона баён гардидааст. Дар он гуфта шудааст: "Маҷмӯа мақолаҳои дар солҳои гуногун эҷодкардаи муаллифро фаро гирифта, дар онҳо масъалаҳои мухталифи забоншиносӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳар як мақола андешаи судманд, навгонӣ ва нуктаи бикру тозаи илмӣ ба назар мерасад ва аз ҳамин лиҳоз маҷмӯа аҳамияти арзандаи илмӣ ва амалиро доро буда, барои донишҷӯён, муҳаққиқон ва устодони риштаи филологию рӯзноманигорӣ ва ҳамчунин алоқамандони забони ноби тоҷикӣ пешниҳод мегардад".

Ҳаминро бояд махсус қайд намуд, ки дар варақаи унвонии китоб (аз дарун) хонанда чунин сатрҳоро мехонад, ки аз як ҷиҳат, ҷолиби диққат буда, аз дигар ҷиҳат хеле риққатовар мебошад. Дар он гуфта шудааст: "Ба ёди бародари бузургворам, ки дар силсилаи нахустин омӯзгорони ноҳияи Темурмалик шомил буд, шодравон Маннон Мирзоев бахшида мешавад".

Чунон ки мутолиаи ҷиддии маҷмӯа собит намуд, китоби мазкур ҷамъ 27 мақоларо дар бар гирифта, аз ин миқдор 17-тоаш мақолаҳои ба забони тоҷикӣ навишташударо дар бар гирифта, 11-тои дигараш ба забони русӣ таълиф гардидааст. Аз ҷиҳати ҳаҷм мақолаҳо гуногун буда, аз 2-3 саҳифа то 34 саҳифаро дар бар мегиранд. Мо дар ин тақризи хоксоронаи навиштаамон танҳо мақолаҳои ба забони тоҷикӣ навиштушударо мавриди таҳлили мухтасар қарор дода, барои ҳаҷман калон нашудани мақола ва кашол наёфтани сухан аз зикри мақолаҳои ба забони русӣ навиштушуда ва таҳлили илмии онҳо худдорӣ менамоем. Бигузор дар ин бора дигарон, омӯзгорон ва мутахассисони забони русӣ дар оянда мақолаҳо нависанд…



Чунон ки дар боло ишора рафт, адади нашри маҷмӯа хеле кам мебошад. На ҳамаи ҳавасмандони мутолиаи ин китоб имконияти дастрас кардану мутолиа намудани ин маҷмӯаи нодирро доранд. Аз ин рӯ, мо лозим шуморидем, ки дар зер номгӯи мақолаҳои ба забони тоҷикӣ чопшуди ин китобро зикр намоем:

1. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ-ифтихори илму маориф (саҳ. 5-38);
2. Ҳодисаи метатеза дар забони тоҷикӣ (саҳ. 39-56);
3. Як навъи калимасозии мураккаб (саҳ. 88-92);
4. Як омили муҳим (Забони Иличро меомӯзем) (саҳ. 92-95);
5. Композитсияи "тутпист" дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ (саҳ.96-97);
6. Баъзе масъалаи назарияи калимасозӣ (саҳ. 99-105);
7. Аҳамияти таълими калимасозӣ (105-107);
8. Сарчашмаҳои воридшавии луғатҳои нав дар забон (саҳ. 107-108);
9. Мулоҳизаҳо перомуни ҳаммаъноии қолаби калимасоз (саҳ. 114-116);
10. Таълими қолаби калимасозӣ (116-118);
11. Муродифоти қолабҳои калимасозӣ дар забони тоҷикӣ (саҳ. 124-131);
12. Аз таърихи омӯзиши лаҳҷаҳои Кӯлоб (саҳ. 124-131);
13. Ҷамъбандии исмҳо дар "Захират-ул-мулук"-и Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (саҳ. 132-137);
14. Забони модарӣ ҳамрадифи модар аст (саҳ. 138-141);
15. М.В. Ломоносов-аз нахустин забоншиносони рус (саҳ. 142-147);
16. Роҳҳои муайян намудани қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ (саҳ. 148-151);
17. Асосҳои назариявии калимасоз (саҳ. 171-180).

Чунон ки аз рӯйхати дар боло овардашуда маълум мегардад, мақолаҳои дар маҷмӯа ҷойдодашуда ба таври омехта, яъне мақолаҳои ба забонҳои тоҷикию русӣ навиштушудагӣ ҷудо-ҷудо не, балки пайдарҳам ҷой дода шудаанд. Дар охири ҳар як мақола адабиёти истифодашуда дар ҳаҷми аз як то ду саҳифа ба забонҳои тоҷикию русӣ қайд гардидааст, ки ҷолиби қайд мебошанд…

Чунон ки дар боло ишора шуд, мақолаи аввалин ва калонҳаҷми маҷмӯаи мазкур "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ-ифтихори илму маориф" (ҷамъ: 33 саҳ) номгузорӣ шуда, ҷолиби диққат ва ниҳоят хонданбоб буда, Ғ. Мирзоев онро дар ҳаммуаллифӣ бо Абдулло Ҳабибулло-ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, доктори илмҳои физика-математика навиштааст.

Аз мутолиаи ҷиддии мақолаи мазкур ҳар як хонанда, хусусан омӯзгорон ва донишҷӯёни имрӯза дониста мегиранд, ки ДДК бо номи Институти давлатии дусолаи муаллимони Кӯлоб тибқи қарори Вазорати маданияти СССР аз 15.08.1945, № 1373 дар заминаи Омӯзишгоҳи омӯзгории Кӯлоб (ҳоло Коллеҷи омӯзгории назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ) таъсис ёфтааст. Институт дар ибтидо дорои факултаҳои таърих ва филология, физика ва математика, табиатшиносӣ ва ҷуғрофия буд. Соли аввали фаъолияти институт дар факултаҳои мазкур 48 нафар довталабон қабул гардиданд, ки ба онҳо 9 нафар омӯзгорони таҳсилоти олидошта таълим медоданд. Агар хонандаи имрӯза тараққиёт ва пешрафти кунунии донишгоҳро (ДДК) бо солҳои пешин муқоиса кунад, дар тааҷҷуб мемонад ва ангушти ҳайрат мегазад, инчунин як мисраи шоҳбайти Ҳофизи Шерозӣ пеши назари ӯ меояд, ки чунин гуфта буд.

"Бубин, тафовути раҳ аз куҷо то ба куҷост".

Дар охир ҳаминро бояд махсус қайд намуд, ки дар китоби мазкур қисми бештари мақолаҳо ба тадқиқи масъалаи калимасозӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик, инчунин мушкили таҳлили калимасозӣ ва фарқи он аз дигар намудҳои таҳлили забонӣ (лингвистӣ) бахшида шудаанд. Ин бесабаб нест. Чунон ки маълум аст, соли 1987 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе муаллифи китоби мазкур дар мавзӯи "Калимасозии пасвандии номӣ дар забони ҳозираи тоҷик" бомуваффақият рисолаи номзадӣ ҳимоя карда буд, ки аз доираи он мақолаҳои зиёде ба забонҳои тоҷикию русӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳо, маҷмӯаҳои илмии гуногун ва ғайра ба табъ расида буданд. Дар яке аз мақолаҳои китоби мазкур ("Асосҳои назариявии калимасозӣ" дар (саҳ. 174-175) моҳияти мафҳуми таҳлили калимасозӣ хеле хуб ва равшан баён гардидааст, ки мо онро айнан иқтибос мегирем: "Пас, вазифаи таҳлили калимасозӣ таъйин намудани асоси калимасоз ва воҳидҳои калимасоз мебошад, ки онҳо бо ҳам ҳамнишин гардида, қолаби калимасозиро ташкил додаанд".

Қолабҳои калимасозии забони тоҷикӣ воҳиди махсуси калимасозро сурат медиҳанд. Онҳо ҳамеша аз ду қисми таркибӣ ё худ ҷузъ иборатанд:

1) Асоси калимасоз;
2) Воҳидҳои калимасоз;

Ниҳоят, камина дар охири ҳамин тақриз ҳаминро бояд қайд намоям, ки китоби мазкур бо вуҷуди муваффақиятҳои ба назар намоён аз баъзе норасоӣ ва камбудиҳо холӣ нест. Камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ, ба назари мо, қимати калони илмию амалии ин асарро кам намекунанд.

1. Дар асар ҷо-ҷо ба баъзе хатоҳои имлоию китобатӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст.

2. Ному насаби олимаи забоншиноси (лаҳҷашинос) рус Богорад Ю.И. дар якҷо "олим" ва дар ҷои дигар ҳамчун "олима" зикр гардидааст, ки ислоҳ металабад. Модоме ки ӯ зан аст, бояд калимаи "олима" кор фармуда шавад. Дар асар дар ду ҷой (саҳ.78, 127) калимаи "фарқият" кор фармуда шудааст, ки ғалат буда, шакли дурусти он "фарқ (ҳо)" мебошад.

3. Ба назари мо, агар дар оянда мақолаҳои ба забони тоҷикӣ навиштушудаи асар бо теъдоди зиёдтар (1000 адад) ва дар шакли китобчаи алоҳида нашр мегардид, ба манфиати кор мебуд.

*Дидани по хуштар аз болу пари товусро,*
*Айби худро дар назар беш аз ҳунар дорем мо.* Соиб



**Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод бузургтар.**
**Аҳмади Дониш**

# ПУШТИ ҲАР БУЗУРГЕ НОБИҒАЕ ҲАСТ



*Ислом ҒУЛОМОВ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими он*

Дар адабиёти илмӣ, бавижа математикӣ ҳангоми ворид намудани мафҳумҳо ва аломатҳои нави математикӣ дар баробари ифодаи маъмули "олими барҷаста", "математики эътирофшуда", "мутафаккири намоён" бештар ибораи "математики бузург"-ро истифода мебаранд. Бо ҳамин маънӣ дар зери истилоҳи "бузургӣ" чиро бояд фаҳмид?

Айни ҳол бузургиро мо ба маънои "соҳиби эътибор ва эҳтиром, соҳиби бартарӣ ва фазилати маънавӣ" (Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1.-М:СЭ, 1969, с. 210) мефаҳмем.

Дар ҳамаи соҳаҳои донишу фарҳанг бузургон хеле зиёданд. Аз сабаби васеъ будани ҳудуди мавзӯъ мо танҳо бузургони соҳаи математикаро мавриди баррасӣ қарор додем. Ва инак, ба эҷодиёти чанде аз онҳо шинос мешавем.

Ба кӣ номи хирадманди барҷастаи Юнони Қадим Пифагор маълум нест?

Пифагор шахсест, ки олам ӯро аз рӯи теоремааш мешиносанд. Шояд дар таълими математика (бавижа геометрия) номи ҳеҷ як олим ба монанди ӯ зуд-зуд ба забон гирифта нашавад. Теоремаи ӯро дар синфи VIII меомӯзанд. Пифагори бузургро кӣ ба бузурӣ овард?

Устоди ӯ Фалес буд. Машҳуртарин шахс дар таърихи математика ба забон гирифта мешавад. Ҳамчун файласуф, муҳандис, нуҷумшинос, нахустин геометр дар таърихи инсонӣ маъруф аст. Ӯ яке аз ҳафт пири хиради юнониёни қадим ба ҳисоб меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки теоремаҳои аввалини геометрия (қисми планиметрия)-и мактабӣ ба Фалес тааллуқ доранд.

Мувофиқи маълумоти муаррихон Пифагор дар синни 20-солагӣ (тақрибан соли 560 пеш аз милод) ба шаҳри Милет омада, зери роҳбарии Фалес математикаро меомӯзад. Фалес, ки дар Миср овони ҷавониашро гузаронида буд, дар бораи сатҳи баланди донишҳои математикӣ ва маданияти ин кишвар ба Пифагор ҳикояҳо мекард.

- Аз онҳо ту бояд илми нуҷум, математика ва исботи ҳақиқатро биомӯзӣ, -таъкид мекард Фалес.

Дар Афина соли 548 пеш аз милод Олимпиадаи 58-ум барпо гардид. Пифагор дар ҷанги муштзӯрӣ иштирок карда, ғолиби ин намуди варзиш гардид ва дар чандин олимпиадаҳои минбаъда унвонашро нигоҳ дошт. Дар ҳамаи мусобиқаҳо устодаш Фалес иштирок намуда, дилсӯзӣ мекард ва ӯро рӯҳбаланд менамуд.

Соли 549 пеш аз милод Пифагор аз Фалес фотеҳа гирифта, ба Миср рафт ва он ҷо 21 сол илмҳои ҳамон замонаро омӯхт. Ба ин рақам диққат диҳед: 21 сол. Бале, 21 сол! Илмомӯзӣ тамоми ҳаёти шахсро талаб мекунад. Соли 513 пеш аз милод ба ватан баргашт ва дар шаҳри Самос мактаби философӣ-динӣ созмон дод, ки таълимоти он дар шароити имрӯза аҳамияти таърихӣ дорад.

Асоси таълимоти ин мактабро тасаввурот оид ба адад ҳамчун манбаи ҳамаи мавҷудоти олам ташкил медод.

Кашфи панҷ бисёррӯяи мунтазам (куб, тетраэдр, октаэдр, додакаэдр ва икосаэдр), ки дар синфи 11 онҳоро меомӯзанд, дар мактаби Пифагор ба амал омадааст. Миёнаи арифметикӣ, геометрӣ ва гармоникӣ низ дар ин мактаб ошкор гардидаанд.

Агар диагоналҳои панҷкунҷаи мунтазам пайваст карда шаванд, он гоҳ ситораи панҷгӯша (нишонаи шогирдони Пифагор) ба вуҷуд меояд, ки он басо муқаддас шуморида мешуд. Чӣ тавре ки айён гашт, барои он ки номи мактаби илмии Пифагор дар олам бимонад, он соҳиби нишон буд. Аз рӯи вай шогирдон бо устодашон ифтихор мекарданд ва қадру қимати якдигарро медонистанд. Дар рӯҳияи ин қоидаю оинҳо ҷавонони имрӯза бояд тарбият гиранд.

Исботи теоремаи машҳури Пифагор: квадрати гипотенузаи секунҷаи росткунҷа ба суммаи квадратҳои катетҳои он баробар аст, дар ҳамин мактаб ба вуҷуд омадааст. Ин теорема пояи устувори геометрияи евклидиро ташкил медиҳад. Дар асрҳои миёна дар баъзе давлатҳои европоӣ барои соҳиб шудан ба унвони илмӣ исботи нави теоремаро талаб мекарданд. Мувофиқи маълумотҳои имрӯза ҳоло шумораи исботҳо ба 367 адад расидааст. Олими Юнони кадим Гераклит (ибтидои асри V пеш аз милод) Пифагорро инсони бохирадтарини ҳамаи замонҳо номидааст.

Бале, аз устоди бузург Фалес Пифагор ҳам ба бузургӣ расид. Ҳанӯз соли 360 пеш аз милод дар Рим ҳайкали ёдгории ӯро ҳамчун хирадмантарин юнониҳо гузошта буданд.

Хизмати мактаби созмондаи Пифагор ва худи шахсияти ӯ чунон беназир аст, ки номи ин юнонии бузург дар хотири инсонияти ботамаддун абадӣ боқӣ хоҳад монд.

Акнун аз дунёи қадим боло рафта, ба асри XVIII рӯй меоварем. Ба ҳама донишмандон номи Н.И.Лобачевский (1792-1856) маълум аст. Ӯ геометрияи ғайриевклидиро кашф карда, дар ин соҳа даври нав кушод ва бо номи "Коперники геометрия" сарфароз гардид. Суолҳо ба миён меояд, ки: Кӣ ӯро ба ин бузургӣ расонид? Устодаш кӣ буд?

Соли 1807 Лобачевский баъди хатми гимназия донишҷӯи донишгоҳи Қазон гардид. Дар донишгоҳ ба донишҷӯён ташкилкунандагони мактаби илмии пешқадами физикӣ-математикӣ, профессорони овозадори олмонӣ И.М.Бартелс, австриягӣ И.А.Литров ва дигарон дарс медоданд.

Бисёр устодон, бавижа Бартелс аз қобилияти Лобачевский воқиф буданд. Бо "Шоҳи математикҳо"-и ҷаҳон К.Ф.Гаусс муносибати дӯстона дошт. Соли 1808 ба Россия омада, 12 сол дар Донишгоҳи Қазон ва баъд дар донишгоҳи Дерпт кору фаъолият кардааст. Аз ин рӯ, ӯро Мартин Фёдорович ҳам ном мебаранд. Соли 1826 аъзои Академияи илмҳои Петербург интихоб шудааст.

Лобачевский шогирди маҳбуби Бартелс буд ва ӯро ифтихори донишгоҳ медонист. Соли 1811 ӯ дар синни 19-солагӣ бо унвони магистр донишгоҳро хатм кард ва ба сифати ассистенти Бартелс ба кор қабул шуд. Нависанда А.Ливанова (Три судьбы.-М: Знание, 1975, с.101-106) қайд мекунад, ки Бартелс барои Лобачевский идеали покизакорию ботартибӣ буд. Шояд ҳамин сифатҳои аз устод гузашта (бахусус вазифашиносӣ ва бодиққатӣ), ки ба феъли тундмизоҷи ӯ мувофиқ набуданд, ҳамаи шогирдон ва ҳамкоронро ба тааҷҷуб меовард. Соли 1818 Лобачевский ба фаъолияти профессорӣ шурӯъ намуд. Дар синни 28-солагӣ китоби "Геометрия"-ро навишт, аммо моҳияти онро на устодаш Бартелс ва на дигар олимони маъруф М.В.Остроградский, Н.И.Фусс ва дигарон фаҳмида натавонистанд. Асар чоп нашуд. Лобачевскийи шогирд устодашро дар ҳайрат гузошт.



Ба ҳамагон маълум аст, ки дар чунин ҳолатҳо на ҳар кас дар худ нерӯ ёфта метавонад, ки бо ин гуна ноумедиҳо рӯ ба рӯ шавад. Лобачевский эҳтимол дарк карда буд, ки дар илм бо нокомиҳои зиёд дучор омадан мумкин аст ва ӯ бо ҳамаи ин пешомадҳои нохуш ва муқовиматҳои атроф ба чашми олимӣ менигарист.

Соли 1820 Бартелс ба Дерпт (ҳозира Тарту) рафт. Лобачевский аз ин сахт ғамгин шуд, зеро медонист, ки чунин устоди одамдӯсту донишмандро дигар намеёбад.

Соли 1855 асари ӯ "Пангеометрия" (аз юн. pan-ҳама) дар "Қайдҳои илмӣ"-и донишгоҳ нашр шуд. Соли 1867 тарҷумаи итолиёвии он аз чоп баромад. Аз ҳамон вақт геометрияи ғайриевклидиро математикони тамоми дунё эътироф карданд ва он минбаъда дар корҳои олимони барҷастаи Европа босуръат инкишоф ёфт.

Кашфиёти олими волоандеша Николай Иванович Лобачевский боиси такони ҳалкунанда ва азими илм гардид, барои дарки амиқи фазои моро иҳотакунанда мусоидат намуда, аз он таърихи математикаи ҳозиразамон ибтидо гирфт ва то ҳанӯз инкишоф ёфта истодааст. Хулас, кашфиёти ӯ дар илм беназир буд.

Тахмин кардан мумкин аст, ки Бартелс ба дӯсташ Гаусс доир ба геометрияи нав маълумот додааст. Барои шиносоӣ ба андешаҳои геометрии Лобачевский Гаусс забони русиро омӯхт. Ба таълифоти ӯ таваҷҷуҳи баланд зоҳир карда, бо ташаббуси бевоситааш Лобачевский академики АИ Гёттенген интихоб грдид. Ана, ҳамин тавр тавассути устоди бузург Бартелс Лобачевскийро имрӯз ҳамчун математики бузургтарини дунё ба забон мегиранд.

Дар бораи бузургони гузашта қиссаҳо кардем, ҳоло бошад озими мактаби илмии математикии тоҷик мешавем. Саҳми донишмандони эътирофгардидаи ин мактаб (А.Ҷураев, Н.Раҷабов, З.Ч.Усмонов, Э.М.Муҳаммадиев, К.Бойматов, А.С.Сатторов, И.Ш.Шабозов, И.Қурбонов, М.И.Илолов, Ф.С.Комилов, З.Ҳ.Раҳмонов ва бисёр дигарон) дар рушди математикаи охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI басо калон аст.

Ин ҷо мо ҳаёт ва фаъолияти илмии Маҳмадшо Илолович Илоловро интихоб намудем, зеро устоди ӯ математики тавонои тоҷик Темур Собиров буд.

Корҳои математикии М.И.Илолов оид ба муодилаҳои дифференсиалӣ-тафовутӣ ва масъалаҳои ба он алоқаманд ба ӯ шарафи олими бузурги соҳаро дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар таъмин намуд.

Кӣ дурандешӣ кард, киояндаи М.И.Илолов зоҳир кардани хирадмандӣ дар илм аст? Албатта, устодаш Темур Собиров! Ӯ дар донишгоҳи давлатии Воронеж кор мекард. Натиҷаҳои муҳимми ҳосилнамудаи ӯро дар соҳаи таҳлили функсионалӣ олимони барҷастаи аҳди Шӯравӣ эътироф карда буданд.

Бо роҳбарии ин математики боқудрат ва академики АИ Украина А.М.Самойленко соли 1980 рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Корҳои асосии Анатолий Михайлович ба назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва назарияи лапишҳои ғайрихаттӣ бахшида шудаанд ва ӯ чандин бор сазовори мукофотҳои давлатии Украина гаштааст. Аммо, афсус… Умр ба Темур Собиров вафо накард. Хеле ҷавон, дар синни 37 солагӣ аз дунё даргузашт. Дар ин умри кӯтоҳ ӯ тавонист ҳамаи зинаҳои илмиро тай кунад.

Соли 1992 М.И.Илолов зери роҳбарии устодаш А.М.Самойленко рисолаи докторӣ ҳимоя намуд. Ҳаёти М.И.Илолов танҳо бо комёбиҳои илмӣ маҳдуд нест. Бидуни истеъдоди илмӣ ба ӯ қобилияти ташакилотчигӣ низ хос аст. Нахустректори Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М.Назаршоев (1992-1995), депутати Маҷлиси Олӣ дар парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995-2010), Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ, Президенти АИ ҶТ шуда кору фаъолият кардааст.

Саҳми ӯ дар бобати таҳқиқи илмӣ ва густариши такмили робитаю ҳамкориҳо бо ордену медалҳои Ҳукумати ҶТ ва дигар давлатҳо (Россия, Эрон, Қазоқистон, Арманистон ва ғайра) қадрдонӣ шудааст.

М.И.Илолов узви хориҷии АИ Ҷумҳурии исломии Эрон (2012) ва Қазоқистон (2015) интихоб гардидааст. Ӯ мактаби илмии математикии худро бунёд кардааст, ки шогирдону пайравонаш бо майли том ба таҳқиқи муодилаҳои дифференсиалӣ машғуланд.

Камина аз он ифтихор дорам, ки соли 1999 ректори донишгоҳ, доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ Каримов Самариддин Каримович табрикномаи Раиси кумитаи оид ба илм, маориф ва сиёсати ҷавонони Парламенти ҶТ - математики барҷаста Маҳмадшо Илолович Илоловро ба ман супорид.

Хулоса. Чӣ тавре аён гашт, се математики бузурги замонҳои дуродур (Пифагори пеш аз милод умр ба сар бурда, Лобачевскийи дар асри XVIII умр гузаронида, Илолови дар асри XXI умр паймуда)-ро се устоди бузург (Фалес, Бартелс ва Темур Собиров, ки мувофиқан дар ҳамон айём зиндагӣ кардаанд) ба бузургӣ расонидаанд. Шахсони бузург бошанд аз рӯи кашфиётҳои беҳамтояшон дар таърихи инсоният абадан ҷовидон мемонанд.

# СИРИШТАИ ОДАМИЯТ



*Гулчеҳра МУРОДОВА, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*

Чун қалам ба даст гирифтам, чанд лаҳза оҷиз мондам, ки оё метавониста бошам тамоми хислатҳои ӯро тавсиф намоям. Сифоти ӯро ҳанӯз аз соли ба донишгоҳ ба кор омаданам, аз соли 2005 аз забони падарарӯсам Шамси Хатлонӣ шунида будам. Гоҳ-гоҳ дар роҳравҳо рӯбарӯ мешудем, салом мегуфтаму мегузаштам.

Дӯстиву самимияти мо агар иштибоҳ накунам, аз соли таҳсили 2008-2009 оғоз гардид. Он солҳо ман ҳамчун аъзои комиссияи имтиҳони давлатӣ аз фанни сиёсатшиносӣ дар факултаи омӯзгорӣ будаму устод Ғуломов Ислом раиси имтиҳони давлатӣ. То чи андоза сахтгиру ҳақталаб ва орӣ аз ҳама ғаразҳо буданошро бо чашмони худ дидам. Мо чор нафар аъзо будем ва ҳар нафаре баҳои худро мегуфтанду ӯ баҳои ҷамъбастиро эълон мекард. Се нафар бо назардошти раҳму шафқат баҳои худро мегуфтанду мо ду нафар як ақида, ки нуқтаи назар доштем. Ӯ мегуфт дар илм бояд гузашт набошад, ҳар баҳо бояд ба подоши заҳмат гузошта шавад. Аз ҳамон рӯз инҷониб дӯстии мо оғоз гардид.

Ҳанӯз 10 сол гузашта бошад ҳам, суханони ӯ то ҳанӯз дар гӯшам садо медиҳад. "Духтарам принсипҳо ва нуқтаи назари мо ба ҳам хеле наздиканд. Ман Шуморо ҳамчун муаллимаи хуб эътироф мекунам". Ҳарчанд ӯ кучову мо кучо. Дар симои бовиқору дили ҳассоси ӯ ман як шӯълаи фурӯзоне дарёфтам, ки он шавқ буд, ишқ буду ҷаҳду талош.

Тайи солҳои сипаригардида ман аз касе дар бораи ӯ чизе напурсидам, ман ӯро бо диду фаросати худ шинохтам ва баҳо додам.

Ҳамкории наздики мо соли 2017 ҳангоми таълифи китоби нави устод "Занҳоятонро дӯст доред!" оғоз гардид. Устод Ғуломов Ислом аз ман хоҳиш карданд, ки ҳамин китоби маро аз нигоҳи зан хонда бароед ва таҳрир намоед.

Албатта, ман аз ин пешниҳод ҳам ифтихор доштаму ҳам тааҷҷуб, зеро шахсони зиёде буданд, ки бо камоли майл метавонистанд ин китоби пурмуҳаббатро таҳрир намоянд, аммо устод маро интихоб намуданд. Ин эътимод буд, эътимод ба як шахси наздик.

Ман ин асари ҳам илмиву ҳам ошиқонаро тайи се-чаҳор рӯз хондам. Баробари қаҳрамонҳо механдидаму мегиристам ва ошиқ мешудам. Баъзе мулоҳизаҳо дар зеҳнам пайдо мешуданд, аммо ҷуръат намекардам, ки онро ба устод иброз намоям. Масалан, устод Умари Хайёмро дар китоби худ оиладор карда буданд. Ман гуфтам дар ягон маъхазҳо оиладор будани ин аллома дарҷ наёфтааст, лекин устод таъкид мекарданд, ки ҳеҷ мумкин нест, ки чунин бузург, донишманди тавоно ошиқ бошаду зан надошта бошад. Хулоса, устод Ғуломов Ислом сухани маро қабул карданд. Нашри ин китобро низ ба банда вогузор карданд ва китоб бо сифати хеле баланд рӯйи чоп омад.



Китоби мазкур як муҳаббатнома, як тӯҳфаи нодир ба ҳамсари вафодори устод Моҳбону Раҳмонова буд, ки 62 сол ҳамнафасу ғамгусори ҳамдигар ҳастанд. Ин аст шукӯҳу шаҳомати ишқ. Рӯзҳое, ки ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ мегузашт, ӯ ҳамеша чун одати пешинаш ним соат барвақт меомаду ба утоқи кориам омада, чанд лаҳза бо лаҳни ширину форамаш, бо як эҳтироми хоса ба зан, бо муроҷиати зебояш "бонуи зебо, бонуи оқила" аёдат мекарду бо як самимият "Шод бошӣ" гуфта, худоҳофизӣ менамуд. Ин садоқату вафодорӣ ба дӯстияш буд. Ташрифи ӯ ба утоқи кории мо як муҳити саршор аз муҳаббат, пур аз самимиятро боқӣ мегузошт. Ҳарчанд ки имрӯз баъзан дӯстии инсонҳо як сол ҳам пойдор намемонад ва пур аз ғаразу манфиатҷӯист. 10 сол аст, ки ӯ дар дӯстӣ босадоқату вафодор монд. Бинобар ин, ман ӯро на ҳамчун олими барҷаста, балки ҳамчун падар, ҳамчун инсони комил, инсони бо ҳарфи бузург дӯст медорам ва эҳтироми зиёд дорам.

Идома медиҳам аз ҷумлае, ки "Зиндагиро чӣ тавр бояд омӯхт" (дар асоси китоби устод "Математикаро чӣ тавр бояд омӯхт") натанҳо математикаро, балки зиндагиро, хислати инсониро бояд аз ӯ омӯхт. Дар муддати садсолаҳо чунин шахсони забардастро дар канор доштан, лоиқи ситоиш аст.

Устод Ғуломов Ислом шахсест, ки агар илмашро бо амалҳои зиндагиаш дар мизони ақл санҷем, шояд амалҳояш болотар аз илмаш қарор гирад. Баҳри ҳамин номаш вирди забони мардум аст. Беҳтарин хислатҳоро метавон ба ӯ нисбат дод. Вақте ба гуфтораш гӯш медиҳӣ, ошиқи ҳар каломи ҷаззобаш мешавӣ, ҳарфҳои оддиаш низ ба монанди шахсони малакутист. Чунон ки Набии Худо (с) пайғом дод: "Фарзанди ту аз луқмаи туст". Шояд луқмааш бисёр набуд, вале дар камаш баракат буд, шояд зиёд буд, вале бенуқсон буд. Ин аст, ки имрӯз меваҳояш ширинкунанадаи коми бархест.

Мегӯянд хушбахтони дунё ошиқ нестад, ошиқони дунё низ хушбахт нестанд. Гоҳе тақдири зиндагӣ хилофи қонун амал мекунад. Ишқу хушбахтиро ба ҳам васл карда, дар ҳаёт баҳри дигарон ба намоиш мегузорад. Ҳам ошиқ меофарад, ҳам хушбахт, хулас ошиқи хушбахт. Шахсияте, ки каломам баҳраш ҷорист, писандидаи тақдир аст, бале ӯ ошиқ аст, ошиқи зиндагӣ, ошиқи илми нуҳуфтааш, ошиқи касбаш, ошиқи ҳамсари вафодораш, ошиқи асрори ниҳонаш.

Насрро бароятон дар авроқ ифшо кардам, аммо бе назм ҳарфҳоям баҳрат ятим аст. Ин назми кӯчак баҳри бузургворе мисли Шумо эҳдо мегардад.

*Илоҳо қоматат пурбор гардад,*
*Туро умри накӯ ҳам ёр гардад.*
*Дар ин дунё бизӣ сад соли дигар,*
*Ки дунё аз паят гулзор гардад.*
*Шод бошу шод бизӣ, устоди азиз!*



*Муродалӣ НАБИЕВ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ*

# МОДАРИ ТОҶИК

*Модари тоҷик чу дигар модарон,*
*Русахти зиндагонӣ дидааст.*
*Бори кулфатро ба душ бардошта,*
*То ба мулки марги худ кашондааст.*
*Бори зулмот қомати чанги варо,*
*Як замоне боз ҷангтар кардааст.*
*Сахтиҳои рӯзгор дар ҳар қадам,*
*Дар миёни баҳри ғам тар кардааст.*
*Амри нопок дар замоне пайкараш,*
*Лек алфози ширини модарӣ,*
*Меҳри покашро дучандон карда буд.*
*Зарби қамчинӣ Македонӣ варо,*
*Рӯйи даште бемадор бинмуда буд.*
*Зери пойи аскарони дар набард,*
*Фавти фарзандони худ бишмурда буд.*
*Ғазнавӣ дар пеши чашми мардумон,*
*Хуни тифли бегуноҳашро бирехт.*
*Чингизи бадкину бадкирдори паст,*
*Ёдгорашро бисӯхт, хокаш бибехт.*
*Темури ланг омаду раҳме накард,*
*Аз сари фарзанди ӯ манора сохт.*
*Модарон як суву тифлон як тараф,*
*Тифлакон аз модарон бегона сохт.*
*Беамлонбуд давраи Субхонқулӣ,*
*Ахтари армон ниҳон буд дар само,*
*Шуру гавғо дар миёни одамон,*
*Оташи низо фурӯзон то фазо.*
*Дар замони Абдулфайз модар магар?*
*Бахту толеъ, меҳрубонӣ дидааст !?*
*Онки чу кӯдак ҷаҳони танг дошт,*
*Қадри модар аз куҷобишнохтааст?*
*Дониёл аз ранги зарди модарон*
*Тирра медид гарчи шамъи давлаташ,*
*Оташи низо баланд бардошта,*
*Кам намекард як сари му савлаташ.*
*Модари пурдидаву бишкастадил,*
*Шоҳмуродро чу дигарҳо мешумурд,*
*Чунки дар шоҳон надид шафқат ба зан,*
*Шабу рӯзаш дарду ғамҳо мешумурд.*
*Он даме ки ақли комил ноаён,*
*Ҳайдари нопок чӣ донад қадри зан !*
*Гар хазон нахли фазилат дар айём,*
*Аз куҷо донад,к иолам дасти зан.*
*Насрулло айёми ҳоким буданаш,*
*Гарчи медид қалби реши модарон.*
*Баски помол қадри зан дар пеши ӯ,*
*Аз куҷо фаҳмад киҳоянд меҳтарон.*
*Сарнавишти модари тоҷик зи бас,*
*Нури армони дили афгори ӯ,*
*Баҳри фардои ширин омода буд.*
*Ҷабру кулфат гарчи бемораш намуд,*
*Бо умеде дил намеканд аз ҳаёт,*
*Чунки фарши зиндагиро сохта буд.*
*Сақфи онро монда буд баҳри наҷот.*
*Оқибат теғи наҷоти асри бист,*
*Пардаи зулмоти модар пора кард,*
*Дари бахтро во намуд дар пеши зан,*
*Модаронро ҳокими сайёра кард.*
*Модари тоҷик баъд аз садсолаҳо*
*Эҳтиром ёфт дар замони шӯравӣ,*
*Неъмати дунё чашид армон шикаст.*
*Дидаҳо пурнӯру қалбаш низ қавӣ.*
*Шукри он,ки модари тоҷик кунун,*
*Бори ғам не,бори шодӣ мебарад,*
*Дар дилу дар дидаи пурнурӣ хеш,*
*Шавқу завкзиндагӣ мепарварад..*

# САЙЁҲОНРО ЧӢ ХЕЛ ҶАЛБ КАРДАН МУМКИН?



*Бахтинисо АЛИЕВА, саромӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он*

Ба хотири беҳдошти некӯаҳволии мардум, пайдо шудани ҷойҳои корӣ, беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2019-2021-ро "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намуданд. Бо омӯхтани табиати биҳиштосои кишвар ва ҳунарҳои миллии он ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии мардум меафзояд.

Имрӯз бисёре аз давлатҳои дунё рӯ ба сайёҳӣ овардаанд ва аз ин манфиати зиёде ба даст меоранд. Тоҷикистон низ чун дигар давлатҳо роҳ ба сӯи туризмро кушод, ки аллакай сайёҳони зиёде аз табиати зебои диёрамон дидан намудаанд. Акнун барои сайёҳонро қабул намудан мо бояд меҳмонхонаҳои замонавӣ дошта бошему таомҳои лазиз пешкаш карда тавонем.

Санъати матбухӣ (пухту паз) яке аз ҳунарҳои мардуми тоҷик буда, бо навъҳои гуногуни таомаш аз қадим машҳуранд. Ҳунармандони шоиста анъанаи суннати ниёгони худро то ба имрӯз идома медиҳанд. Ҳунарҳои миллӣ аз қабили нашаста ё нашоиста, ширбат, ширбиринҷ, кочӣ, кичирӣ, қурутоб, фатирмаска, умоч, биринҷоба, шакароб, мастоба, дангоча, дӯғрӯған, оши палав, танӯрӣ, лӯлакабоб, ширҷӯшӣ, оши бурида, оши тупа ва ғайраҳо,то ба имрӯз миёни ҳунармандони тоҷик ба расмият даромадааст. Дар ҳамаи деҳаҳо ҳунармандони моҳире ҳастанд, ки дар тӯю маъракаҳо бо санъати волои худ таомҳои болаззату хуштаъм пухта, таъби мизоҷонро хуш менамоянд. Ин ҳунармандон гули сари сабади маъракаҳо буданд. Ин аст, ки Фирдавсии Тӯсӣ қадру манзалати ҳунарро чунин баён кардааст:

***Ҳунар беҳтар зи ганҷи Қорун бувад,***
***Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.***

Ҳар яке аз ин таомҳои миллӣ хусусияти шифоии ба худ хос дошта, дар мавридҳои гуногун истифода мешуданд. Масалан, ҳангоми зуком (грипп) шудан занон бириҷоба ё умоч тайёр намуда ба беморон медоданд. Бемор бо қаланфури тунд таомро хӯрда гарм мепечид. Дар натиҷа арақ намуда, табаш паст мефуромад ва шифо меёфт. Ё ин ки аз нашоистае, ки аз шираи мағзи гандум мегирифтанд, таомҳои ширӣ пухта ҳамчун таоми сабук ба парҳезӣ ба беморон медоданд.

Дар баробари ин дигар ҳунарҳои мардумӣ аз қабили зардӯзӣ, сӯзандӯзӣ, қолинбофӣ, адрасбофӣ, намадрезӣ, риштарезӣ, (пилларесӣ, пашмресӣ) ва амсоли инҳо бо методу усулҳои гуногун то ба замони мо омада расидааст.

Ривоҷ гирифтани ҳунарҳои мардумӣ дар сарзамини Хатлон ҳанӯз аз даврахои зиндагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ авҷ гирифта буд. Ин шахсияти бузурги ирфонӣ дар рушду нумӯи ҳунарҳои мардумӣ дар сарзамини Ҳинд саҳми арзандае гузоштааст. Ӯ, ки як шахси хоксору кумакхоҳи мардум буд, санъати ҳунари бофандагиро ба мардуми Кашмир меомӯзад. Акнун мардум аз матоъҳои бофташуда ба худ куртаю шалвар дӯхта, маданияти либоспӯшии худро такмил медоданд.

Дар хонаҳои мардум дастгоҳҳои хурди бофандагӣ, ресандагӣ амал мекард, ки ашёҳои хоми худро аз қабили пашм, абрешим, пахта ришта сипас матоъҳои гуногун ба мисли ҷӯроб гилем, адрас мебофтанд. Асбобҳои риштаресӣ, чун чарха, дар ҳама хонадон вуҷуд дошт ва ба воситаи он ришта тайёр карда мешуд. Дар деҳа устои пашмпаӣ буд, ки аз пашм намад тайёр мекард. Ин устоҳо бо камони пашмпаӣ пашмро аввал пайида, як қисми онро ранг намуда гулкорӣ менамуданд. Занҳо низ рағбати зиёд ба ин касб дошта, дар рангорангӣ, яъне накшу нигори он сахмгузор буданд. Аммо имрӯз ин санъати бобой қариб аз байн рафта истодааст. Хуб мешуд, ки дар қатори дигар санъатҳои ҳунарӣ ин ҳунар низ аз нав ривоҷ меёфт.

Ҳунари дигари миллии мардуми мо "гулбаст" буд. Ин ҳунар аз тарафи занҳои ҳунарманд бо як санъати хос тайёр карда мешуд. Занҳо аз гиёҳҳои шифобахше, ки аз онҳо ранг низ тайёр мекарданд, истифода мебурданд.

*Раҳм дар даврони давлат аз забардастон маҷӯ,*
*Муттасил зӯр оварад бар санги зерин осиё.* Соиб






***Ин достон моли нависандаи турк Азиз Несин мебошад. Бисёр достони хуб буда, баёнгари ҳоли мову шумост. Инро бихонед, то худро беҳтар бишиносед!***

# МО ОДАМ НАМЕШАВЕМ!

Садои як пирмарди лоғари мурданӣ аз миёни анбӯҳи ҷамъият, ҳамҳамаи дохили солуни қаторро дарҳам шикаст: "Бародар, мо одам намешавем!" Билофосила дигарон низ ба ҳолати тасдиқ "Албатта, комилан саҳеҳ аст, дуруст намешавем" сарашонро такон доданд. Аммо дар ин миён яке даромаду гуфт:

- Ин чӣ гуна ҳарф задан аст, оқо? Чаро шумо ҳамаро бо худатон қиёс мекунед? Чӣ хуб гуфтаанд, ки: "Кофар ҳамаро ба кеши худ пиндорад". Хоҳиш мекунам, ки ҳарфҳоятонро пас бигиред!

Ман, ки он вақтҳо ҷавони бисту панҷсола будам, бо ин яке ҳамсадо шудаму дар ҳоле ки хунам ба ҷӯш омада буд, бо эътироз гуфтам:

- Охир, ҳаё ҳам барои одамизод чизи хуб аст.

Пирмарди мусофир, ки ҳамон ҷур аз зӯри асабоният дик-дик меларзид, дубора дод зад:

- Мо одам намешавем.

Мусофирини дохили қатор низ тасдиқ карда, сарашонро такон доданд.

Дар сарам хун давид. Аз асабоният рӯи по банд набудам, дод задам:

- Мартикаи алданги дабурӣ! Марди ноҳисобӣ! Магар ақл аз он каллаи вомундаат мурраххас шуда? Охир, мехоҳам бидонам, ки аслан чаро одам намешавем? Хеле хуб ҳам одам мешавем... Ин қадар инсонем, ки ҳама мафтунамон ҳастанд. Мусофирони қатор ба ҳолати эътироз ба ман ҳамлавар шуданд, ки:

- Нахайр мо одам намешавем... Инсонияту маърифат хеле бо мо фосила дорад...

Ҳамсадоии ҷамоати дохили қатору доду бедоди онҳо оташи пирмардро хомӯш карду баъд рӯ кард ба ману гуфт:

- Бубин, писарҷон, мефаҳмӣ, мо ҳамаамон "одам намешавем!" Дубора садояшро баланд кард: "Мешавад баҷуръат гуфт, ки ҳатто то охири умрамон ҳам одам нахоҳем шуд."

Гуфтам:

- Зӯр ки нест, мо одам мешавем...

Пирмард табассуме карду гуфт:

- Мо одам мешавем, вале ҳоло одам нестем, ин гуна нест?

Садоямро дигар набаровардам, аммо аз он рӯз ба ин дам солҳост, ки аз худам мепурсам: "Охир чаро мо одам намешавем?..."

Зиндон рафтани ман дар ин солҳои охир бароям имкони бузурге буд, ки муаммову мушкили чандинсолаамро ҳал карду аз рӯи ин роз парда бардошт. Дар зиндон бо панҷоҳ нафар зиндонии сиёсии кишвари худам, бо ашхоси барҷаста, соҳибони машғили муҳим, шахсиятҳои машҳуру маъруф аз қабили ҳукком, руасои давоири давлатӣ, вукалои маъзул, мардони сиёсии кобинаи собиқ, маъмурини олирутба, муҳандисину дуктурҳои машҳур ошно шудам. Аглаби онҳо аз таҳсилкардаҳои Урупову Омрико буданд, аглаби кишварҳои мутамаддини мамолики тавсеъаёфтаву тавсеъанаёфтаву ҳатто ақибмондаро низ аз наздик дида буданд. Ҳар як чандин забони хориҷӣ балад буданд. Маҷолиси баҳсу интиқод пеш меомаду бо ин ки бо онҳо таносуби фикрӣ надоштам, хеле чизҳо аз онҳо ёд гирифтам, аз ҳама муҳимтар муваффақ ба кашфи розу муаммои қадимии худ шудам. Рӯзҳои мулоқоти зиндониҳо, ки хонаводаам ба дидорам меомаданд, хуб медонистам, ки хабари хуше бароям надоранд, кироям манзилро пардохт накардаем, талаби баққоли сарикӯча рӯз ба рӯз зиёдтар мешаваду аз ин қабил ҳарфҳо, хабарҳои нохушу касалкунанда... Намедонистам чӣ кор кунам. Сардаргум будам, умедам аз ҳамаи ҷо қатъ шуда буд. Бо худам гуфтам, ки достоне менависам. Шояд яке аз маҷаллот харидораш бошад, бо ин тасмим коғазу қалам ба даст гирифтам, рӯи тахти хоби зиндон нишастам. Аслан моил набудам бо пурҳарфӣ вақтгузаронӣ кунам, бо ёвагӯӣ вақтамро талаф кунам. Ҳанӯз чанд сатре нанавишта будам, ки яке аз руфақои зиндонӣ ҷилавам сабз шуд, канори тахт нишаст. Аввалин ҳарфе ки зад:

- Мо одам намешавем, одам намешавем...

Ман бо собиқае, ки доштам, чун мехостам достон бинависам, аз ӯ напурсидам чаро? Аммо ӯ мисли касе, ки муваззаф аст барои ман тавзеҳ бидиҳад, гуфт:

- Хуб диққат кунед, медонед чаро одам намешавем?

Ӯ баъд, бидуни он ки боз саволе карда бошам, бо асабоният шуруъ кард:

- Ман таҳсилкардаи кишвари Суисам (Швейтсариям), шаш соли расо дар Билжик (Белгия) ҷон кандаам.

Ҳамзанҷири ман шуруъ кард ба гуфтани моҷароҳову ҷараёноти даврони таҳсилу кори худро дар Суису Билжик бо шарҳу басти тамом таъриф кардан. Ман хеле дилвопас будам, вале ҷорае набуд, наметавонистам ҳарфе бизанам... Дар хилоли суҳбатҳояш худро бо коғазҳо саргарм кардам. Қаламро рӯи коғаз гузоштам, мехостам ба ӯ бифаҳмонам, ки кори фавриву фавтӣ дорам, шояд достонашро дар чанд ҷумла хулоса кунаду ман аз шараш халос шавам. Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ на мутаваҷҷеҳ мешуду на дастбардор буд. Агар ҳам фаҳмида буд, худашро ба он роҳ зада буд!

- Он ҷойҳо касеро намебинӣ, ки дар дасташ китоб набошад. Агар ду дақиқа ҳам бекор бошанд, китобашонро во мекунану шуруъ ба хондан мекунанд. Дар утубус, дар трейн, ҳама ҷо китоб мехонанд. Ҳоло агар фикр кунед, ки дар хонаашон чӣ мекунанд! Агар бибинед, аз таъаҷҷуб шох дар меёред; ҳар кас баста ба маълумоти худаш китобе дасташ гирифтаву мехонад Аслан он одамҳо аз пурҳарфиву ёвагӯӣ гурезон ҳастанд...!

Гуфтам:

- Баҳ-баҳ. Чӣ қадар хуб, чӣ олӣ...

Гуфт:

- Бале, ин табиати онҳост. Нигоҳе ба миллати худ бикунед! Оё ягон нафар пайдо мешавад, ки китоб бихонад? Оқоҷон, мо одам намешавем, намешавем.

Гуфтам:

- Намешавем. Комилан саҳеҳ аст.

То гуфтам саҳеҳ ҳаст, дубора асабонӣ шуд, боз ҳам аз тарзи китоб хондани билжикиҳову суисиҳо суҳбат кард. Чун мавқеи ғазо хӯрдан наздик буд, ҳарду баланд шудем, гуфт:

- Ҳоло фаҳмидӣ, ки чаро мо одам намешавем…

Гуфтам:

- Бале!

Ин бобои мунтақид нисфи рӯзи маро бо таъриф кардан аз тарзи китоб хондани суисиҳову билжикиҳо талаф кард. Ғизояму хеле тунд хӯрдаму баргаштам, боз ҳамон достонро шуруъ кардам. Коғазу қалам ба даст омодаи шуруи достон будам, ки яке дигар аз руфақои зиндонӣ омаду рӯи тахт нишаст ва гуфт.

- Ба чӣ коре машғулӣ?

Гуфтам:

- Мехоҳам достоне бинависам...

- Эй бобо! Ин ҷо намешавад, ки достон навишт, бо ин сару садову шулуғӣ, ки намешавад чиз навишт, магар ин сару садоҳоро намешунавӣ... Шумо Урупо рафтаед?

Гуфтам:

- Хайр, поямро аз Туркия берун нагзоштаам...

- Оҳ-оҳ. Оҳ, бечора, хеле майл дорам, ки шумо ҳатман саре ба Урупо бизанед, диданаш аз воҷиботе, зиндагии онҳо ғайри зиндагии мост. Ахлоқи махсус доранд. Ман тамоми Урупоро зери по гузоштам, ҷойи нарафта боқӣ намонда беш аз ҳама ҷо дар Донморк (Дания), Ҳулланду Суис будам. Бибинед он ҷойҳо чи тавранд, мардум нисбат ба ҳам ба дидаи эҳтиром нигоҳ мекунанд, касеро бехуд, ҳатто бо кӯчактарин садое, нороҳат намекунанд. Акнун боре нигоҳе ҳам ба авзои мо бикунед, ин сарусадоҳо ҳаст... Ин тур нест, шояд ман майл дошта бошам бихобам, ё чизе бинависам, ё чизе бихонам, ё ин ки аслан кори дигаре дошта бошам... Шумо бо ин сару садо магар метавонед достон бинависед, одаму озод намегзоранд...

Гуфтам:

- Ман дар ин сару садову шулуғӣ ҳам метавонам чиз бинависам, вале вуҷуди як нафар кофист, ки ҳавосамро парт кунад.

Гуфт:

- Ҷони ман, дар ин сару садо, ки намешавад чиз навишт, беҳтар нест сару садо ҳам набошад, чӣ ҳақ доранд, ки шуморо нороҳат кунанд. Оҳиста ҳам метавонанд суҳбат кунанд. Ба ҷони худат, дар Донморк (Дания), Суису Ҳулланд чунин чизе нест. Мардуми ин мамолик дар камоли озодиву хушӣ зиндагӣ мекунанд, касе музоҳимашон нест. Чунки он ҷойҳо мардум ба ҳамдигар эҳтиром мегзоранд. Дар иваз ту ин харобшуда мо ҳамдигарро одам ҳисоб намекунем. Тасдиқ мекунед, ки хеле бетарбиятем, аммо ҷорае нест.

Ӯ ҳарф мезаду ман сарамро поин андохта, чашм ба коғаз дӯхта будам, наменавиштам, вале мисли одамҳое, ки машғули навиштан бошанд, худамро саргарм карда будам.

Гуфт:

- Беҳуда худатонро хаста накунед, наметавонед бинависед, ҳарчӣ навиштед пок кунед, Урупо ҷои дигаре ҳаст... Урупоӣ инсон ба тамоми маънӣ аст, мардум ҳамдигарро дӯст доранд, ба ҳам эҳтиром мегзоранд, аммо дар иваз мо чӣ тур ҳастем... Ба ин далеле, ки оқо мо одам намешавем, мо одам намешавем...

Ҳанӯз мехост рӯдадарозӣ бикунад, аммо шонс овардам, ки садояш карданд, аз шараш халос шудам. Тоза рафта буд, бо худ гуфтам:

- Худо кунад дигар касе инҷо наояд, сарамро поин андохтам. Тоза ду хат навишта будам, ки зиндонии дигаре болои сарам нозил шуду гуфт:

- Чӣ таврӣ?

Гуфтам: Зинда бошӣ, бад нестам.

Рӯи тахт нишасту гуфт:

- Ҷони ман, аз инсоният хеле дурем...

Барои ин ки сари суҳбат во нашавад, аслан ҷавоб надодам. Аҳамият надодам, ки чӣ мегӯяд.

Аз ман пурсид:

- Шумо Омрико рафтаед?

- Гуфтам:

- На...

Гуфт:

- Эй бечора... Агар чанд моҳе дар Омрико мебудӣ, иллати ақибмундагии ин харобшудаи нафринкардаро мефаҳмидӣ. Оқо, дар Омрико мардум мисли мо беҳуда вақташонро талаф намекунанд, чирту пирт намегӯянд, пурҳарфӣ нест, вақтро тилло медонанд, маъруфе мегӯянд:.Time is money.

Омрикоӣ вақте бо одам ҳарф мезанад, ки воқеан коре доште бошад, тоза он ҳам ду ҷумлаи мухтасару кӯтоҳ, ҳар кас машғули кори худаш ҳаст... Оё мо ҳам ҳамин хел ҳастем? Масалан, вазъи ҳамин ҷойро бубин, моҳҳост мо ғайр аз пурҳарфиву ёвагӯӣ кори дигаре надорем. Ҳарфҳое, ки дар қуттии ҳеҷ атторе пайдо намешад. Ин аст, ки Омрико ин қадар пешрафт кардааст. Иллати тараққии рӯзафзунаш ҳам ҳамин аст.

Ҳеҷ чиз нагуфтам. Бо худ фикр кардам, ки ҳоло ин оқо, ки ин қадар аз сифоти хуби омрикоӣ ҳарф мезанад, ки музахраф намегӯянд, музоҳими касе намешаванд. Интизор будам, ки роҳашро мекашаду меравад, аммо ӯ ҳам раҳоям карданӣ набуд.

Уфу пуф кардам, вале аслан таҳвил нагирифт. Мавқеи шом шуд ва вақте мехост биравад гуфт:

- Ҷони ман, мо одамшав нестем, то ин пурҳарфиҳову вақтгузарониҳои беҳуда ҳаст, мо одам намешавем.

Гуфтам:

- Намешавем.

Гуфтам:

- Комилан саҳеҳ...

Ғизояму бо дастпочагӣ хӯрдаму шуруъ ба навиштан кардам.

"Беҳуда худтро азоб надеҳ. Ҳар чӣ заҳмат бикашӣ, беҳуда аст..."

Ин садо аз болои сарам буд. То сарамро баланд кардам, яке дигар аз руфақои зиндонро дидам гӯшаи тахт нишасту гуфт:

- Хуб, рафиқ, чӣ корҳо мекунед?

Гуфтам:

- Ҳич кор намекунам.

Аммо ҷавоби ин ҷумлаи ман ин буд, ки:

- Ман тақрибан тамоми умрам дар Олмон будам.

Бугз гулуямро гирифта буд, кам монда буд, ки аз шиддати асабоният дод бизанам, медонистам ин муқаддамаи чӣ муҳхирае ба дунбол дора, ӯ идома дод:

- Донишгоҳи Олмонро тамом кардаам, ҳатто таҳсилоти мутавасситаамро ҳам он ҷо хондам. Солҳои сол он ҷо кор кардам. Шумо дар Олмон касеро намебинед, ки кор накунад. Мо ҳам ҳамин хел ҳастем? Масалан, вазъи моро бибин. На, на, мо одам намешавем, аз инсоният хеле дурем...

Фаҳмидам, ҳар кор бикунам, нахоҳам тавонист достонро бинависам, беҳуда заҳмат мекашаму ба худ фишор меёрам, коғазу қаламро гузоштам замин, фикр кардам, вақте ки зиндониҳо хобиданд, шуруъ мекунам. Оқои таҳсилкардаи Олмон, ҳанӯз олмониҳоро муаррифӣ мекард:

- Дар Олмон бекорӣ айб аст. Ҳар кӣ мехоҳад бошад, олмониҳо ҳеҷ бекор намемонанд. Агар бекор ҳам бошанд, билохира коре барои худашон метарошанд, мудом заҳмат мекашанд, ту дар ин чанд моҳ, ки ин ҷо маҳзи намуна касеро дидай, ки коре бикунад? Ҳамин худи ту ҳоло дар зиндон коре анҷом додай? Олмониҳо ин хел нестанд, хотироташонро менависанд, роҷеъ ба авзои худашон чиз менависанд, китоб мехонанд, хулоса чӣ бигӯяд бекор намемонанд. Аммо мо чӣ тур ҳастем? Хайр, ҳар чӣ бигӯям парту палост, мо одам намешавем...

Вақте аз шараш халос шудам, ки нимашаб буд. Мутмаин будам, ки дигар касе намондааст, ки роҷеъ ба одам нашудани мо конфаронс бидиҳад, тоза бо умедворӣ достонро шуруъ карда будам, яке дигар нозил шуд. Ҳазрати эшон ҳам солҳои мутамодӣ дар Фаронса буданд, ба маҳзи вуруд гуфт:

- Оқо, мувозиб бошед! Мардум хобанд, бедор нашаванд, музоҳимашон нашавед.

Хеле оҳиста суҳбат мекард. Ин оқо, ки хеле ҳам мубодии одоб буду ин наҳваи тарбиятро аз фаронсавиҳо ёд гирифта буд, мегуфт:

- Фаронсавиҳо мардумоне мубодии одобу бошахсият ҳастанд, мавқеи кор ҳеҷ кас музоҳими ӯ намешавад.

Бо худам гуфтам, Худо ба хайр кунад, ман бояд имшаб аз нимашаб ба он тараф кор кунам. Оқои фаронсарафта гуфт:

- Ҳоло бихобед, то фардо бо фикри озод кор бикунед, фаронсавиҳо бештар субҳгоҳҳо кор мекунанд, мо бошем аслан вақти кор карданро ҳам балад нестем, мавқеи кор мехобему вақти хоб кор мекунем. Ин аст, ки ақибмонда ҳастем. Иллаташ ин аст, ки одам намешавем. Мо одамшав нестем.

Оқои фарангимаоб мавқее аз паҳлуям рафт, ки дигар рамақе дар ман намонда буд, чашмҳоям худ ба худ баста мешуд. Хобидам. Субҳи зуд қабл аз ин ки руфақо аз хоб бедор бишаванд, бедор шудаму ба достоннависӣ машғул шудам. Яке аз руфақои ҳамбанд вақти муроҷиат аз ҳоҷатхона саре ба ман заду ҳамин тавр сари роҳ қабл аз ин ки ҳатто сураташро хушк кунад, дар ҳоле ки об аз сару сураташ мечакид гуфт:

- Медонӣ, инглисҳо воқеан одамҳои аҷибе ҳастанд. Шумо вақте дар Лондон ё як шаҳри дигеи Инглис савори трейн ҳастед, соатҳо мусофирини ҳамкупеи шумо ҳатто як калима ҳам суҳбат намекунанд. Агар мо бошем, ин чизҳо сарамон намешавад, на адаб, на назокат, на тарбият, хулоса аз ҳамаи чиз маҳрумем. Ҳамин тур ё на? Масалан, чаро шуморо ин ҷо нороҳат мекунанд. Худиву бегона ҳамаро нороҳат мекунем, дигар фикр намекунем ин бандаи Худо кор дорад, гирифтор аст, на хайр ин чизҳо абадан ҳоламон нест, шуруъ мекунем ба варроҷиву пурчонагӣ... Ин аст, ки мо одам нестему одам намешавему нахоҳем шуд...

- Коғазро қад кардам, қаламро зери тушак гузоштам, аз навиштани достон чашм пӯшидам. Хулоса, достонро натавонистам бинависам, аммо дар иваз беш аз чанд достон чиз ёд гирифтаму иллати ин матлабро фаҳмидам, ки чаро мо одам намешавем... Ҳоло ҳар кӣ ҷилави ман асабонӣ бишаваду бигӯяд:

- Мо одам намешавем! Фавран дастамро баланд мекунам, дод мезанам:

- Оқо, иллату сабаби инро ман медонам! Танҳо самарае, ки аз зиндони охир бароям маълум шуд, дарки ин матлаб буд.

***Тарҷумаи Аҳмади Шомлу***
***бо таҳрири Ҷаҳонгир Рустамшо***

*Донаи сӯхта аз барқ намеандешад,*
*Ғами олам чи кунад бо дили ғампешаи мо.* Соиб

Анвори дониш
№9 (291), ДУШАНБЕ, 20.05.2019

## ЧОРАБИНӢ БАХШИДА БА ИДИ ҒАЛАБА



Таърихи 3.05.2019 дар толори фарҳангии донишгоҳ бо ташаббуси раёсати тарбия ва шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ чорабинии фарҳангӣ-фароғатии омоданамудаи донишҷӯдухтарони хобгоҳи назди донишгоҳ бахшида ба Иди ғалаба гузаронида шуд. Сараввал сухани ифтитоҳиро ноиби ректор оид ба тарбия номзади илмҳои педагогӣ Назаров Ҳотам оғоз намуда, кулли омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳро ба муносибати ин рӯзи таърихӣ самимона шодбош намуданд. Баъдан, маърӯзаи донишҷӯи соли 2-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Наимова Фароғат дар мавзӯи "Аз таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ" шунида шуд. Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ донишҷӯдухтарони хобгоҳ фаъолона иштирок намуданд.

Дар охири чорабинӣ ба як қатор донишҷӯдухтароне, ки пайваста дар чорабиниҳои фарҳангию илмӣ фаъолона ширкат меварзанд, ифтихорномаи раёсати донишгоҳ тақдим карда шуд.

## АКАДЕМИК КАРИМОВ АЗ ТАРАФИ МД ММПИ БО "НИШОНИ ФАХРӢ" ҚАДРДОНӢ ГАРДИД!



Санаи 26.04.2019 озмуни ҷумҳуриявии "Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон барои солҳои 2017-2018" бахшида ба Рӯзи моликияти зеҳнӣ, ки аз тарафи Муассисаи давлатии Маркази миллии патенту иттилоот гузаронида шуд, ҷамъбаст гардид. Хушбахтона, дар миёни 60 ихтироъкори беҳтарини ҷумҳурӣ, ки ба ин озмун даъват гардида буданд, бо Қарори комиссияи озмунӣ устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ Самариддин Каримов бо Нишони фахрӣ ва Сайфуддинов Фирӯз, сардори маркази истеъдодҳои ҷавони донишгоҳ барои ишғоли ҷои якум ба дипломи дараҷаи 1 сарафроз гардонида шуданд.

Раёсати донишгоҳ онҳоро барои ноил шудан ба ин муваффақияти навбатӣ табрику таҳният гуфта, бароишон дар корҳои минбаъдаи эҷодӣ барору комёбиҳои нав таманно менамояд.

## "ИФТИХОРНОМАИ ФАХРӢ"-И ВКД БА ФАЪОЛОН

Санаи 27.04.2019 дар толори фарҳангии донишгоҳ вохӯрии омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни фаъоли донишгоҳу коллеҷҳои ҳудуди шаҳр бо иштироки Сардори хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Фатоҳзода Абдусаттор, Роҳбари маркази матбуотии ВКД Умраҷони Эмомалӣ ва намояндагон аз ШВКД шаҳри Кӯлоб баргузор гардид.


ИФТИХОРНОМАИ ФАХРӢ
ВКД

Сухани ифтитоҳиро ректори донишгоҳ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ Абдулло Ҳабибулло оғоз намуда, кулли меҳмоне, ки ба ин даргоҳи илму маърифат ташриф оварда буданд, хайрамақдам гуфтанд ва сипас, дар бобати тарбияи насли наврас ва пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ миёни ноболиғон суханронӣ намуданд.

Баъдан, ноиби ректор оид ба робитаҳои хориҷӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Худойдодова Шарофат идома дода, иброз намуданд, ки ҷавононро бояд дар рӯҳияи баланди ватандӯстию меҳанпарастӣ бояд тарбия намуд, зеро оянда давлату миллат ва аниқтараш дарахти навниҳоли ин миллати кӯҳанбунёди мо маҳз ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Дар вохӯрӣ муовини сардори Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб, Фирӯзи Саидмуъмин иштирок намуда, суханронӣ карданд.

Дар охир ба як қатор омӯзгорони пешқадам ва кормандони фаъоли донишгоҳ барои баланд бардоштани маърифати мардум, ҳамзамон тарбия намудани насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ бо "Ифтихономаи фахрӣ"-и ВКД ҶТ генерал-полковники милитсия, Рамазон Раҳимзода сарфароз гардонида шуд. Аз ҷумла, ба ректори донишгоҳ, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ Абдулло Ҳабибулло, ноиби ректори оид ба робитаҳои хориҷӣ Худойдодова Шарофат, ноиби ректор оид ба тарбия Назаров Ҳотам ва дигарон.

## ОЗМУНИ БЕҲТАРИН СУХАНДОН "TOP SPEAKER"

Рӯзҳои 1-2-юми майи соли ҷорӣ дар бинои маъмурии донишгоҳ бо дастгирии намояндагии ширкати "Tcell" дар шаҳри Кӯлоб дар якҷоягӣ бо Маркази амрикоӣ дар шаҳри Кӯлоб "Debate Tournament" таҳти номи "Ҷоми Рӯдакӣ" миёни донишҷӯёни факултаҳои донишгоҳ ва донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории донишгоҳ гузаронида шуд. Озмуни мазкур бо пешниҳоди лоиҳаи донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷии донишгоҳ Саёҳат Ҳабибулозода гузаронида шуд. Дар натиҷа ғолибон муайян гардиданд ва донишҷӯёни донишгоҳ сазовори ҷойҳои намоён гардиданд: Шоинов Тағаймурод, ҷойи аввал, Сафаров Муборакшо, ҷойи аввал, Гадоев Баҳодур, ҷойи дуюм, Бегмирзоев Акмал, ҷойи сеюм, Маҳсидинзода Некрӯз, беҳтарин сухандон "Top Speaker".

Донишҷӯён бо тӯҳфаҳо ва сертификатҳо қадрдонӣ карда шуданд.



## ШОҲҶОИЗАИ МАҲФИЛИ АДАБИИ "ҲАМЕШАБАҲОР"-РО ДОНИШГОҲ БА ДАСТ ОВАРД!

Санаи 26.04.2019 дар Қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб бо иштироки кормандони Вазорати корҳои дохилӣ, шоирони шинохтаи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва омӯзгорону хонандагон, донишҷӯёни муассисаҳои олии шаҳри Кӯлоб бо дастгирии бевоситаи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Рамазон Раҳимзода маҳфили адабии "Ҳамешабаҳор" бо иштироки шоири шинохта Хайрандеш гузаронида шуд.


СИПОСНОМА
ВКД

Дар маҳфили мазкур донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолона ширкат варзида 2 нафар донишҷӯ, аз ҷумла, Аҳмадов Умедҷон, донишҷӯи соли 3-юми факултети физика ва математика ва Сомеъзода Шаҳноза, донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика соҳиби шоҳҷоизаи маҳфили номбурда гардида, 2 нафар донишҷӯи дигар Манучеҳр Латифов, донишҷӯи соли 2-юми факултаи физика ва математика ва Барфакзода Фазилатмоҳ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика соҳиби ҷоизаи маҳфил гардиданд. Маҳфилро донишҷӯён бо рақсу бозӣ, хондани суруду таронаҳои дилошӯб ҳусни итмом бахшиданд.

## ФАЗЛИДДИН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ҶОЙИ 2-ЮМРО ИШҒОЛ КАРД!



Муродов Фазлиддин, донишҷӯи соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки рӯзҳои 21-26-уми апрели соли ҷорӣ дар Чемпионати ҷаҳон оид ба гуштини тарзи Ҷиу-ҷитсу, ки дар шаҳри Абудабии Аморати Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, ширкат варзида, дар байни 160 давлати ҷаҳон дар вазни 77 килло сазовори ҷои 2-юм гардид ва ба гирифтани медали нуқраи чемпионат сазовор гардид. Дар ин мусобиқа дигар вазишгарони шаҳри Кӯлоб низ дастболо шуданд.

Дар даромадгоҳи шаҳри Кӯлоб ҳайати мураббиён варзишгарон ва комарндони мактабҳои варзишии шаҳр ва минтақаи Кӯлоб ғолибони мусобиқаи байналмиллалӣ оид ба Ҷиу-ҷитсуро истиқбол гирифтанд. Ёдовар мешавем, ки дар ин мусобиқа аз мактабҳои варзишии шаҳр ва минтақаи Кӯлоб миёни наврасон, ҷавонон ва мураббиён дар вазнҳои гуногун сазовори медали тилло ва дигар ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқоти байналмилалиро кулли иштирокдорон табрику таҳният гуфта, дастовардҳои онҳоро беҳтарин тӯҳфа дар арафаи як моҳи ҷавонӣ унвон карданд.

Дастоварди варзишгарони наврасу ҷавони минтақаи Кӯлобро дар ин мусобиқа масъулини бахши кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Кӯлоб натиҷаи заҳмату талошҳои роҳбарияти олии мамлакат ва варзишгарону мураббиён унвон карданд. Худи варзишгарон низ дар пеши худ мақсад гузоштанд, ки минбаъд низ натиҷаҳои назаррасро соҳиб мегарданд.

Қайд гардид, ки иштироки варзишгарони мо дар чунин мусобиқот аз сол то сол бо дастгирии Ҳукумати мамлакат афзун гардида варзишгарони тоҷик низ дар чунин тадбирҳои варзишӣ ба комёбиҳои назаррас ноил мешаванд.

*Аз дами сарди хазон барге, ки меафтад ба хок,*
*Аз ҷаҳон бебарг рафтан ёд меояд маро.* Соиб



**Боиси сарфарозии бузург аст, ки шоирону нависандагони машҳури кишвар Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Муҳаммад Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, Саид Раҳмон, Сафар Амирхон, Карим Давлат, Хосият Ализода, Озар Салим ва дигарон номи донишгоҳи хешро ба қуллаҳои баланди шӯҳрат бардоштаанд.**

**Онҳо барои миллати тоҷик самимона хизмат карда, ашъоре офаридаанд, ки хонандагонро дар рӯҳияи инсондӯстӣ ва меҳанпарастӣ тарбия менамоянд.**

**Дар ин шумора хостем, то шарҳи ҳоли чанде аз онҳоро пешкаши хонандагон намоем.**

# НОМОВАРОНИ ДОНИШГОҲ





**САФАРОВ Ашӯр** (Ашӯр Сафар). 01.05.1928 дар деҳаи Руботингаки ноҳияи Шӯрообод (ҳозира Шамсиддин Шоҳин) дар хонадони деҳқон таваллуд шуда, 10.01.1997 дар шаҳри Кӯлоб вафот кардааст. Шоири тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон (1991), барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Аълочии маорифи халқи СССР, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1967), Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (1962) мебошад. Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти муаллимии Кӯлоб (1953) ва Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1958) мебошад. Таҳсил дар мактаби миёнаи ба номи К.Е.Ворошилови шаҳри Кӯлоб (1940-1950), донишҷӯ (1951-1953), муаллим (1951-1956; 1973-1975), нозири шуъбаи маорифи халқи Кӯлоб (1958-1959), ходими адабии рӯзномаи "Ҳақиқати Кӯлоб" (1959-1963), мухбири махсуси радиои тоҷик дар собиқ вилояти Кӯлоб (1963-1969), инчунин дар вазифаҳои гуногуни соҳаи маорифи халқи шаҳри Кӯлоб (1969-1975), директори стансияи табиатшиносони ҷавони собиқ вилояти Кулоб (1975-1980) кор кардааст. Аз соли 1980 омӯзгори мактаби миёна буд. Аввалин шеъри ӯ соли 1951 ба табъ расидааст. Муаллифи маҷмӯаҳои "Ибтидои роҳ", (1964), "Илҳом" (1970), "Фарзанди аср" (1973), "Хандаи гулҳо" (1976), "Дастёри додо" (1979), "Самари умр" (1980), "Гули моҳтоб" (1983), "Базми садоқат" (1984), "Раиси Миралӣ" (1985), "Холи фатир" (1987), "Гулгардонӣ" (1989), "Гулбоғ" (1990), "Цветок луны" (1992), "Достони нотамом" (1997), "Гулчини ашъор" (1997), "Мунтахабот" (1998), "Гуфтори алифбо" (2005), "Борони ҳидоят" (2008) аст. Дар эҷодиёти Ашӯр Сафар ҳаҷв мавқеи муҳим дорад. Нахустин маҷмӯаи ашъори ҳаҷвиаш "Гапи подор" (1987) буда, шахсони муфтхӯр, фиребгару қаллобро зери танқид гирифтааст. Маҷмӯаи ашъори "Плоды жизни" (ба забони русӣ, 1984), "Гулчини ашъор" (ба хатти арабӣ, Теҳрон, 1997) ба табъ расидаанд. Ҳамчунин осори адибони гуногуни ҷаҳон Р.Ғамзатов, П.Хузангай ва дигар шоирони замони шӯравиро ба тоҷикӣ гардондааст. Ашъори ҷудогонааш ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, арманӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва ғайра тарҷума шуда, тарҷумаи маҷмӯаҳои Семен Данилов "Офтоби зимистон" (1985), Қармис Дусанов "Табассуми офтоб" (1987) ва Захария Станку "Сатрҳои одӣ" (1990) ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Очерку мақолаҳояш дар матбуот нашр шудаанд. Дар шаҳри Кӯлоб майдон, китобхона, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №50 ва кӯчае ба ифтихори ӯ номгузорӣ шудаанд.

**ҲАҚНАЗАР Ғоиб.** 07.01.1943 дар деҳаи Офтоблиқои ноҳияи Кӯлоб дар хонадони деҳқон таваллуд шудааст. Шоири маъруфи тоҷик, яке аз чеҳраҳои шинохта ва намоёни адабиёти муосири тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон (1966), рӯзноманигори забардаст, мартабадори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2000), Ҷоизаи адабии ба номи устод Мирзо Турсунзода (1989), Ҷоизаи адабии Шамсиддин Шоҳин (2013) мебошад. Хатмкардаи факултаи забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1966) ҳаст. Таҳсил дар мактаби 7-солаи деҳаи Офтобликӯ (1950-1957), донишҷӯи Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб (1957-1961) ва ИДПК (1962-1966), муаллими мактаби миёнаи ба номи "Коминтерн"-и ноҳияи Кӯлоб (1961-1962), фаъолияти рӯзноманигорӣ (1966-1974), аввалин муассиси комитети иттифоқи касабаи кормандони маданият (1974-1981), раиси кумитаи телевизион ва радиои вилояти Кӯлоб (1974-1981), котиби масъули бахши кӯлобии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1989), сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии "Хатлон" (1990-1993). Аз соли 1993 сармуҳаррири рӯзномаи "Навиди Кӯлоб" ва аз соли 2002 роҳбари бахши Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Хатлон мебошад. Падараш Ғоибназар Гадоев думрою най ва мехтарнавоз (сурнайнавоз) буд ва то синни нафақа дар корхои роҳбарии хоҷагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (пештара хоҷагии ба номи Сталин, "Ленинград") кор кардааст. Модараш Зинатбӣ низ думра менавохт ва рубоиёти халқиро ба ҳоли худ мувофиқ намуда, дар маъракаҳои занҳо овозхонӣ мекард. Чунин муҳит буд, ки шоир аллакай дар синфи панҷумиаш дар тӯю нишастҳо думрою най ва буғак (сурнайи аз ҷамиш сохташуда) менавохту овозхонӣ мекард ва ба таври худ шеър мебофт. Ҳақназар мактаби деҳаро хатм карда, дар Кӯлоб соҳиби маълумоти миёна ва олии омӯзгорӣ мегардад. Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб (ҳоло Коллеҷи омӯзгории ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1957-1960), Институти давлатии педагогии Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1962-1966) хатм кардааст. Солҳои 1961-1962 омӯзгори мактаби миёнаи деҳа буд. Аз соли 1966 то инҷониб дар корҳои рӯзноманигорӣ фаъолият дорад ва аз соли 1974 корҳои роҳбарии рӯзноманигориро пеш мебарад. Аз соли 2002 бахши Иттифоқи Нависандагони Тоҷикистонро дар вилояти Хатлон роҳбарӣ мекунад. Ҳақназар Ғоиб бештар аз 50 сол аст, ки кору эҷод карда, наздики 30 маҷмӯаи ашъор ба чоп расонидааст. Аввалин шеърҳояшро дар матбуоти ҷумҳуриявӣ шоирони марҳум Мастон Шералӣ ва Ғоиб Сафарзода чоп кардаанд. Солҳои донишҷӯӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб шеърҳои Ҳақназар диққати шоири шаҳир устод Аминҷон Шукӯҳиро ҷалб кард. Ӯ як даста шеърҳои шоирро ба худ гирифта, онҳоро мавриди назари устод Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат ва Убайд Раҷаб қарор дод ва шеъри "Дил аз паси ту"- ро маҷаллаи "Садои Шарқ" чоп кард. Ин маҷалла соле баъд як даста шеърҳои Ҳақназарро интишор сохт, ки он писанди шоираи тавонои Эрон Жола Бадеъ гардид. Ва ӯ бо ин силсила шеърҳо Ҳақназарро дар қатори болаёқаттарин шоирони навпардози тоҷик ном гирифт. Аз адабиётшиносон аввалин баҳои эҷодиро ба шоир устод Абдуқодир Маниёзов додааст. Баъдтар адабиётшиносон Атахон Сайфуллоев, Абдураҳмон Абдуманнонов, Аскар Ҳаким, Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров, олим ва файласуф Саид Аҳмадов, адибон Абдулҳамид Самад, Усмон Назир (Оташ), Муҳаммадалии Аҷамӣ, Салими Хатлонӣ, Абдулҳай Қаландар, Бахтиёр Муртазоев ва дигарон ба эҷодиёти Ҳақназар мақолаҳо навиштаанд. Олим ва адабиётштнос Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров рисолаеро бо номи "Фатҳи қуллаҳо" ба эҷодиёти ӯ бахшидааст, ки аз паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти шоир баҳс мекунад. Адиб ва донишманди шинохта Абдулҳай Қаландар рисолаеро таҳти унвони "Се назар ба шеъри Ҳақназар" мураттаб сохта, ба чоп расонд. Донишманд ва пажӯҳишгари Эронӣ Масъуди Ирфониён менависад, ки шеърҳои Ҳақназар "инсонро ба шӯру ваҷд меоранд" (Теҳрон, маҷаллаи "Бухоро" шумораи 71, саҳ.171, соли 2009). Маҷмӯаҳои ашъори шоир "Зинароҳ", "Тоҷи офтоб", "Эҳёнома", "Нигоҳи гарм", "Чашми саҳар", "Атри гиёҳ", "Барги сабзи ишқ", "Дар бистари нарми гул", "Қиссаи аспи Хатлӣ (бо форсӣ)", "Нафас то бар нафас овози вақт аст" ва ғайра мололами эҳсоси худшиносии миллӣ ва рӯҳи ватандӯстианд. Дар ин баҳш достонҳои андешапарвар ва файласуфонаи ӯ "Эҳёнома", "Ҳасрати Фирдавсӣ", "Ҳасрати Эйнштейн", "Ашки офтоб", "Сурӯши Хатлон" мақоми хоссае доранд. Ҳақназар бо навиштани достони ватанпарваронаю қаҳрамонии "Эҳёнома", ки ба Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик бахшида шудааст, ба нахустҷоизаи мукофоти адабии ба номи устод Мирзо Турсунзода (1989) мушарраф гардид. Достони мазкурро устод Лоиқ дар маҷаллаи "Садои Шарқ" чоп ва ба ин мукофот пешниҳод карда буд ва онро адабиётшинос Абдураҳмон Абдуманнонов "Сурӯши таърих" номидааст. Асари дигари шоир "Сурӯши Хатлон" низ лабрези ғояҳои ватандӯстию худшиносӣ ва сабақ бардоштан аз ҳодиса ва фоҷеаҳои таърихии миллат буда, он соли 2000-ум ба Лауреати мукофоти Давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ сазовор дониста шуд. Дар достони "Сояҳои офтобрӯз", шеъру манзума ва силсилаи шеърҳои "Шоҳномаи умр", "Ҷони ташна" (достони қаҳрамонии Сафар Амиршоев), "Фарзандони офтоб", "Дардномае ба миллат" низ Ҳақназар назари хонандаро ба таърихи ибратбахш ва пурфоҷеаи Ватан нигаронида, таъкид кардааст, ки танҳо меҳри Ҳурмуздӣ миллати ҳурмуздинажодро метавонад аз хашми аҳримани раҳоӣ бахшад. Ҳақназар ашъори Евтушенко, Есенин, Григол Абашидзе, Ҳусейн Ҳусейнзода, Гёте, Мижелайтес, Евгений Баратинский, Иван Бунин, Ақсад Мухтор, Махтумқулӣ, Яъқуб Колас, Абдулло Орифро тарҷума кардааст. Шеърҳояш ба ҳама забонҳои давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он тарҷума ва интишор гардидаанд. Китобаш бо забони русӣ дар Маскав ("Дорожный провиант") нашр шудааст. Достонгунаи навашро шоир "Дар таҷаллии офтоби Аллома Иқбол" номидааст, ки таҷаллии андешаҳои фалсафӣ, ғиноӣ, иҷтимоӣ ва ирфонии ӯро дар бар мегиранд. Сурудҳои зиёди Ҳақназарро устод Одина Ҳошим ва Нигина Рауфова месароианд. Имрӯз таронаҳои ӯ аз забони Сураӣе Қосимова, Давлатманд Холов, Озодамоҳ Муҳтарамова, Файзалӣ Ҳасанов, Хосияти Зарафшонӣ, Хосияти Балҷувонӣ, Хурсандмурод Зарифов, Лола Сулаймонва, Қурбоналӣ Раҳмон, Бобоҷон Азизов, Сангалӣ Мирзоев, Моҳрухсор Сафиева, Урунбой Ҳамдамов, Ҷумъахон Сафаров, Нуқра Раҳматова, Улфатмоҳ Мамаданбарова, Малика Саидова, Соҳиба Давлатшоева, Бобоҷон Ҳасанов, Адолат Комилова, Сабоҳат Наҷмиддинова ва дигарон хуш садо медиҳанд. Бисёр бастакорон, аз ҷумла Фаттоҳ Одина, Қудратулло Яҳёев, Хайрулло Абдуллоев ба сурудҳои ӯ оҳанг бастаанд. Хайрулло Абдуллоев ба достони "Ҳасрати Эйнштейн"-и ӯ асари симфонӣ эҷод кардааст. Асари "Ҳасрати Эйнштен"-ро театри давлатии ба номи устод Ализодаи Кӯлоб ба саҳна гузошта, дар Фестивал-озмуни "Парасту-2006" ҷойи дуюмро ишғол намуд. Ҳақназаров барои хизматҳои шоиста бо мукофоту унвонҳои бисёре қадр карда шудааст: Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода (1989), Аълочии матбуоти Тоҷикистон (1993), Шоири халқии Тоҷикистон (1996), ордени "Шараф" (1999), Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (2000), медалҳои ҷашнии "10-солагии Иҷлосияи Шӯрои Олии Тоҷикистон" (2002), "100-солагии матбуоти тоҷик" (2012), Аълочии Кумитаи давлатии телевизион ва радиои тоҷик (2012). Осораш аз инҳо иборатанд: Тӯшаи роҳ. Душанбе, 1972; Рамзи ҳаёт. Душанбе, 1976; Нигоҳи гарм. Душанбе, 1981; Зинароҳ. Душанбе, 1983; Атри гиёҳ. Душанбе, 1985; Тоҷи офтоб. Душанбе, 1985; Чашми саҳар. Душанбе, 1989; Дорожный провиант (Тӯшароҳ). Москва, 1989; Эҳёнома. Душанбе, 1991; Барги сабзи ишқ Душанбе, 1995; Дардномае ба миллат. Душанбе, 1996; Сурӯши Хатлон. Кӯлоб, 1998; Ашки офтоб. Душанбе, 1999; Таронаҳои маҳтобӣ. Душанбе, 2001; Аз қафои шишаи борон. Кӯлоб, 2002; Хаймаи нур. Хуҷанд, 2004; Зинда бо гудозишҳо. Душанбе, 2004; Сарнавишт. Душанбе, 2005; Ашки офтоб. Душанбе, 2005; Нафас то бар нафас овози вақт аст. Душанбе, 2005; Қиссаи аспи хатлӣ. Душанбе, 2006; Навҳаи Фирдавсӣ бар марги Рустам. Душанбе, 2007; Муқаддасномa. Душанбе, 2005; Дар бистари нарми гул. Душанбе, 2009; Муждаҳои ориёӣ. Душанбе, 2011; Меҳри замин- Ҳусейн Ҳусейнзода (шоири озарӣ). Душанбе, 1972; Ҷоми ҷаҳоннамо. Григол Абашидзе, шоири гурҷӣ). Душанбе, 1985 ва ғайра.

*Таҳияи «Анвори дониш»*

# КАБИРӢ-РОҲБАРИ ҲИЗБИ ТЕРРОРИСТӢ



*Бозорзода САФАРАЛӢ, узви гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб*

*Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Мусаллам аст, ки гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ё худ ифротӣ саъй мекунанд, то идеологияи харобиовари худро дар рӯи олам пиёда созанд. Чунин идеологияи харобиовар солҳои 90-ум Тоҷикистон то ба дараҷае вазъияти ногуворero ба миён овард, ки дар дохили мамлакат ҷангу хархаша сар зад ва он ба ҷанги шаҳрванди табдил ёфт. Ҳақиқатан набудани амният дар дохили мамлакат боиси таназзули пешрафту муваффақиятҳо гардид. Бетартибиҳои сиёсии рухдода сабаби ҷанги бародаркушӣ дар Тоҷикистон шуд. Аз таъсиси ин ҷанги хонумонсузи шаҳрвандӣ Тоҷикистон аз доираи тараққиёт садсолаҳо дур шуда, тамоми механизми идораи қудратӣ ва истеҳсолӣ заифу нотавон гардиданд.

Дар ҷаҳони имрӯза махсус гурӯҳҳои манфиатхоҳе пайдо шудаанд, ки барои манфиатҳои иқтисодиву сиёсӣ ва амалӣ сохтани ҳадафҳои геополитикиву геостратегӣ мубориза мебаранд. Чунин гурӯҳҳои манфиатхоҳ ба хотири тарсонидани мардум аз роҳҳои гуногуни қатли вахшиёна истифода мебаранд, ки ба гурӯҳи ҷиноятҳои махсусан вазнин дохил мешаванд. Аз ҷумла, терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳои муташаккил низ ба чунин гурӯҳ ҷиноятҳо дохил мешаванд, ки амнияти давлатиро халалдор месозанд. Мутаасифона, ҳаст баъзе ҷавонони кишварамон, ки ба доми фиреби ин гурӯҳҳои ҷиноятпеша афтода рӯзгори осудаву ором, Ватани ободу шукуфон, падару модар ва ҳамсару фарзандони худро тарк менамоянд ё бо ҳамсару фарзандон ба онҳо мепайванданд. Ҷои пинҳон нест, ки нафарони ба доми гурӯҳҳои ифротӣ ё террористиву экстремистӣ афтода дониши казоии диниву дунявӣ надоранд ва аз фармудаҳои дини мубини ислом низ фарсахҳо дуранд. Ҳол он, ки дар иртибот ба ин масъала, қариб, ки ҳамарӯза дар тамоми ВАО-и кишвар барномаҳо ва дар ҳамаи шаҳру навоҳии мамлакат то ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, маҳаллаҳо, ҳатто хона ба хона вохӯриву суҳбатҳо ва мулоқотҳои роҳбарияти мақомотҳои дахлдор, эмомхатибон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва зиёиён бо аҳолӣ ба роҳ монда шудаву идома доранд.

Афсӯс, ки ҷавонони кӯтоҳандеш ба гуфтаҳои калонсолон, зиёиён ё хабару ҳодисаҳое, ки аз дасти ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ва ифротӣ дар олам рух медиҳад, сарфи назар мекунанду худро ба вартаи ҳалокат меафкананд.

Садҳо далелҳое исбот намуд, ки аъзои ТТЭ ҲНИ ва Гурӯҳи 24 таҳти роҳбари хоини миллату давлати тоҷикон Муҳиддин Кабирӣ ва дигар шариконаш ба куштори даҳҳо нафар шаҳрвандони бегуноҳ ё ҷалби эшон ба гурӯҳи террористӣ тасдиқи худро ёфта, шахсони камсаводу бетаҷрибаро ба гурӯҳҳои ифротии худ таҳти фишор ҷамроҳ намуда, барои анҷоми амалҳои хоинона бар зидди Ватан-модар ва миллати хеш равона месозанд. Бештар ҷавононе ба ин ҳолатҳо меафтанд, ки на савод доранду на касбу ҳунар ва на хизмати ҳарбиро ба ҷо овардаанд.

Хулоса, мо аҳли ҷомеа бояд аз ин ҳодисаҳои рухдодае, ки ба сари ҳамватани мо Собиршо Ҳасанов ва монанди ин даҳҳои дигар дарси ибрате шаваду, дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва ифротии ТТЭ ҲНИ, Гурӯҳи 24 ва ғайраҳо ҳамеша дар муборизаи шадиди идеологӣ қарор дошта бошем ва нагузорем, ки ин хоинону душманони миллату давлати мо вазъро ноорому ҳаёти осоиштаи мардумро халалдор созанд.. Зеро танҳо таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш, оромиву суботи сиёсии кишвар, моро ба қуллаи умеду орзуҳо ва рӯзгори ободу пурнишот мерасонад.

# КОНСТИТУТСИЯ-НИШОНАИ МУҲИМИ ДАВЛАТДОРӢ



*Ташрифи ШАРИФ, ассистенти кафедраи химия ва биология*

Нақш ва мавқеи конститутсия дар давлатдорӣ хеле муҳим аст, зеро он муайякунандаи салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ, иқтидори сиёсӣ ва кафолатдиҳандаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Бинобар ин, баъд аз мустақил гардидан барои муайян намудани шаклу низоми идоракунӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буд, ки конститутсияи нав қабул намояд. Новобаста аз вазияти бисёр ҳассосу душвори солҳои навадуми асри гузашта, бо азму иродаву заҳматҳои беандозаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи корӣ лоиҳаи қонуни асосиро омода ва пешниҳод намуд. 6-уми ноябри соли 1994 дар таърихи давлатдорӣ аввалин маротиба бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Констутутсияи кишвар қабул гардид ва ҷомеаи ҷаҳонӣ онро дар қатори панҷ конститутсияи беҳтарини дунё эътироф намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ, ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Конститутсия ва қонунҳои дигар принсипҳои башардӯстиву инсонпарварӣ, озодона кору зиндагӣ кардани инсонҳоро тарҳрезӣ намуда, ҷиҳати дар амал татбиқ гардидани онҳо пайваста кӯшиш мекунад.

Таҳияву қабули Конститутсия дар Тоҷикистон низ таърихи рангине дорад. Воқеан ҳам, бо Конститутсияи демокративу башардӯстонаашон тоҷикон ҳаёти худ, Ватани худро марҳила ба марҳила ободу пешрафта намуданд ва Тоҷикистонро ба ҷаҳониён ҳамчун кишвари ҳуқуқбунёду сулҳдӯст ва ҷонибдори ҳамкории осоиштаву дӯстию рафоқат муаррифӣ карданд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ вобаста ба Конститусияи мамлакат чунин ифроз доштанд: "Раванду рӯйдодҳои замони муосир тақозо мекунанд, ки ҳар як шаҳрванди кишвар ҷиҳати риояи меъёрҳои Конститутсия ва дар маҷмӯъ, меъёрҳои қонунгузории кишвар ва дарки амиқи моҳияти онҳо ҳамчун воситаи муҳими таъмини озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқӣ ҳамеша кӯшиш намояд. Зеро дар шароити пуртазоди дунёи имрӯза ва таъсири тарафт афзояндаи равандҳои ҷаҳонишавӣ мо танҳо бо ҳамин роҳ метавонем, ки тадбиқи ҳадафҳои неку созандаи пешгирифтаи давлати ҳуқуқбунёду демократии худро таъмин кунем ва заминаҳои адолати иҷтимоиро барои кишварамон тақвият бахшем". Дар ҳақиқат, ҳар як сокини мамлакатро мебояд, ки Конститутсияи ҷумҳуриро амиқ биомӯзад, онро эҳтиром намояд ва аз он ифтихор намоянд.

# ОИЛА-АСОСИ ТАШАККУЛИ АХЛОҚ



*Моҳнисои ТОҲИР, магистранти соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*

Оила асоси ташаккули ахлоқи шахсият буда, ба кӯдак аввалин тасаввуротҳоро дар бораи ҷамъият, некӣ ва баъдӣ, муносибату мошират ва амсоли инҳоро меомӯзад.

Дар тарбияи фарзанд пеш аз ҳама нақши оила зиёд аст. Коста гардонидани муносибатҳои оилавӣ аз як тараф омили номусоиди иҷтиимоии оила бошад, аз як тарафи дигар бо иси рӯ ба завол овардани ташаккули шахсияти фарзандон ва эҳтимолияти хароибшавии захираи тарбиявӣ мегардад. Аз ҳамин хотир, барои мустаҳкамнамоии рушди шахсияти кӯдак дар оила бояд фазои мусоиде фароҳам оварда шавад, то кӯдак тадриҷан ба азбаркуни хислатҳои наҷиби инсонӣ комилан омода гардад. Яке аз хосиятҳои муносибати оилавӣ меҳру муҳаббати падару модар нисбат ба фарзанд дида мешавад, ки ин эътимоднокӣ ва хурсандию табъи кӯдакро нисбат ба онҳо баланд мегардонад, вале ба падару модарон зарур аст, ки на то он дараҷае ба кӯдак меҳрубонию дӯсторӣ намоянд, ки онҳо эркаю нозпарвар гарданд, зеро кӯдакони эркаю нозпарвар инҷиқу гапгардон ва якраву худписанд ба воя мерасанд.



Бинобар ҳамин, бештар кушиш бояд намуд, ки дар оила фазои тарбия ҳукмрон бошад. Дар оила кӯдак шоҳид ва иштирокчии ҳар воқеаяҳои ҳаётӣ буда, ҳар як дидаи худро хоҳ мусбӣ ва хоҳ манфӣ бошад, қабул намуда, онро аз диди худ ҳамчун "намуна" дониста, дар амал татбиқ мекунад. Ҳар як падару модар ва бузургсолонро муҳим аст, ки пеш аз ҳама бо сифатҳои хоси хеш намунаи ибрат бошанд. Дар ҳузури хурдсолон аз суханҳои пасту баланд, доду фарёди бемақсад парҳез ва худдорӣ намоянд.

Муносибат ва муошират байни аъзоёни оиларо бисёр бо эҳтиёт ба роҳ мондан лозим меояд, зеро кӯдак аввалин алфозро аз забони падару модар ва бузургсолони оила ва хешу наздикон мешунавад.



*Эмомназар ПИРНАЗАРОВ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ*

# ПИРОНИ НАКӮНОМ

Ҷомеа тавре бунёд шудааст, ки ҳар чизе дар он падид омад, албатта, ҷояшро чизи дигаре метавонад иваз кунад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки дар зиндагӣ ҳамаи чиз ивазшавандааст. Пас, саволе ба миён меояд, ки чи чиз аст, ки дар дунё ҷовидона боқӣ мемонад? Посухи ягона ва бо мавриди ин аст, ки номи нек.

Барои соҳиби номи нек шудан одамон солиёни дароз дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ саҳми муносиби худро мегузоранд, ки шоистаи таҳсину офарин, маҳбуби дилҳо ва аҳли ҷомеа гарданд. Хуш ба ҳоли касе, ки дар ин ҷода тири муродаш ба ҳадаф расаду некном гардад. Устодони зиндаёди мо Файзиев Б.Ф., Абдулвоҳидов С., Шамсов Н.Н., Гадоев С. аз зумраи он нафаронеанд, ки бо хизмати шоиставу дилу дасти пок сазовори ҳурмату эҳтироми мардум гаштаанд.

Устодон Файзиев Б.Ф., Абдулвоҳидов С., Шамсов Н.Н. ва Гадоев С., омӯзгоронe буданд, ки ҷодаи пешгирифтаашонро тавонистанд мардонавор тай намоянд ва рисолати бар дӯш доштаашонро самимона иҷро намоянд.

Дар ҷамъият ҳар касе, ки хислатҳои хоксорию инсондӯстӣ, меҳнат-



дӯстию ватанпарвариро дар шахсияти худ таҷассум намуда, манфиати ҷамъиятиро аз манфиати шахсиаш афзалтар медонад, ҳамеша соҳиби обрӯ ва эътибори умум мегарданд. Устодон Абдулвоҳидов С., Файзиев Б., Шамсов Н. ва Гадоев С., аз зумраи чунин ашхос буданд. Онҳо 50 соли ҳаёти пурбаракати худро ба таълиму тарбия ва илм сарф намудаанд.

Устодон С. Абдулвоҳидов, Б. Файзиев ва саромӯзгорон Шамсов Н., Гадоев С.-ро аз соли 1988 аз даврони донишҷӯиам мешиносам ва тӯли солиёни зиёд бо онҳо ҳамкор будам. Гиромӣ ва пос доштани хотира ва номи неки онҳое, ки дар пешрафту инкишофи соҳаҳои мухталифи кишвар саҳми назаррас доранд ва баҳри дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ, тарбияву камол ёфтани насли ояндасоз талош намудаву заҳмат кашидаанд, вазифаи ҳамаи мо мебошад.

Ҳадаф аз навиштани ин сатрҳо низ маҳз ҳамин аст. Симоҳои самимона ва нурониву дурандешонааашон то ҳол пеши назарам ҷилвагар аст.

Саъдии бузургвор мефармояд:

***Саъдиё, марди накӯном
намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш
ба накуӣ набаранд.
Рӯҳатон шод ва хонаи охирататон обод бод, устодони меҳрубон!***

# SOME MEMORIES FROM 2019TH UNDERGRADUATORS OF THE FOREIGN PHILOLOGY FACULTY

### DAYS HAVE GONE BUT MEMORIES LEFT...

***I am Muhammadali Usmonov from Tudakavsh village, Kulob city, 401 gr.***



Just now I am the 4th year student of Kulob State University named after Abuabdulohi Rudaki. I want to write some memories and part of my student`s life in this paper.

It is not secret that student life is the best part of life. In this period of time students start their own life. Student life is very useful because it prepares us for the real life. This life teaches us good manners and morality. In my view-point student should learn work disciplines, good manners and they should take part in social activities, like involving in the field of science. Discipline is an important virtue. Life without discipline is just a ship without rudder. When I had entered to the University I didn't know what do I do? Why do I study? Is study at University necessary? I had asked myself such kind of questions. Finally during 4 years I found all the answers. Also, I made my own discipline here.

It is high time to me to write briefly about my student memories. To become the student was the best memory for me. On the other side I introduced with many intelligent, clever and wisdom persons. I become close friend with my course mate and faculty students. We spent countless pleasant moments not only in auditoriums but also in outsides... The fun we had. Days have gone. Only memories left for me. When we were the 1st course a course mate of us had wedding party. I went to her wedding to Muminobod district, Childukhtaron valley with 4 of my course mates ...

During the second course I started to attend in many social activities. I took part in some seminars and Republican Conference. In the third course I took more awards from some competitions. 2017 was the best year for me. In this year I had marvelous and delightful also unforgettable days.

Now I want to write about education and the teachers who educated me. First of all, I would like to express my deep appreciation to our ex-dean Mrs. Sharifkhojaeva Saodat and deputy of her Mrs. Nazarova Matluba for all the helps and involving me to social activities. Also I would like to thank all my teachers for the knowledge they gave me. I am thankful to all lectors dear Saydamirova Muqaddas, Juraqulov Bozorali, Davlatov Fayziddin and others for especially useful lectures and to all the answers.

A special thanks goes to my colleagues from youth society and course mates who stand by me and helped at all my starts. I would like to thank my parents who also taught me how useful and important education is. Days have Gone but Memories left...

### IMAGINATION OF FOUR YEAR AT THE UNIVERSITY

***Safarov Muborakshoh group 402 Kulob city.*** As the choosing profession is the main problem for a young generation and I also was faced with. For a decades I had planned to be an international journalist. But unfortunately I couldn't reach my dream profession.



It was 2015 I applied my documents to the nation testing centre and as I intended en international journalist was my first choice in a list of fields. But damn to this testing system that directed me to a university that I am studying now. When I entered to auditory for the first time there was everything strange^ new people, new teachers, new characters. For the first time everything was boring especially sitting and writing a lecture for a four and three hours simultaneously for a man who loves more speaking curious and traveling.

But days after days I used to everything thanks for some decent ones, after some days I knew my honest, decent and respective course mates that made me love my field.

During this four years of study there were many instance that me desperate like behaves of teachers, unvalued of students tries for some teachers and the way of punishing students. Despite of these features there were moments that I can't swipe them out of my memory like the events that we have celebrated together picnics, tours, hiking and travels that all were amazing.

I want to point out the most unforgettable travel that was more amazing with course mates it was a tour to Navobod village Khovaling district It was certainly to tempt anyone out. A clear blue sky glorious sunshine a gentle breeze a skyscraper mountains and the very fast running river, down the village. Despite of all amusement we had also suffered a car. We roamed about Navobod for three hours or so. Roaming among the mountains smothered with flowers and green grasses was really unforgettable with course mates.

I am very thankful for all our kind and very care teachers about our feature. I am very grateful for them for making a perfect man from us. I learned a lot here and I hope that I will succeed because of good help and support of teachers and my very decent course mates that made me feel comfortable and actually listened when I needed to be heard. Eventually I want to say that this four years were wholesome for me that I gained a hug knowledge And find very kind friends and I suppose being around the kind people and care teachers can make the man change his will.



***Shabnami M. Kulob city.*** Four years ago, like my other course mates, after finishing school I entered to the Kulob State University named after A. Rudaki to my favorite field "the faculty of foreign philology". Entering to the university was not so easy but I did my best with much efforts.



Now I want to say a little about my level of English knowledge before entering here. Actually When I was a schoolgirl I hadn't a lot imagines about this language But when I was in 11th form went to the additional lessons and gradually I could love it.

First year when I began learning about the real world .i couldn't achieve the purpose that I expected of the university . despite of my usual indifference about life, I found a light at the end of the tunnel.

I want to point out some memories from university . My first day at university was an important event in my life. It was an unforgettable day for me because when I entered to the auditory everything was strange^ new students new teachers but after some days I recognized my very kind course mates and friends. To meet new people, new faces, new friends "Best friends" was very interesting.

My course mates and I had taken in many competitions together. We were in many regions of our country: Shurobod, Khovaling, Farkhor, Dushanbe and other places. And we have unforgettable imagination from that places. About the teachers, they all were very kind with us from the first days. And i got really very wholesome knowledge from them and I believe that I will need them in my future career.

I can say only that if I could enter to the university again, I would choose this University, this faculty, these students and these teachers.

### MY FOUR YEARS OF STUDY

***My full name is Sangova Parvina.*** I would like to tell about my life at the university. After finishing school I entered to the university in 2015. It was my dream to became a student of faculty of foreign philology, because there was not an English teacher in our school.



For the first time when I entered to the faculty everything seemed new for me. The big building which consists of 9 floor. There were many beautiful and clear auditory in it. And there were some computers and electronic boards in the auditory.

For the first day I met with our teacher Nilufari Jalol. She showed me the auditory and my course mates. They all were good person. We helped each other during the lessons. I didn't know English and they helped me.

Besides English we learned a lot of subjects at the University. I'm happy student that I have such teachers. we obtained many things from them.

During the study we traveled to some districts of Kulob town. For example Vose, Shurobod and Khovaling. There were beautiful nature and fresh air there. In third and fourth course we went to school number 2 for the practice. It was good experience for all of us.

Finally I am studying in fourth course The God willing after some days I'll graduate the University and will go back to our village and will be a teacher in our secondary school.

# ПАДАР-САРПАНОҲИ МАН!

*Рисолат АЛИМУРОДОВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*



Дар ҳар мақола васфи модарро мебинем, аммо кам мақолаву шеърҳоеро вомехӯрем, ки васфи падар дар онҳо инъикос шуда бошанд. Ба ин хотир, хостам, то чанд сухан бахри падар гуфта бошам. Оре, мо дар бораи модар чи қадар васф кунем, ҳамоно кам аст, аммо падарро низ фаромӯш кардан нашояд. Агар модар ҳангоми тавлиди мо ҳазорон бор бо марг рӯ ба рӯ шавад, падар бошад барои хӯрондану пӯшондан, хулоса барои бартараф кардани тамоми камбудҳои мо аз баҳри ҷони худ мегузарад. Агар модар шабонгоҳ нахуфта бошад, пас падар шабонарӯз нахобида, аз паи ризқу рӯзии фарзандонаш ҳаст.

Падар дар ҳама хонадон қиблагоҳ ва шоҳсутун мебошад. Ҳангоми хӯрд будам, ба падарам мегӯфтам: "Ана падари вай дугонаи ман, фалон чиз ба ӯ харидааст, шумо низ ба ман аз ҳамон чиз гиред." Падарам хоҳ дар ҷайбаш пул дошт ё надошт,барои ман он чизро муҳайё мекард, то ки аз дугонаҳоям кам набошам. Ин ҳама аз норасоиву беақливу навҷавонӣ ва кӯдакии ман будааст. Намедонистам, ки падарам бо чи қадар мушкилӣ пул ба даст меорад. Падарам ба ин мушкилҳо нигоҳ накарда, шабонарӯзӣ дар гармиву дар сардӣ ҳамеша аз паи рӯзгору зиндагӣ мешуд. Ҳеҷ як рӯзи роҳатро намедид. Акнун фаҳмидам, ки ҳар гоҳе, ки аз падарам чизе талаб мекардам, агар вай пул намедошт, ғамгин мешудааст ва ба худ мегуфтааст: "Ман чи хел падари ноӯҳдабаро ҳастам, ки хоҳиши фарзандамро иҷро карда наметавонам." Аммо кадоме аз мо фарзандон ин ҳолати падарамонро дарк мекунем. Ҳеҷ кадомамон парвои дунё надорем. Вай ба чи қадар машаққату азоб меҳнат мекунаду мо меҳнати вайро қадр накарда, ба хок яксон мекунем. Аққалан дар зиндагӣ коре кунем, ки падарон аз мо розӣ бошанд. Чунон, ки гӯфтаанд: "Падар розӣ- Худо розӣ!" Агар ин шахсият аз мо розӣ бошанд, пас мо хушбахттарин шахс дар ду олам ҳастем ва ман шукргузорам аз Худованд, ки дар хонадони мо марди мардҳо ва шоҳсутуну қиблагоҳ ва соябони сари мо ҳаст.

# ПАНДОМЕЗ



*Барно ТУХТОРОВА,*
*донишҷӯи соли 1-уми факултаи химия, биология ва география*

1. Шахсеро дар ҳолате дарк мекунӣ, ки дар ҳамон ҳолат қарор доштa бошӣ.
2. Суханатро ҳатто ба куртаи танаат магӯ!
3. Ҳаргиз дили касеро маёзор!
4. Модар гуфта падарро фаромӯш макун!
5. Аз рибохӯрӣ биҳарос!
6. Саховатмандиро пешаи худ кун!
7. Ишқ беҳтарин хатои зиндагонист.
8. Вақте ки туфон омад, баъд сахтӣ, сардӣ, тангӣ ва нури хуршед низ меояд.
9. Ҳеҷ вақт ба моли дунё дода машав!
10. Дар дунёи фонӣ уқбои боқиро бигузор!
11. Барои ҳадафҳоят бикӯш!
12. Ҳеҷ вақт худро кам машумор!
13. Зиндагиро бо дардҳояш қабул кун!
14. Пиронро дар тасвири худ бин!

# ДУРНАМОИ РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

*Замира ДАВЛАТОВА, донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



Ба ҳамаи мо маълум аст, ки ҷомеаи имрӯзаро бидуни сиёсат тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, дар тӯли солҳои Истиқлолияти Тоҷикистон ба шарофати сиёсати мутавозин ва мутаносиб бо мукташиёти (талабот) ҷаҳони имрӯз дар анҷумани давлатҳои мутамаддин мақом ва манзалати шоиста касб кард. Тоҷикон бо ҳифзи вижагиҳои миллӣ ва андӯхтаҳои маънавии худ ҳам по, ҳам наво ва ҳамрадифи мардуми сайёра шуданд, набзи сиёсати хориҷии кишвар ба набзи сиёсати имрӯзаи ҷаҳонӣ ҳамсадо гардид. Корсозиҳои хирадмандона ва дурандеши сиёсии Сарвари Тоҷикистон дар ҷодаи дифоъ аз манфиатҳои кишвар ва эҷоди таносубу тавозуни оқилона миёни арзишу ормонҳои миллӣ ва ниёзҳои дунёи муосир мӯҷиби афзудани эътибори байналмилалии Тоҷикистон гардид. Тоҷикистон имрӯз ба ҳайси кишвари соҳибэътироми ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта ва пазируфта шудааст. Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, институтҳои молиявии ҷаҳонӣ сарфи назар аз дастовардҳои қаблӣ, муносибати ҷиддитар ва назари фарохтарро тақозо дорад. Мо бояд иқтидори бузурги ин созмонҳоро ба эътибор гирифта, низоми самаранoки ҳамкориро ҳамёриро ба роҳ монем. Дар ин маврид ба эътибор гирифтани вазъи тағйирпазири ҷаҳон ва бархӯрди манфиатҳо, тавозуни қувваҳо ва дигар зуҳуроте, ки ба раванди ҷаҳонӣ таъсиргузор мебошанд, дар ҳамоҳангӣ бо манфиатҳои миллии кишвари мо зарур аст.

# ХОТИРОТИ БАДЕ АЗ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

*Исмоили ИСУФ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи физика ва математика, ихтисоси информатика*



Тибқи нақшаи таълимӣ барои ихтисоси информатика дар нимсолаи 6-ум мо бояд ба таҷрибомӯзии таълимӣ сафарбар мешудем. Фармоиши ректори донишгоҳ низ дар ин бора ба тавсиб расид ва бо орзуҳои нек ҷониби МТМУ №8-и шаҳри Кӯлоб сафарбар шудем. Моро аз кафедра методистони ихтисоси Шоҳсанами Ризо ва Қурбонова Умеда ҳамроҳӣ менамуданд.

Дар саҳни муассиса моро ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ Шарифов М. хуб истиқбол намуданд. Сипас, моро ҷониби хонаи омӯзгорон роҳбаладӣ намуда, суханони бисёр хубе зикр доштанд ва қайд намуданд, ки "Хонандагони муассисаи мо бисёр душвортарбия буда, бо хонандагони забон як намудан мушкил аст. Агар ба Шумо таҳдид намуданд ё агар Шуморо низ латукӯб намуданд, гиря накунед." Ин суханон моро бисёр ҳайрон менамуд. Вақте таҷрибаомӯзон ин суханонро мешуниданд, ба якдигар бо чашми ҳайрон менигаристанд. Дар охир моро бо синфҳое, ки масъул мебошем, шинос намуданд.

Мутаасифона, синфе, ки насиби ман шуд, 1-умин синфи бетарбия дар муассиса ба ҳисоб мерафтааст. Ман аз ин бисёр хавотир будам.

Тӯли 2 ҳафта дар дарсҳои онҳо ҳамчун назоратчӣ менишастам ва синфамро назорат мекардам. Ҳафтаи 3-юм моро аз ҷониби шӯъбаи таҷрибаомӯзии донишгоҳ дар толори фарҳангии факулта ҷамъ оварда "Конференсияи кушодашавии таҷрибаи таълимӣ"-ро гузарониданд. Аз ҳафтаи дигар мо ҳамчун омӯзгор вориди синфхонаҳо шудем.

Сухани аввалини яке аз хонандагони синф ҳеҷ аз хотирам намеравад: "Ба мо кордор нашавед, мо ҳам кордоратон намешавем." Ин сухан дар дили мо таҷрибаомӯзон тарсро ворид кард. Сухан кӯтоҳ дар ҳар як синф 2 нафар таҷрибаомӯз тартиботро назорат мекарду 1 нафар бошад, дарсро мегузашт.

Ҳоли мо муддати 14 ҳафта бад ин тартиб гузашту дар як ҳафта рӯзи ҷумъа ба мо ғаму дарди навро ворид мекард. Шукр, ки таҷриба анҷом ёфту ба мо зарару зиёне нарасид. Акнун мо ҳамчун омӯзгорони оянда дар дил ният дорем, ки баъди хатми донишгоҳ дар худи донишгоҳ кору фаъолият намоем, зеро таълим додан дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ бисёр мушкил будааст.

# КИТОБ-КАЛИДИ ХУШБАХТИҲО

*Бахтовар БОБОЕВ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*



Инсони комил инсонест, ки боадаб, хирадманд, бомаърифатӣ, донишмандӣ ва накӯкориро пешаи худ қарор медиҳад. Шахсе, ки чунин хислатҳои некро дар вуҷудаш парвариш медиҳад, вай албатта ба мақсади ягонааш расида метавонад. Ҳама ин хислатҳои неки инсонӣ маншаъ мегирад аз китоб ва китобдӯстӣ. Шахси китобхон ва китобдӯст дар ҳама ҷо мартабаи баланд дорад. Инсони китобхонро аз чеҳрааш мешиносанд, зеро дар чеҳраи шахси китобхон нури маърифатӣ ҷилло медиҳад. Инсони китобхон ҳамеша ботамкин аст ва рафтори неки ибратбахшона дорад. Мо, ҷавонон бояд ҳамеша рӯ ба китоб биёрем ва бештари вақти худро дар мутолиаи китоб гузаронем. Лаҳзае истем ва назар афканем ба гузаштагони худ, ки чӣ қадар зиндагии мушкилро аз сар мегузарониданд ва ба ҳамаи он нигоҳ накарда ҳамеша дар мутолиаи китоб буданд. Яке аз онҳо устод Садриддин Айнӣ чӣ қадар зиндагии мушкилеро аз сар гузаронидааст ва дар баробари ин қадар сахтиҳо муҳаббат ба китоб дошт.

Вақте ки мо ба "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ назар мекунем, тамоман табиати дигареро эҳсос мекунем. Имом Ғазолӣ чунон ишқу муҳаббати зиёде ба китоб дошт, ки ҳатто вақти хурокхӯрӣ аз ёдаш мебаромад. Имом Ғазолӣ хоҳаре дошт, ки ҳар гоҳ вақти хурокхӯрӣ мешуд, ӯ таомро болои дастархон гузошта, ҳар луқмаи аз таом бардоштаро ба даҳони бародараш мегузошт ва Ғазолӣ бошад ҳамеша фикру хаёлаш дар китоб буд. Пас, мо ҷавонон бояд аз гузаштагони худ ибрат гирем ва ҳамеша аз паи китобхониву донишандӯзӣ ва илмомӯзӣ бошем.

Фарқи одам аз дигар махлуқоти олам дар он аст, ки бо китобу мактаб ва хату савод сару кор дорад. Ҳама шикасту рехти зиндагӣ, муваффақияту ҳанбудӣ, оянда, зуҳуроти ҳаёти инсонӣ тавассути китоб арз меёбад. Агар китобу хат, саводу омӯзиш намебуд, мо аз тарзи зиндагии мардуми тоҷик дар садсолаҳои гузашта ба хубӣ воқиф намегаштем. Бо ҳаёти оламиён ошно шуда наметавонистем, баду неки дунёро ба хубӣ аз худ намекардем. Ҳамин буд, ки мо ба шоҳроҳи зиндагӣ расидем, пас, мебояд саъю талоши зиёд намоем, то насли навраси ояндаро ба ин шоҳроҳи бурдбор ошно созем ва дар ин ҷода онҳо тавонанд, то ба комёбиҳои бузург ноил гарданд. Китоб ёру мададгори инсон аст, аз мутолиаи он ҷаҳон-ҷаҳон бахра мегирем. Вақте, ки инсон ба ин даргоҳ дохил мешавад, аз он чӣ меваҳои шаҳдорро дармеёбад ва дар вуҷуди ӯ ҳисси худшиносиву худошиносӣ бедор мегардад.

Имрӯз мо чунин Пешвои ғамхоре дорем, ки тамоми шароитҳоро бахри мо ҷавонон фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, мо ҷавонон бояд аз ин фурсати муносиб истифода бурда, рӯ ба китоб орем.

# МИНБАРИ

# ИСТИҚЛОЛ

НАВҚАЛАМ

*Латофати РУСТАМ,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи рус*



***Туро эй тоҷики тоҷбарсари ман,***
***Муборак ҷашни истиқлол бодат!***
***Бибояд сад ҳазор бор шукр гӯӣ,***
***Ки тоҷикмодаре тоҷик бизодат.***
***Бихондат аллаҳои тоҷикона,***
***Бигуфтат қиссаву шеъру тарона.***
***Туро бо Фирдавсӣ ошно кард,***
***Зи "Шоҳнома"-и ӯ ҳар қиссаҳо кард.***
***Ба илми тибби Сино кард табобат,***
***Ки бошӣ доимо соқу саломат.***
***Зи Ҳофиз ҳар гаҳе хондат ғазалҳо,***
***Ки то меҳри ватан дар дил кунӣ ҷо.***
***Биё, бар қадри тоҷикмодарат рас,***
***Ки дар дунё ба ҷуз ӯ набвадат кас.***
***Ватан ҳам мисли модар дӯст медор,***
***Ватан ҳам мисли модар ҳаст ғамхор.***
***Агар ин ду зи худ розӣ намоӣ,***
***Яқин раҳ суйи ҷаннат мекушоӣ.***

# ЧАНД АҶОИБОТ

*Исроил ОҚИЛОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



1. Доллар 1-уми апрели соли 1778 аз тарафи тоҷири амрикой Оливер Полок сохта шудааст.
2. Дар сохтани Девори Бузурги Чин тақрибан 2 миллион нафар ҳалок шудаанд.
3. Баландтарин бино дар ҷаҳон дар АМА ҷойгир аст, ки баландиаш 828.9 метр аст.
4. Науру ягона давлате аст, ки пойтахт надорад.
5. Суруди миллии Миср аз 157 ҷумла иборат аст, ки онро ягон шаҳрванди Миср то ба охир намедонанд.
6. Оё медонед, ки пулро аз қоғаз не, балки аз пахта истеҳсол мекунанд.
7. Як тори мӯйи сари солим метавонад то 3 кило вазнро бардорад.
8. Кӯдаки фарбеҳтарини ҷаҳон Лу Хао мебошад, ки дар 3-солагӣ вазнаш 60 кило буд.
9. Ҳисси бӯйфаҳмии саг нисбат ба инсон 1000 маротиба бештар аст.
10. Одами хуртарини ҷаҳон Ҷунри Балауинг аз Филиппин мебошад, ки қадаш 59,93 см аст.
11. Ҳиндустон ва Чин 40%-и аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд.
12. Коста-Рика ягона давлате мебошад, ки артиш надорад.

# МОДАР, ТУ ДУРАХШОНТАРИН СИТОРАӢ!

*Шаҳноза АМИРОВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*



Модар ту меҳрубонтарин ситорае ҳастӣ, ки ман медонам. Намедонам то кӯҷо аз меҳрубонии ту бинависам! Ман дилтангиҳоямро дар оғӯши гарми ту фаромӯш кардам ва аз овози қудкиям бо садои нарму форамат, бо аллаҳои нозпарварат дар қалби кӯчакам меҳри сухан гуфтанро парваридӣ.

Сарчашмаи тамоми покиҳо домони туст! Бӯят дилнавозтарин насимест, ки зимистонро бо баҳор наздиктар мекунад. Ту вориси покдоманӣ. Модар беҳтарин армон, азизтарин ҳастӣ, муқаддастарин муъҷиза ва арзандатарин сарватест, ки ҳамагонро ҳаёт бахшидааст. Аз ҳастии пайкари бузургаш ба дили кас қуввату мадор, тавоноиву қарор ва меҳру муҳаббати беандозае пайдо мегардад.

Модар ситораи зиндагӣ, ситораи дурахшонест, ки ҷаҳонро нуру ҷилло мебахшад. Офтобест, ки лаҳзае аз болои кӯҳҳо баромада, дунёро равшанӣ мебахшад. Воқеан, модар азизтарин ва меҳрубонтарин шахс барои ҳар яки мост. Дасти дуои модар ва суханони самимонааш роҳи зиндагии фарзандро рӯшан мекунад. Орзуве таманиёташ ибтидои хубию оғози мувафақиятҳост. Модар чун дарахти пурсамарест, ки фарзандони парваридааш чун меваҳои ширин ба камол мерасанд.

***Модар, модар, каси баҳимат бошад,***
***Дидори шарифи ӯ ғанимат бошад.***
***Аз маҳзани панди он бигир арзонӣ,***
***Фардо чӣ кунӣ, ки ганҷи ҳимат бошад.***

# ДОНИШҶӮ

## ЧАРО БА ҒАЗАБ ОЕМ?



*Махфират НИЗОМИДДИНЗОДА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*

***Нишоти орзумандон зи сабр аст,***
***Гули боғи тарабхандон зи сабр аст***
***Ба сабр аз корҳо берун равад банд,***
***Шавад найшакару шакар бувад қанд.***

Яке аз беҳтарин хислатҳои инсонӣ сабру таҳаммул мебошад. Сабру таҳаммул метавонад инсонҳоро ба қуллаи муруд расонад ва ҳамаи орзуҳои онро амалӣ гардонад. Ин ҳикмати халқ аст, ки зиндагӣ пастиву баландиҳои зиёд дорад. Дар ин ҳолат сабр бояд кард, зеро Худованд хамеша бо собирон аст. Ҳаёти инсонӣ дар ягон давру замон якхела нагузаштааст ва нахоҳад гузашт. Агар зиндагӣ як хел мебуд, ба ҷои чор фасл як фасл мешуд, ё ин ки шаб мебуду рӯз не, сафед мебуду сиёҳ не. Пас, аз ин бармеояд, ки дар ҳама ҳолат сабрро пешаи худ намоем.

Баъзан вақтҳо мо ба ҳолатҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки аз сабру таҳаммул фаромӯш намуда, баръакс хашму ғазаб ғолиб мешавад. Масалан, ду кас бо сабаб дар байни мардум низоъ меандозанд. Яке бо кибру ғурур худнамоӣ карда, дигареро шармандаю шармсор кардан мехоҳад, аммо оне, ки аз оқибати ин низоъ андеша мекунад ва сабру тоқатро аз даст надода, бо чанд сухани оқилона худро канор мекашад. Мардум ба каси беандешаву бетоқат лаънат хонда, ба каси боандешаву пуртоқат раҳмат мегӯянд! Бузурге фармудааст: "Сабр хислатест, ки дар ҳодисоти рӯзгор иҷтибоу бимро аз одамӣ дур кунад."

Одами пурғазаб ҳамеша дар ташвиш аст, дар андак носозӣ ҳам худ ва ҳам дигаронро ба гирдоби ғаму ғусса ва парешонхотирӣ тела медиҳад. Чунин одам баъди чанд моҷаро бояд хулоса барорад, ки ин хислат дар ҳаёт, ӯро ором намегузорад. Ба ҷои ғазаб бояд, хислатҳои нармдилӣ, ҳалимӣ ва пуртоқатиро парварад, зеро касе, ки ғазабро фурӯ мебарад, ӯ бурд мекунад.

## ОБ - МУЪҶИЗАИ ТАБИАТ



*Парвина РАҲИМОВА, донишҷӯи соли 5-уми факултаи химия, биология ва география*

Тоҷикистон як неъмати худодод, як мӯъҷизаи табиат, як биҳишти рӯи замин аст. Мисли сарзамини мо табиати нотакрор, оби софу зулол, чашмаҳои ширин, кӯҳҳои зебову сарбаланди дорои сарватҳои бои зеризаминӣ дар ягон гӯшаи олам вуҷуд надорад. Пас, месазад, ки бо чунин диёри зебоманзар ифтихор намоем, месазад, ки шукри ҳар пора замину ҳар қатраи обаш бикунем ва ин ҳама дороиашро, ки сарчашмаи ҳаёти мост, тозаю озода нигаҳбон бошем. Дар радифи пиряхҳои азим, дарёҳои бузург ва кӯлҳои хушманзара чашмасорон ҳам аз муъҷизаҳои кишвари биҳиштосои мо ба шумор мераванд. Оби зулоли чашмасорон аз қаъри замин ба ё аз синаи кӯҳ ҷӯшида, фаввора зада, манзараҳои афсонавиро чун наққоши моҳир рангинтар ва марзҳои тафсидаро чун соҳили босафоват менамояд. На фақат бар мо, барои тамоми халқҳои ҷаҳон оби чашмасорон мӯъҷизаи беназир ва фавқулода ба ҳисоб меравад. Ба ягон халқи ҷаҳон муяссар нагаштааст, ки ба чашмасорон чун тоҷикон ин қадар номи зебо ва шоиставу шоирона гузошта бошад. Об равшаниву нур, манбаи асосии ҳаёт, сабаби ҳастии оламӣ, наботот, ҳайвонот ва асли бақову пойдории зиндагӣ ва табиат аст. Об неъмати бебаҳову муқаддасест, ки таровату зебоӣ ва сарсабзиву нишоти зиндагӣ аз он вобаста аст. Захираи оби тоза дар кишвари мо ниҳоят зиёд аст, ки он дар рӯдхонаҳо, кӯлҳо, чашмаҳо ва дар пиряххо ҷамъ шудаанд.

Об ҳаст ободӣ ҳаст, мегӯянд. Об аст, ки кулли мавҷудоти олам дар афзоишу рушду нумӯъ ва пояндагӣ қарор дорад. Об аст, ки гулу гиёҳ аз он рангу бӯй, таровату пояндагӣ мегиранд. Бе об ҳаёт маъно надорад. Зиндагиро аз ҳастии об асос аст.

## ДАР ФИРОҚИ ПАДАР

*Умедаи ҶУМАХОН, донишҷӯи соли 2-юми факултаи омӯзгорӣ*



Падарҷон, салом! Куҷоӣ, ки ман солҳо пазмонат ҳастам ва дар ҳама ҷо туро меҷӯям. Ман ҳамон тифлаки дусолаам, ки ману модару бародарҳоямро дар нимароҳи зиндагӣ тарк кардӣ. Падарҷон, дар ҳамаи кӯчаву хиёбонҳо туро меҷӯям, аммо намеёбам. Биёву боз канорамон бош, ки давтарат бепадар буданашро ҳис накунад. Биё, ки асоситарин решаи зиндагиофарин, ки маро ба қудрат, ҳикмат ва сарвати ахлоқӣ эҳдо кунӣ.

Падар! Падарҷон, машъали фурӯзон ҳамчун шамъи сӯзон ҳаёти эҳсоси ман будӣ. Чаро дар нимароҳи зиндагӣ, ки он лаҳза ба ту эҳтиёҷ доштам, муҳаббати туро мехостам, таркам кардӣ? Чаро, чаро охир? Мехоҳам дарди маро шунавед. Навиштаам дар мақолаам эҳсоси дил. Ман ҳамон тифлаке мебошам, ки эҳсоси диламро на ба ранг, балки бо хуни дил навиштаам. Агар ба ин мақолаи худ ғами якеро кам кардаву ғами дигареро дубора кунам, маро бубахшед.

## ЧАРО СИНАМОГАРОНИ РУС МЕТАВОНАНДУ МО НЕ?

*Ҳисайн КАРИМЗОДА, донишҷӯи соли 1-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



Яке аз ғолибияти синамогарони рус ин ба даст овардани мухлисони худ мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки синамогарони рӯс барои ҷалб намудан ва ҳазлу шухиҳо заҳматҳои хело зиёд кӯшиш мекунанд, аммо бояд инро қайд намуд, ки онҳо бе монеаҳо ва мушкилоти худ ба ҳадаф мерасанд. Аз давраи Итиҳоди Шӯравӣ то инҷониб ба мақсадҳои худ ва сайъу кӯшиши худ расидаанд ва ҳеҷ норозигӣ аз худ надиданд.Тӯли чандин сол аст, ки мо бояд қайд намоем, ки ин мардони бузурги синамогарони рӯс тавонистанд зиёда аз як миллиард филмҳои гуногун бароранд ва ин ҳам бошад бо шухиҳо ва пешрафти касби худ ба шумор меравад.

Филмҳое, ки синамогарони рус бо тамоми қонуну қоидаҳо амал мекунанд, ба талабот ҷавобгӯ низ мешаванд. Ҳар як филм дорои амалиётҳои зерин ва иҷрокунандаҳои худро дар бар мегирад. Масалан, филми "Иван Грозный"-ин яке филми машҳури синамогарони рус мебошад. Филмҳое, ки мо дар боло қайд намудем на дар Русия машҳур шуданд, балки онҳо дар дигар давлатҳо низ машҳур низ шуданд.

Филмҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намоиш гузошта мешаванд, сифати паст доранд. Ҳоло филмҳои тоҷикӣ як масхарабозиро ба намоиш мегузоранд. Суоле ба миён меояд, ки чаро мардуми тоҷик филмҳои дилгиранда меофаранд? Чаро русҳо тамоми фарҳанги худро дар филмҳои худ инъикос мекунанду мо не?

## ҚОНУНИ МАНУ

*Айниддин ҚОСИМОВ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Сарчашмаи пайдоиши илми иқтисодро аслан дар таълимоти мутафаккирони дунёи қадим, пеш аз ҳама Шарқи Қадим ҳамчум гаҳвораи тамаддуни башар бояд донист. Дар Ҳинди Қадим дар "Қонуни ману" (асрҳои 6-3-и то солшумории мо) мавҷудияти тақсимоти аҳамияти меҳнат, муносибатҳои ҳукмронӣ ва итоаткунӣ қайд гардида буд. Дар таълимоти мутафаккирони Чини Қадим, хусусан Конфутсий (солҳои 551-479 то сол шумории мо) меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ аз ҳамдигар фарқ карда шудааст, ки аввалинаш хоси табақаи болоӣ ва дуюмаш хоси табақаи поёнӣ ба ҳисоб мерафт, ки қисми зиёдашонро ғуломон ташкил медоданд. Инкишофи ояндаи афкори иқтисодӣ дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим Ксенафонт (430-354 то солшумории мо) Афлотун (427-347 то солшумории мо) Арасту (384-322 то солшумории мо) ба вуҷуд меояд. Ксенафонт дар рисолаҳои "Домострой" ва "Экономикос" қонуниятҳои идоракунии хоҷагии хонагӣ ва заминдориро нишон дод. Ксенафонт мафҳуми хоҷагидориро на дар маънои маҳдуд, балки дар маънои васеъ ҳамчун хоҷагии ғуломдорӣ шаҳр медод. Имрӯз мафҳуми истилоҳи иқтисод низ тағйир ёфтааст. Гумон меравад, ки ин мафҳумро ҳанӯз дар асри 5-и то милод шоири Юнони Қадим Геспор дар натиҷаи муттаҳидсозии ду калимаи юнонӣ "ойкос" (хона, хоҷагӣ) ва "номос" (медонам қонун) ба вуҷуд овардааст, ки санъат, дониш ва қонуну қоидаҳои пешбурди рӯзгорро ифода мекунад. Ин мафҳум аз ҷониби олимони Юнони Қадим Ксенафонт ва Арасту ба илм ворид карда шудааст. Иқтисодчии аввалин ин мафҳумро ба ду қисм ҷудо намудаанд. Илмест, ки ба омӯзиши фаъолияти одамон конуну қониятҳо ва як қатор шароитҳое, ки бо унсурҳои истеҳсолот алоқаманд мебошанд.

## ФАРҲАНГИ АНДОЗСУПОРИРО БОЯД ДОНИСТ!

*Саидмумин ФАЙЗАЛИЕВ, донишҷӯи соли 2-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Ҳар як шаҳрванд бояд донад, ки андоз чист ва он барои чӣ супорида мешавад. Дар бораи системаи андоз дониш андӯхтан шарт аст. Ҳамин дониш ба амали одоби супоридани андозро фарҳанги андоз меноманд. Ба як қавл, инсон ҳар қадар бофарҳангу бомаърифат бошад, дар супоридани андоз он қадар зиёдтар масъулият эҳсос менамояд ва дар ин кор таъхир намекунад.

Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2018 мавриди амал қарор гирифтааст. Дар он системаи андоз, намудҳои он, тарзи андозбандӣ такмил дода шуда, ҳар намуди андоз дастурамали худро низ дорад. Бе андоз дар олам ягон давлат устувору пояндa нахоҳад монд. Аз ин рӯ, ҳар шахси бовиҷдону некӯхоҳ, ватандӯсту некӯкор бояд андоз супорад. Мақсад аз гуфтаҳои зерин дар он аст, ки фанни андозро дар мактабҳои миёна ҳам ба роҳ монанд, то ки ба мардум мафҳуми андоз фаҳмо шавад.

## ЧАНД СОЛЕ ПЕШ

НАВҚАЛАМ

*Сайёҳат ХУДОЁРЗОДА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



*Чанд соле пеш модар луғбате,*
*Бар гирифту бурд назди устоз.*
*Гуфт: Овардам ман ин луғбато,*
*Ҳол бо ту ҳар чи мебояд бисоз.*
*Хуш пазируфт дасти он луғбат гирифт.*
*Баҳри созаш ӯ раҳе ҳидмат гирифт.*
*То ки бол бикшод ба ҳар баҳру баре,*
*Ҳамчу бозе додаташ болу паре.*
*Бар баландиҳо ҳаме парвоз кард,*
*Роҳи бахту зиндагиш огоз кард,*

## ДӮСТИ ҲАҚИҚӢ КИСТ?

*Ҳабибуллои АБДУСАТТОР, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*



***Ба ҳар кас дарди дил***
***кардан хато аст,***
***Ба ҳар ҷо ашк рехтан***
***нораво аст.***
***Ба бедардон мағӯ***
***дарди дилатро,***
***Ки ҳамрози дилат***
***танҳо Худо аст.***

Аслан таҳлили луғавии калимаи "дӯст" ин маънои калимаҳои ёр, ошно, некхоҳи касе ва ё ҷӯраро доро мебошад. Чунон ки устоди азиз Сангов Қайюм дар курси 1-уми ба мо дарс гузашта буд, дар бораи дӯсти ҳақиқӣ чунин гуфта буд: "Агар дӯсти содиқу вафодор пайдо кунед, бо вай чунин рафтор кардан лозим аст. Кас бояд ба чунин дӯст молу чизро дареғ надорад. Ба ӯ ҳамин қадар чиз диҳад, ки ҳоҷаташ барояд. Розашро ба касе нагӯяд. Айбашро ба мардум нагӯяд, вале ба худи ӯ гуфтан лозим аст, ки аз пайи ислоҳи он шавад. Суханашро бодиққат гӯш кунад. Бар суханони вай эътироз накунад, яъне айб наҷӯяд. Ҳатто дар набуданаш ҳурматашро нигоҳ дорад. Агар лозим шавад ба ӯ насиҳат кунад, аммо бе душворию дағалӣ ва бе сухани сахт ба ӯ хизмат нафармояд, ба шодиаш шодӣ кунад, дар ғамаш шарик бошад. Аввалин шуда, ба вай салом диҳад, дар миёни суханони вай сухан нагӯяд. Ҳар чизеро, ки ба худ намеписандад, ба вай ҳам раво набинад. Бо душманони ӯ дӯстӣ ва бо дӯстонаш душманӣ накунад."

## ХУШУНАТ БАР ЗАНОН ЧАРО?

*Макнунаи ОДИЛ, донишҷӯи соли 1-уми факултаи омӯзгорӣ*



Мутобиқи моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зан ва мард назди қонун баробаҳуқуқанд. Ин ба он маъно аст, ки зан ҳам метавонад дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият шуғл варзад ва дар пешрафти муносибатҳои байнидавлатӣ саҳми босазои худро гузорад. Айни замон тараққиёти соҳаҳои гуногуни идораи давлатӣ маҳз тавассути роҳбарии занон сурьат гирифта истодааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки зан тарбиятгари омма ба ҳисоб меравад, зеро бе мавҷудияти ин шахси воломақом мо насли наврас дар ишғол намудани мақоми худ дар ҷомеа танқисӣ хоҳем кашид. Дар ду даҳсолаи охир нисбат ба зан ва мақоми ӯ дар ҷомеа аз ҷониби Котиби Генералии СММ дастгириҳои амиқе ба роҳ монда шуд, ки зан ва мақоми ӯро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Зуроварӣ нисбат ба зан дар мамлакатҳои Осиёи Миёна маъмулӣ ба ҳисоб мерафт, бинобар ин, пешниҳодоте, ки аз ҷониби Котиби Генералии СММ Пан Ге Мун эълон шуда буд, дар пешрафти мақоми зан саҳми арзанда гузошт. Дар он пешниҳод оид ба 16 рӯзи мубориза бар зидди зуроварӣ нисбат ба занон, ки 25-уми ноябр оғоз ёфта, 10-уми декабр бо таҷлили рӯзи ҳуқуқи башар анҷом ёфт. Ҳар як фарди соҳибилм ва соҳибмартабаро мебояд, ки ба ҳуқуқи зан эҳтироми хоса зоҳир намуда, ба хушунат алайҳи занон ҳарф назанад ва барои пешгирии чунин ҳуқуқвайронкуниҳо чораҳо андешад.

## ҒОЛИБ МУАЙЯН НАГАРДИД!

Ба 50 саволе, ки дар даври 6-уми озмуни саволу ҷавоб ба хонандагон пешниҳод гардида буд, 6 нафар ҷавоб ирсол карданд. Аз ин шумора ягон нафар бехато ҷавобҳоро пешниҳод накардаанд. Аз ин рӯ, мо касеро ғолиб эълон карда наметавонем.

Хонандагоне, ки ҷавоб пешниҳод кардаанд, инҳоянд: Суфиев Хайриддин (06.05.2019, соати 11:57, 11 хато), Исоев Анушервон (10.05.2019, соати 08:37, 18 хато), Тошматов Умарҷон (11.05.2019, соати 09:30, 14 хато), Раҳматов Далер (11.05.2019, соати 09:30, 14 хато ), Шукронаи Маҳмадӣ (11.05.2019, соати 11:02, 20 хато) Давлатов Зоир (11.05.2019, соати 15:55, 19 хато)

Ғолиб касе мегардад, ки ба ҳамаи саволҳо пеш аз дигарон ҷавобҳои дуруст гардонад. Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, ба идораи рӯзнома ташриф биорад ва ҷавобҳои пешниҳодкардаашро бубинад.

*Меъёри дӯстони дағал рӯзи ҳоҷат аст,*
*Қарзе ба дасти таҷриба аз дӯстон талаб.* Соиб



# РЕКЛАМА ВА ҶОЗИБИЯТИ ОН ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР



*Насриддин МАҲМАДАЛИЕВ, сардори Маркази рушди касбият ва инноватсия*



Реклама аз калимаи лотинии "reklamar" гирифта шуда, маънои баланд фарёд кардан ё огоҳ карданро дорад. Реклама - ҳаргуна машварат, интиқолу ҳаракати ақидаи харидорикардашуда оиди мол ё хизматрасони фаҳмида мешавад, ки сарчашмаи аниқи маблағгузориро доранд. Реклама бояд чунин хусусиятҳоро доро бошад, аз қабили ба харидорон додани маълумоти зарурӣ барои харид ва истифодабарии мол ё хизматрасони бошад инчунин бо хусусияти таъсиррасонии худ ба одамон таъсири рӯҳӣ (психологӣ) мерасонад. Аз рӯи ин хусусиятҳояш маълум мешавад, ки реклама ҳам илм, кор ва ҳам санъат аст.

Дар ҳамин замина, соҳиби моли хуб будан ё худ истеҳсол кардан маънои онро надорад, ки шумо он мол ё маҳсулотро ба осонӣ метавонед ба фурӯш бароред. Аслан аз қадим дар тиҷорат ва савдо маркетинг ва реклама фаъолият мекард. Мақсад ва ҳадафи асосии реклама ва маркетинг ин мол ва маҳсулотро ба муштариҳо (истеъмолкунандагон) шунавонидан ва расонидан аст. Яъне, маркетинг ва реклама ғайр аз оне, ки фаъолияти тиҷоратӣ аст, аз як тарафи дигар хизмат ба халқ ба шумор меравад.

Алҳол рекламаҳое, ки дар телевизионҳо, радио ва рӯзномаҳо намоиш дода мешаванд бо як суръати баланд ба интернет ҳам рафта мерасанд. Аз ин пешравӣ ё тараққиёт роҳи гурез набуда, маҳз ҳамин сабаб мешавад, ки интернет оҳиста-оҳиста рекламаро аз дасти телевизион, радио ва газетаҳо гирад.

Махсусан, рекламаҳое, ки дар интернет аз тарафи ширкати Гугл (Google) ба мисоли ADSENSE ва ADWORDS барин рекламаҳо диққати ҳамаро ба худ ҷалб менамояд.

Шояд ҳамин сабаб мешавад, ки рӯзнома ва телевизион дар масалаи офаридани рекламаи беҳтарин мисли Google (Гугл)ояндабинона фикр намекунанд, аз ин хотир, кафо мемонанд. Онҳо нисбат ба интернет фикри оддӣ дошта, танҳо як веб-сайт сохта, дар онҷо рекламаҳои сода гузошта, корашонро давом медиҳанд. Дар ин ҳолат онҳо танҳо тамошобини рекламаи интернет мегардtargetanду халос.

Акнун ҳама дар веб-сайте, ки кушодааст, метавонад ба осонӣ филми рекламаи худро пахш карда гузорад. Дар замони муосир акнун ҳар нафаре метавонад ҳам идоракунанда ва ҳам нависандаи рекламаи худ, инчунин ҳунарманди он (актёри он) шавад. Аз ин пешравӣ ҳама, бахусус истифода барандагони интернет хушнуд мегарданд.

Ғайр аз ин, акнун ҳар кас ба осонӣ рекламаи худро ба ютуб (Youtube) ва фейсбук (Facebook) метавонад гузорад ва таблиғ кунад, вале қаблан бояд фикри тарзи офаридани рекламаи ҷозибро набояд фаромӯш кард. Дар байни ин ҳама нафароне, ки реклама месозанду намоиш медиҳанд, итминонан коре, ки мисли ҳама мекунед, таъсире намегузорад.

Ҳар нафаре, ки дар кори реклама, маркетинг ва муомилоту фурӯш бошад:

1. Бояд бисёр хуб бидонад, ки майнаи сари инсонҳо чӣ гуна кор мекунад, чунки инсонҳоро майнаи сарашон таъсир мерасонад. Махсусан, шарт аст, ки бояд бидонем барои фаромӯш нагардидани реклама чӣ корҳо метавон кард.

2. Танҳо донистани чӣ гуна таъсир расонидан ба майнаи сар кофӣ нест барои роҳи ҳалли ин масъала лозим меояд, ки ихтироъкорона, навоварона фикр карда тавонем. Барои ихтироъкорона фикр кардан бояд техникаю усулҳои идеалиро бидонем.

Дар ин замина, ҷиҳати рушди зеҳнӣ метавонед маълумоти бештар аз интернет ва адабиётҳо хонда истифода баред.

Хуб, филми рекламаи таъсирнок ва диққатҷалбкунанда чӣ гуна бояд бошад? Филми рекламаи хуб бояд кадом хусусиятҳоро доро бошад? Агар аз ман бипурсед, ки "Филми рекламаи таъсирнок ва ҷозиб чӣ гуна бояд бошад? Дар бораи он як мисоле оварда метавонед?" Дар ин мақола ман ҳам ҳамин чизро нишон додан мехоҳам.

Мавзӯъро дароз кашида, адабиёт истифода бурда, шуморо дилгир кардан намехоҳам.

Филми рекламаи таъсирнок ва диққатҷалбкунанда бояд ин хусусиятҳоро доро бошад:

1. Бояд оддӣ бошад. Чизеро, ки фаҳмонидан мехоҳед, филми рекламаи онро оддӣ ва содда нишон диҳед.

2. Бояд алокамандӣ дошта бошад. Дар филми реклама ҳикояе, ки намоиш дода мешавад, ё чизеро ки нишон медиҳед, мустақиман алоқаманд бошад.

3. Бояд ҳайронкунанда бошад. Махсусан, бояд чизеро нишон дод, ки диққати тамошобинонро ба худ ҷалб кунад ва интизори онро надошта бошанд. Ҳамзамон, бояд тамошобини навро ба фикри зеҳнӣ водор карда ба тааҷҷуб оварад.

4. Бояд равшан ва мустаҳкам бошад. Паёмеро, ки расонидан мехоҳед, бояд ба майнаи сари инсонҳо бисёр мустаҳкам доғи худро гузорад.

5. Бояд рангоранг бошад. Филми реклама бояд ранги ҳиссиётӣ дошта бошад. Реклама бояд ҳиссиёти даруни инсонҳоро бедор кунад.

6. Бояд боварикунанда бошад. Паёме, ки дар филми рекламаи шумо нишон дода мешавад, бояд тамошобинро водор ба бовар кардан кунад.

Хулоса, реклама бояд хусусиятҳои равшан, оддӣ, оммафаҳм, алоқаманд, ҳайронкунанда, ҳиссиёти рангорангӣ ва инчунин боварикунандаро доро бошад.

# ҶОПОНИҲО АЗ МО ЧӢ ФАРҚ ДОРАНД?

Ҳама гуна давлат, шаҳр, ҳар як соҳа ва умуман тамоми чизи дар дунё буда, ба худ як аҷибиятеро дорост. Бисёриҳо барои донистани фактҳои аҷиб шавқ доранд ва мехоҳанд аз ҳама гуна фактҳои шавқовар бохабар бошанд. Донистани чунин фактҳои ҷолиб инсонро рӯҳи тоза мебахшад. Шумо низ пайваста кӯшиш кунед, то аз ҳама гуна навгониву аҷоиботи олам бохабар шавед, зеро дар ҳақиқат аҷибиҳои дунё зиндагии Шуморо аҷиб мегардонанд. Дар ин ҷо мо ҳоло фактҳоеро зикр мекунем, ки барои Шумо аҷиб мебошанд. Пас, таваҷҷӯҳ кунед:

Ҷопониҳо бисёртар шахсонеро ҳурмату эҳтиром мекунанд, ки ҳадди ақал ба забонашон як ё ду ҷумла ҳарф зананд. Онҳо дар он фикранд, ки омӯхтани забонашон бисёр мушкил ва ғайримуқаррарист.

Дар Ҷопон синну соли боақл ва мефаҳмидагӣ аз 13-сола болост. Нафароне, ки ин зинаро тай намудаанд, барояшон алоқаи ҷинсии ихтиёрӣ ҷиноят ҳисобида намешавад.

Зиндагии оилавии ҷопониҳо бисёр аҷиб аст. Дар онҳо бародар ва хоҳар тамоман бо ҳамдигар ҳарф намезананд, ҳатто рақамҳои телефони якдигарро надоранд.

Халқи Ҷопон як одати аҷибе доранд, ки ба вохӯрӣ ва ё ба ҷойи даъватшуда, кӯшиш мекунанд, ки ҳадди ақал ним соат пештар ҳозир шаванд. Онҳо кӯшиши саривақт ва дар вақти таъиншуда расиданро хуш надоранд. Кӯшиш мекунанд, ки барвақттар ҳозир шаванд.

Дар Ҷопон дар рӯзҳое, ки эҳтимоли боридани борон дар назар аст, мардум дар даст чатр намегиранд, зеро дар кӯчаву хиёбонҳо ҷойҳои чатрмонӣ сохта, дар он ҷо чатрҳои ройгон гузошта шудаанд. Вақте ки борон меборад, дилхоҳ кас метавонад аз он ҷо чатр гирад ва вақте ки борон тамом мешавад боз чатрро дар ҷойи дигари чатрмонӣ гузошта мераванд.

Дар кӯчаҳои шаҳру минтақаҳои Ҷопон тамоман қуттиҳои ахлотпарто дида намешаванд. Тамоми ахлотро онҳо ба хона оварда, ба намудҳо ҷудо мекунанд. Масалан, ахлоти шишапорaро ҳеҷ гоҳ бо қоғаз ва ё ахлоти даргирандаро ҳеҷ гоҳ бо ахлотҳои дарнагиранда намегузоранд.

Дар Ҷопон мардумро ба нафақа намебароранд. Мувофиқи қонун шахсе, ки қобилияти корӣ дошта бошад, новобаста аз синну сол, то лаҳзаи охири ҳаёт метавонад дар вазифааш кору фаъолият намояд. Нафақа дар он ҳолат ва ба касоне дода мешавад, ки дигар қобилияти кор кардан надоранд. Маблағаш ҳам бениҳоят кам аст.

Дар Ҷопон аз ҳама маҳсулоти қимматтарин мевагӣ ва тарбузу харбуза ба ҳисоб меравад. Ҷопониҳо барои хариди як дона шафтолу то 5 доллар ва барои хариди як кило харбузу тарбуз, ҳатто 1000 долларро сарф мекунанд.

Соли хониш дар мактабҳои ҷопонӣ аз 6-уми апрел оғоз мешавад. Дар мактабҳояшон дар як сол ҳамагӣ се маротиба таътил ҷой дода шудааст. Аз 6-уми апрел то 20-июл, дуюм аз 1-уми сентябр то 26-уми декабр ва сеюм аз 7-уми январ то 25 -март.

Фарҳанг, забон, халқият, умуман тамоми ҷиҳатҳои як давлат ба давлати дигар монандӣ надорад. Дар онҳо дигаргуние ба назар мерасад. Бинед, урфу одати ҷопониҳо, хислатҳояшон, фарҳангашон аз мо ба куллӣ фарқ мекунад.

***https://navju.tj***

# АКСҲОИ ГӮЁ








## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

**Ба кроссворди шумораи гузашта 8 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кард: Давлатова Қаламнисо (06.05,2019, соати 15:16, 18 хато), Баротов Бобоҷон (07.05.2019, соати 07:33, 12 хато), Давлатов Таваралӣ (07.05.2019, соати 07:33, 13 хато), Сатторов Шароф (07.05.2019, соати 08:01, 5 хато), Ҳалимова Мавҷуда (07.05.2019, соати 08:30, бехато), Ҷабборов Раҷабалӣ (08.05.2019, соати 12:48, 3 хато), Ҳошимова Дилрабо (10.05.2019, соати 09:59, 3 хато), Латифов Бобоҷон (11.05.2019, соати 14:18, 8 хато)**

**Чунон ки аз таърихи рӯз ва соати пешниҳоди ҷавобҳо мебинед, Ҳалимова Мавҷуда кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пеш аз ҳама пешниҳод кардааст. Ғолиб устод Ҳалимова Мавҷуда мебошад!**

**Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад. Дониши худро сайқал диҳед, ҷӯянда бошед ва насиби мукофотпулӣ дар ҳаҷми 100 сомонӣ гардед!**

**Мӯҳлат то 12-уми май муайян гардидааст.**

Қоидаву расмҳо
Суханҳои “пуч”
Исми падари пайғамбар (с)
онкология
Тоат
Соҳаи тандурустӣ
Барандаи кастингҳои ТВ «Сафина»
Футзиямаи хурди Ҷопон





Фарзанди Марям (а)
Асосгузорӣ
Чаппа, инъикос
Чопхона
Орзу, умед
Нақш, тасвир
Гармӣ, ҳарорат
Ҳашароти меҳнатӣ
Хот-..., навъи бутерброд
Бадзот, нокас, бадкирдор
Таассубкунанда
Ҳаҷҷи асғар
Баҳои панҷ
Муқобилмаънои «пирӣ»
Дарёҳои Вахшу Панҷ баъди якҷояшавӣ
Аҳли адаб
Маводи озуқа
Асъори Кореяи Шимолӣ
Нақши машҳури Ален Делон
Гаҷи шикастабандӣ
Шаҳри қадимаи арманӣ
Давлати қадимаи Чин
Муаллифи "Бадоъ-ул-Вақоеъ"
Аз сар то по
Гунаҳкор, муҷрим
Хати ҳаракат
Зарфҳои ошхона
Шарм, изо
Владимир ... Путин
Нерӯҳои баҳрӣ ё ҳавоӣ
Шабиравон
... "Новости", агентии иттилоотӣ
Меҳмон ... Худост, дар урфият
Дарё дар Русия
Чиз, мол
«Капитал ...», «Поле чудес»
Шоҳмотбозӣ
Абдусалом ..., шоир
Падари Сом (с)
соҳиби ифтихор ва обрӯ

Ҷавобҳои кроссворди шумораи № 8 (290) аз 6.05.2019

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | П | А | Й | М | У | Д | А | Н | | Б | Е | Б | А | Ҳ | Р | А | | |
| Ҳ | | | | | | | | Б | | | Д | | | | | | | | Д |
| А | | | | | | | Ф | У | Р | С | А | Т | | | | | | | А |
| М | | | | | | | О | | | Е | | А | | | | | | | Р |
| С | | | | | | | Ш | О | И | Р | | Л | | | | | | | М |
| И | | | | | | | | Б | | П | А | Л | | | | | | | О |
| Н | | | | | | | | О | Ҳ | У | | И | | | | | | | Н |
| Ф | А | Р | А | Ҳ | М | А | Н | Д | | Х | О | Н | О | | | | Т | А | Н |
| | Н | | Б | | А | | | О | Р | О | | | Б | А | Н | Д | А | | О |
| | К | | А | | Ҷ | И | Я | Н | | В | А | З | И | Р | | | Р | Е | П |
| М | А | Ҳ | К | У | М | | | | | | | | | И | О | Н | А | | А |
| | | А | | | У | | | | | | | | | | Т | | Р | О | З |
| Х | У | Л | О | С | А | | | | | | | | | Н | А | В | | | И |
| О | | О | | А | | | | | | | | | | У | | О | З | А | Р |
| Т | | В | | Р | | | | | | | | | | Ҳ | А | Р | | Б | |
| И | В | А | Н | О | В | | | | | | | | | | К | | | Ё | |
| Р | | | | | О | | | | | | | | | А | Р | А | С | Т | У |
| П | У | Х | | У | Р | Т | О | Қ | | О | К | У | Н | | | Қ | | | Н |
| А | | Е | | | И | | Я | | Ю | | А | | А | | | А | У | Д | И |
| Р | | Ш | И | Д | Д | А | Т | | Л | И | В | Е | Р | П | У | Л | | | В |
| Е | | | | | | | А | Т | И | | К | | | | | | | | Е |
| Ш | | | | | | | Л | | Й | | А | | | | | | | | Р |
| О | | | | | | | К | | | А | З | М | | | | | | | С |
| Н | | | | | | | У | Р | А | Н | | А | | | | | | | И |
| | | | | | | | Р | | | А | Қ | Д | | | | | | | Т |
| | | | | | | | С | А | Х | Т | | О | | | | | | | Е |
| Ҳ | А | М | А | Д | О | Н | И | | | А | Г | Р | О | И | Н | В | Е | С | Т |

Зидди рав
Яке аз қабилаҳои араб
Аз полк хурдтар
Пур (лаҳҷа)
Гӯр
Маҷмӯаи Бозор Собир
Ҷумла дар сураи Қуръон
Кабинет (тоҷ.)
Барахна
Садои зоғ
Гармӣ, ҳарорат



Шағал
Мубодила
Модар (лаҳҷавӣ)
Дарё дар Судон
Шарму ҳаё
Дарё дар Олмон
... Юсупова, овозхон
Мотам
Бинокорӣ



## ДИҚҚАТ!

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 100 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**

# СУХАНИ МОНДАГОР

АҲМАД ИБНИ ҲАНБАЛ



*Фарзанди азизам, ҳаргиз дар ҳаёти оилавӣ ба саодату хушбахтӣ ноил намегардӣ, магар дар сурате, ки даҳ хислатро ба ҳамсарат бубахшӣ. Пас, онро аз ман дар ёдат бисупор ва дар нигаҳдории он ҳарис бош! Аммо насиҳати якум ва дуюми ман бароят: Одатан занон нозу карашмаву ҳазлу шӯхӣ бо шавҳар ва ошкор изҳори муҳаббатро дӯст медоранд. Пас, дар иҷрои ин ду хоҳиши зан бахилӣ макун, зеро агар дар иҷрои он бахилӣ намудӣ, миёни худат ва ҳамсарат пардае аз дуруштӣ ва нуқсон дар муҳаббат қарор медиҳӣ. Аммо насиҳати сеюми ман бароят: Одатан занон марди дурушти тундхӯйро дӯст намедоранд, аммо дар баробари ин мардони аз ҳад зиёд нарму хушрафторро зери пой мекунанд ва онҳоро мавриди суистифода қарор медиҳанд. Пас, ҳар сифатро дар ҷойи худаш қарор бидеҳ ва миёни ду ҳолат қарор бигир, зеро маҳз ҳамин рафтор муҳаббатро тарафайнро бештар ҷалб мекунад ва оромиши равониро дар зиндагиат меорад.*

## АМАЛҲОИ ОДДИЕ, КИ ХУШБАХТАТОН МЕГАРДОНАД

*Ҷаҳон бо ҳама аҷибияти худ баъзан вақт ҳамагонро дар ҳайрат мегузорад. Бисёриҳо аз баъзе навгониву фактҳои аҷиби дунё огаҳ ҳастанд, вале фактҳое ҳаст, ки барои ҳамагон аҷибтаранд. Агар дар хондани матлаби бисёр дилгир шавед, пас ҳоло мавриди корҳое, ки шуморо*



*хушбахт ва болидарӯҳ месозанд, ҳарф мезанем. Дар ҳақиқат, ҳамаи инсон ҳаёти хуш гузаронданро мепазирад, вале баъзеҳо намедонанд, ки чӣ гуна ҳаёташонро хуш гузаронанд. Идомаи матлаб ба манфиати шумост, пас шурӯъ кунед!*

*1. Ҳар саҳар давидан ҳам ба саломатӣ ва ҳам ба хуш гузаронидани рӯз ба Шумо кӯмак мекунад. Барои ҳамин кӯшиш кунед, то ҳар саҳар каме ба давидан организматонро одат кунонед. Шумо аз иҷрои ин амал пушаймон намешавед ва ҳам умри дароз ва саломатии дурустеро ба даст хоҳед овард.*

*2. Ҳеҷ чиз ва ё амали дигаре ба ғайр аз саёҳат бо дӯстон дар хотироти Шумо қавитар боқӣ намемонад. Агар дар хона дилгир шуда бошед, бо дӯстони наздикатон ба саёҳат равед. Ҳатман барои болидарӯҳии Шумо беҳтарин тавсия мебошад.*

*3. Агар ба тамошои филм шавқ надошта бошед, пас китобҳое ҳастанд, ки аз филмҳо дида аҷибтаранд. Дар ҳолати гамгиниву бекорӣ, хондани китобҳои шавқовар ба рӯҳияи Шумо манфиат меоварад ва ҳам вақти Шуморо хуш ва мафкураатонро васеъ месозад.*

*4. Шаведу дар хона бисёртар дилгир шудед, метавонед бо дӯстон якҷоя бозии футбол гузаронед. Ҳам аз дидори дӯстонатон шод мегардед, ҳам ба саломатиатон фоидае меоваред ва ҳам вақтатонро хуш мегузаронед. Аз Шумо фақат ҳаракат зарур асту бас.*

*5. Магар медонед, ки бори охир кай ва аз ҷониби кӣ Шумо латифае шунида будед? Агар ба хондани китоб ҳамагон завқ надошта бошанд ва ё аз тамошои филм ҳамагон лаззат набаранд, албатта аз шунидан ва ё дидани навори ҳазломезе ҳамагонро хушашон меояд. Худат ҳам нахоҳӣ вуҷудат барои бартараф кардани гаму андӯҳ ба ҳазлу шӯхиҳо ниёз дорад. Барои ин ба Шумо тамошо ва ё хондани беҳтарин латифаҳои ҳаҷвиро тавсия медиҳем.*

*6. Аз ҳама арзишмандатарин чиз барои ҳар як кас дар зиндагӣ оилааш ба шумор меравад. Оё боре бо тамоми аҳли оилаатон якҷоя хӯрок хурдаед ва ё сӯҳбате оростаед? Ҳадди ақал дар як ҳафта ё дар як моҳ як-ду маротиба кӯшиш кунед, то оилаатонро сари як миз ҷамъ оваред. Ин, албатта меҳри тамоми аъзои оилаатонро ба якдигарӣ зиёд мегардонад ва барои ҳал намудани мушкилиҳои оилавӣ низ тавсияи хубе ҳаст.*

*https://navju.tj*

## ЛАТИФАҲО

Ҷавонмарди тоҷик фирма мекушояд. Рӯзи якум дар офис, нав ҳама ҷо ба ҷо шудааст. Ногаҳон дарро кимке мекӯбад. Ӯ худро ба кресло партофта, гӯшаки телефонро мегираду бо овози баланд мегӯяд, дароед. Марде дар даст сумка медарояд. Ҷавонмард бо телефон:

-Не, имрӯз наметавонам, корамон бисёр, муштариҳо бисёр, ман шуморо ба навбат менависам. Баъд гӯшаки телефонро гузошта, аз марди омада мепурсад:

-Бубахшед, кор бисёр ва муштариҳо беист занг мезананд, ба шумо чӣ хизмат кунам?

Марди меҳмон дар ҷавоб:

-Ман аз шабакаи телефонӣ, омадам телефони офисатонро ба шабака пайваст кунам…

ХХХХ

Тумани ғафс. Зане пушти чанбараки мошин ҳеҷ чизро намебинад ва бо габаритҳои мошини дар пеш буда рафтан мегирад. Ногаҳон мошини дар пеш буда меистад. Зан, албатта мошини дар пеш бударо мезанад ва аз мошин бо шаст фаромада, ба сӯи ронанда медавад:

-Ҳой мардак, чаро ту мошинро ногаҳон манъ мекунӣ?

-Бубахшед бону, лекин ман ба хонаи мошини худам даромадам.

ХХХХ

Дар бозор марде тӯтии гӯёро мефурӯхт, ки дар як пояш лентаи сабз дар дигараш сурх баста шуда буд. Марди харидор мепурсад:

-Чаро дар пойҳояш лентаҳои рангоранг баста шудаанд?

-Агар лентаи сабзро сахттар кашед, бо русӣ сухан мекунад, сурхашро кашед бо англисӣ…

-Агар ҳарду лентаро сахтакак кашам-чӣ?

Тутӣ ба ғазаб омада:

-Чӣ мешавад… чӣ мешавад… дар болои сарат а..аа мешавад.

ХХХХ

Зан ба шабакаи телевизионӣ занг мезанад:

-Илтиҷо мекунам, навиштаҷоте, ки аз таг медаванд дигар нишон надиҳед. Шавҳари ман фикр мекунад, ки ин караоке аст, аллакай ба сурудхонӣ даромадааст.

ХХХХ

Ин амрикоиҳо аҷоиб дурусткор, босабр ва одамони нек ҳастанд.

-Ҳа, ин ҳатто аз филмҳояшон маълум аст. Чанговари хунин, ки дар рафти он як - ду ҳазор одамро ғарқи хун мекунанд. Дар охир навиштаҷоте пайдо мешавад:

-Вақти ба навор гирифтани филм ягон ҳайвон зарар надидааст.

ХХХХ

Лаби дарё мард бо шаст моҳии тиллоии сеҳрнокро медораду боз озод карда ба об мепартояд. Ҳамин тавр се бор. Бори сеюм моҳичаи тиллоии сеҳрнок тоқат накарда, аз ӯ мепурсад:

-Эй мард, чаро ту ҳеҷ чиз талаб намекунӣ, кӣ ҳастӣ?

- Роман Абрамович…

-Духтур, се моҳ пеш шумо гуфтед, ки ман ревматизм дорам ва бояд аз ҷои намнокӣ худро эҳтиёт кунам.

-Бале, чӣ буд?

-Бигӯед, метавонам ман ақаллан соли нав оббозӣ кунам?…

ХХХХ

Як навъи қаллобӣ бо телефони мобилӣ пайдо шудааст. Барои пур-



ра фаҳмидан шумо бояд СМС ба рақами 666 равона кунед. Матнашро бо калимаи ЛОХ сар кунед. Агар аз якум бор нашавад, 3-4 бори дигар такрор кунед. (СМС - 1,60 доллар арзиш дорад).

ХХХХ

Бачаҳо, моҳи оянда ман ба шавҳар мебароям. Як шабнишинии хурдакак танҳо барои одамони наздик мешавад. Тӯҳфа даркор нест. Танҳо ҷавонмардеро биёред, ки маро ба занӣ гирад.

ХХХХ

Марде, ки занаш вафот кардааст ба писараш:

-Бачам, мо ин ҷо бо арӯси ту маслиҳат кардем. Акнун ӯ меҳоҳад модари ту шавад.

ХХХХ

Дар толори суд.

-Юнус, чаро вақти хондани ҳукм бояд хезӣ?

-Чунки баъди ин дуру дароз шиштан даркор.

ХХХХ

-Мардак, ёд дорӣ, тобистон ба шикор рафта будӣ-ку?

-Бале, ёд дорам, чӣ буд?

-Рӯбоҳи ту занг зада буд, гуфт, ки ҳомиладор шудааст.

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

КАРИМОВ САМАРИДДИН, доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илмҳои фалсафа, профессор

ҶУМЪАХОН АЛИМӢ, доктори илмҳои филологӣ, профессор

ХОЛИҚОВ САФАР, номзади илмҳои химия

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ЗАФАР МИРЗОЁН, ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ГАДОМАД ЗУЛФИЕВ

САҲИФАБАНД:
МУНИСА КАРИМОВА

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба ухдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДММ “Мега-принт” ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-16-75-69; 981-00-02-19